# МабодииИслом

(مبادئ اسلام)

**Муаллиф:**
Имом Абӯлаъло Мавдудӣ

**Мутарҷим:**
Халил Аҳмад Ҳомидӣ

# Тақдим

بسم الله الرحمن الرحيم

الحمد لله رب العالمين والصلاة والسلام على أشرف الأنبياء والمرسلين وعلى آله الطيبين الطاهرين وصحابته الغرة الميامين وعلى من دعا بدعوته وعمل بسنته إلى يوم الدين، وبعد:

Китоби «**Мабодии Ислом**» ороста бо тарҷимаи форсӣ ҳадя барои хонандагони форсизабон аст. Сездаҳ сол пеш ин тарҷима дар кишвари Ирон чоп гардида буд ва як дӯсти иронӣ инро аз нусхаи Арабӣ ба забони Форсӣ мунтақил карда буд. Пас аз он чандин чопҳои ин тарҷима дар ҳар сол интишор ёфт ва чун Иттиҳоди Оламии Созмонҳои Донишҷӯён инро дар адаби ишоати худ шомил карда буд, ин китоб мавриди писанди бисёре аз мардум қарор гирифт. Бидуни муболиға ин китоби ба забони форсӣ чоп шуда, то кунун ба теъдоди миллион нусха дар дастраси хонандагон қарор гирифтааст.

Ин тарҷимаи китоб, ки ҳоло пеши хонандагон аст, музайян ба таҷдиди назар ва пештар аз ин асоси тарҷимаи форсӣ як нусхаи арабӣ будааст. Вале дар вақти таҷдиди назар асли матни китоб ба забони Урдуро пеши назар дошта, то тарҷимаи китоб ва асли матни китоб аз мутобиқати том бо ҳам мувофиқ бошанд ва ба ҳамин хотир чопи ҳозираи ин нусха аз чопҳои нахустин ихтилофи зиёде дорад. Ва ҳамин чоп ҳозира музайян ба таҷдиди назари дар воқеъ дуруст ва мутобиқ ба асл ва қобили эътимод аст.

Ҳамчуноне, ки маълум аст, муаллиф асли китобро дар соли 1936 барои донишҷӯёни дабиристон ба забони Урду таълиф карда буд, вале фикри саҳеҳ ва услуби сода ва истидлоли мантиқӣ, ки ин китоб аз ин сифатҳо пеш аз пеш бархурдор буд, ин китоб дар тамоми дунё шуҳрат касб кард ва қабули ҳамагон қарор гирифт. Ва то кунун ба 30 забони дунё тарҷума шуда ва дар қорраҳои Осиёву Африқо ва Аврупо ривоҷ пайдо кардааст. Ва ба баъзе забонҳои Африқоӣ, монанди Савоҳилӣ ва забони Ҳусо низ тарҷима шудааст. Дар

тамоми дунё, ҷое, ки ҷунбишҳои исломӣ масруфи амал ҳастанд ва ҳар ҷое, ки пайравони даъвати исломӣ мавҷуданд, ин китоб дар манҳаҷи тарбиятии онҳо қарор дорад.

Умед дорем, ки ошиқони забони форсӣ ва аз ин китоб асли паёми муаллифро дар зеҳнҳои худашон русух хоҳанд дод ва китоб онро ба як омили муҳаррик барои қиёми ҷунбиши исломӣ дар муқобили равиши куфр, ки асли муҳтавои ин китоб аст, табдил хоҳад дод.

**Халил Аҳмад Ҳомидӣ**
**Мудири Дорул-Уруба барои даъвати исломӣ**
**Мансура- *Лоҳур*-18- Покистон**

# Фасли аввал
# Ислом
## Чаро дини Ислом бо ин исм номгузорӣ шудааст? Маънои калимаи Ислом. Ҳақиқати Ислом. Ҳақиқати куфр. Зарарҳои куфр ва авоқиби зишти он. Фавоиди Ислом.

## Чаро дини Ислом бо ин исм номгузорӣ шудааст?

Ҳамаи диёнатҳои мухталифе, ки дар рӯи замин вуҷуд доранд, ба номҳои махсус ба худ номида шудаанд, ба ин маъно, ки ҳар як ё ба номи марди хос ё ба миллати муайяне, нисбат дода шуда аст.

Масалан, дини Масеҳӣ номашро аз ҳазрати Масеҳ гирифта ва кеши Будоӣ, ба номи "Будо", муассиси ин кеш маъруф шуда ва диёнати Зардӯштӣ бо исми Зардӯшт, муассис ва парчамдори ин дин, машҳур гардида аст. Диёнати Яҳудӣ низ ба муносибати ин, ки дар миёни қабилаи маъруф ба "Яҳудо" ривоҷ гирифта, ба номи яҳудият шӯҳрат гирифта аст ва ҳамчунин соири адён, магар дини Ислом, ки на ба номи марди хосе номида шуда ва на ба номи миллати муайяне, балки номи Ислом далолат бар сифати хосе дорад, ки ҳамин сифат дарбаргирандаи маънои калимаи Ислом аст.

Ба тавре, ки аз зоҳири ин исм ҳувайдос аст, дар эҷоди ин дин, на фарде аз афроди башар дахолат дошта ва на ин дин махсус ба миллате аз миллатҳом олам аст. Ин дин ҳеҷ нисбат ба фарде ё ба мулке ё ба миллате надорад, балки ҳадафи ин дин он аст, ки ҳамаи мардуми рӯй замин бо сифати Ислом музайян бошанд. Бинобарин ҳар касе чӣ дар гузашта дорои чунин сифате буда ва чӣ дар ҳоли ҳозир, мусалмон шинохта мешавад ва ҳар касе дар оянда низ ба чунин сифате ороста бошад, мусалмон хоҳад буд.

## Маънои калимаи Ислом.

Агар ба китобҳои луғати Арабӣ муроҷиъат кунед, хоҳед донист ки маънои калимаи Ислом иборат аст аз "**таслим ва имтисол**"? яъне пазируфтани амру наҳйи амркунанда ва наҳйкунанда бидуни эътироз. Ва ин дин аз он хотир "Ислом" номида шуда аст, ки итоати амри Худо ва таслим шудан ба фармони Худо -бидуни эътироз- лозимаи он аст.

## Ҳақиқати Ислом

Мусаллам аст, ки ҳар чизе дар ин ҷаҳон тобеъи қоидаи муайян ва қонуни хосе аст. Масалан офтобу моҳ ва ситорагон, ҳама таҳти қоидаи муайяне ҳастанд, ки ба қадри мӯйе аз ин қонун тахаттӣ ва таҷовуз намекунанд.

Замин ба даври меҳвараш мегардад ва аз он миқдору мизоне, ки аз лиҳози замон ва ҳаракату сайр барои он муқарар гардида, кӯчактарин тағйиру табдиле дар он дида намешавад. Обу ҳаво ва нуру ҳарорат, ҳама ва ҳама мутеъи назми хосе ҳастанд. Ҷамодоту наботот ва ҳайвонот зобитае доранд, ки рушду нумӯ ва афзоишу коҳиш ва зиндагиву маргашон, ҷуз ба муҷиби он зобита сурат намегирад! Ҳатто инсон вақте, ки дар вазъи вай дақиқ шавед, мебинед аз ҳар ҷиҳат мутеъи зобитаи табиъат аст, зеро ҷуз ин нест, ки ӯ нафас бикашад, магар мутобиқи зобитаи табиъате, ки барои ӯ муқарар карда шуда аст ва тибқи ҳамон зобита, ӯ ба обу ғизо ва нуру ҳарорат эҳсоси эҳтиёҷ кунад, роҳе надорад. Ва ҳамчунин ҳаракати қалби инсон ва ҷараёни хунаш ва дастгоҳи танаффуси вай, тобеъи ҳамин қонун аст. Ва низ ҳамаи аъзои бадани инсон монанди мағз ва меъдаву шиш ва аъсобу азалот ва дасту по ва забону чашм ва биниву гӯш, ҳама ва ҳама мутеъи ҳамон қонунанд, ки барои онҳо муқаррару муайян аст. Ва хулосаи гуфтор ин ки вазифаҳоеро, ки ҳамаи ин аъзо анҷом медиҳанд, чизе ҷузъи он чӣ табиъат мутассавир дошта, нест ва роҳе надорад магар ин, ки ба дастӯри муайяншуда амал кунад.

Бино ба он чӣ гуфта шуд, бояд донист, ин қонуни ҳамаҷонибае, ки дар ин ҷаҳон ҳукумат мекунад ва ҳама чиз аз

бузургтарин курра дар осмон, то кӯчактарин зарраи хок дар замин, мутеъ ва тобеъи он ҳастанд ва аз итоати он сарпечӣ надоранд, қонунеаст, ки фармонравои ҷалил ва муқтадире онро гузоштааст ва чун он чӣ дар осмону замин ва байни ин ду қарор гирифта, мутеъ ва тобеъи ин қонун аст. Дар ин сурат бояд гуфт: "**Ҳамаи ҷаҳон мутеъ ва фармонбардори қонун ва амри ҳамон фармонравое ҳастанд, ки онро гузоштааст**".

Бо таваҷҷӯҳ бо ин маъонӣ, рӯшану ошкор аст, ки Ислом дини саросари ҷаҳон аст, зеро ба тавре, ки қаблан донистед, маънои Ислом иборат аст аз: "**таслим ва имтисол**", яъне пазируфтани амру наҳйи амркунанда бидуни эътироз.

Дар ин сурат офтобу моҳ ва замин "**муслим**", яъне мусалмонанд ва ҳамчунин дарахту санг ва чаҳорпоён мусалмонанд. Балки инсоне, ки Худояшро намешиносад ва мункири вуҷуди Худо ва оёти ӯст ва ё ин, ки ғайри Худоро ибодат мекунад, ё барои Худо шарике қоил аст, аз лиҳози фитрате, ки бар асоси он офарида шуда мусалмон аст, ба далели ин, ки ҷуз ба муҷиби қонуне, ки Худо гузошта, вилодат ва ҳаёту марги вай сурат намегирад. Ва ҳамчунин тамоми аъзои бадани инсон, ҷуз дини Ислом, дине надоранд, зеро пайдоиш ва рушду ҳаракати аъзои бадани инсон, ҷуз ба муҷиби ҳамин қонуни Илоҳӣ ба василаи дигаре анҷом намегирад, балки ҳақиқати амр ин аст ки, забонеро, ки инсон онро аз рӯи ҷаҳлу беақлӣ дар изҳори ширку куфр ба кор мебарад, ба ҷуз дини Ислом, дини дигаре эътиқод надорад ва ҳамчунин сареро, ки инсон онро бо камоли кароҳат ва маҷбурӣ дар баробари ғайри Худо хам мекунад, бар ҳасби ангеза ва омили фитрате, ки ба муҷиби он офарида шуд, ҷуз Ислом дине надорад ва низ қалберо, ки аз рӯи нодонӣ ва сафоҳат, ҷойгоҳи муҳаббат ва эҳтироми ғайри Худоро дар он қарор медиҳад, бар тибқи фитрат ва ниҳоди аслӣ, мусалмон аст. Бинобарин бояд гуфт: ҳама чиз мутеъи амру таслими фармон ва қонуни Худованд аст.

Ҳоло, ки ин матлаб равшан шуд, аз дидгоҳи дигаре ба ин мавзӯъ менигарем ва мегӯем:

Инсон дар зиндагӣ, ду ҷиҳати мухталиф дорад:

**Ҷиҳати аввал** инаст, ки ӯ ҳамонанди дигар махлуқот ба ҳама тавр мутеъи қонуни фитрат аст ва аз ҷибиллат маҷбур аст, ки побанди он қонун монад.

**Ҷиҳати дуввум** инаст, ки ба инсон ақл ва нерӯи фаҳму таъаммул ва қудрати ибрози раъй ва назар дода шудааст.

Бадин муносибат аз ихтиёри худ ба амре таслим мешавад ва ба амри дигар мункир мегардад. Як роҳро дӯст медорад ва роҳи дигарро намеписандад ва барои ҷиҳатҳои мухталифи зиндагии худаш, қонун мегузорад, ё ин, ки тобеъи низом ва режиме мешавад, ки дигаре гузоштааст. Аз ин хотир бар хилофи соири махлуқоти ин дунё, ки ҳама тобеъи қонуни муайян ва мусалламе ҳастанд, инсон ба қонуни муайян ва мусалламми аслӣ, муқайяд нест, балки дар раъй ва амал дорои озодии фикр ва озодии ақидаву назар аст ва ҳар назареро, ки писандад, метавонад интихоб кунад.

Ин ду ҷиҳати мухталиф, ҳар як ҷудогона дар зиндагии инсон вуҷуд дорад, ба лиҳози ҷиҳати аввал ӯ монанди соири махлуқоти ин ҷаҳон, аз ҷибиллат мусалмон аст ва маҷбур аст, ки мусалмон шавад, чунон чӣ қаблан маълум шуд.

Аз ҷиҳати дуввум, ӯ мухтор аст, ки мусалмон бошад ё ғайри мусалмон ва ҳамин ихтиёр аст, ки инсонро ду навъ қарор медиҳад.

**Навъ аввал:** инсоне аст, ки офарандаашро мешиносад ва ба ӯ имон дорад ва ӯро парваришдиҳанда ва молику оқои худ медонад ва бо ихтиёре, ки дар зиндагии худаш дорад, ҳамон тавр, ки дар ҳаёти ҷабрӣ тобеъи қонун табиъии ӯст, аз қонуни шаръии ӯ низ бо ихтиёр пайравӣ мекунад. Ин чунин касе мусалмони комилест, ки исломашро ба сарҳади камол расонида аст, зеро ҳаёти ӯ дар чунин вазъе айнан ба сурати Ислом даромадааст ва ин чунин касе, ки қаблан бидуни эҳсосу шуъур мутеъи қонун буда, акнун бо камоли майлу рағбат Исломро пазируфта аст, инак бо қасду амд мутеъи қонуни Худо шуда аст, зеро ба ростӣ олим шуда ва донистааст, ки ин донишу маърифатро Худо ба ӯ марҳамат карда, донишу омӯзишро ба вай бахшида аст ва бадеҳист чунин касе дорои

ақли пухта ва фикри маҳкаме гардида аст, зеро фикрашро ба кор бурда ва сипас тасмим гирифта, ки ҷуз он Худоеро, ки мавҳибаи фаҳму раъй дар корҳоро ба ӯ марҳамат фармуда, касеро напарастад ва боз мусаллам аст, ки забони чунин касе аз руйи камоли сидқу ростӣ, ба ҳақ нотиқу гӯё шуда аст, зеро ҷуз ба Худои ягонаи мутаъоле, ки нерӯи нутқу калом ба ӯ дода, ба чизи дигаре иқрор ва эътироф надорад...

Ту гуӣ дар саросари ҳаёти чунин касе ҷуз сидқу ростӣ, чизи дигар вуҷуд надорад, зеро бо ихтиёр ва озодии тамом ва ҳамчунин било ихтиёр дар ҳар ҳолат ӯ мутеъи қонуни Худо шуда ва амри ӯро гардан гузоштааст. Дар натиҷа байни ӯ ва соири махлуқоти ҷаҳон робитаи ошноиву унсу улфат барқарор гардидааст, зеро ҳоло дигар ҷуз Худои Ҳакиму Алим, ки ҳамаи махлуқот тобеъи қонун ва мутеъи амри ӯ ҳастанд, ӯ чизи дигарро намепарастад. Инсон дар чунин ҳоле "халифа" яъне ноиб ва ҷонишини Худо дар рӯи замин қарор мегирад ва аз он ҷое, ки ҳар чӣ дар дунё аст мутаъаллиқ ба Худост, ҷонишин ва ноиби Худо низ молики ҳама чиз шинохта мешавад.

## Ҳақиқати куфр

Дар баробари чунин касе, инсони дигаре ёфт мешавад, ки мусалмон ба дунё омада ва дар саросари даврони зиндагияш бидуни ин, ки худаш эҳсос кунад ва бидуни ин, ки таваҷҷӯҳ дошта бошад, мусалмон зистааст, локин нерӯи ақлӣ ва илмияшро ба кор набурда, то ин, ки бидонад, чӣ касе ӯро офарида ва чашму гӯши ӯро боз кардааст. Ин чунин касе чун дар умури ҳаёташ ҳаққи тасарруфу мудохала ва озодии амал дорад ва ба иборαи дигар, чун мухтор аст, аз итоати Худо мункир гардида ва аз парастиши Худо худдорӣ карда ва такаббур варзида ва мутеъи қонуни шаръии Худо нашуда, ё нисбат ба Худо ширк варзида ва ба оёте, ки далел бар ягонагии ӯст, имон наоварда, ин чунин касе кофир аст, зеро маъноии куфр иборат аст; аз пӯшидан ва сарпӯш гузоштану хилофкорӣ кардан

Ба чунин касе, ки васфашро гуфтем аз он хотир "кофир" мегӯянд, ки фитраташро пӯшида ва сарпӯше аз нодониву сафоҳат рӯи фитраташ гузошта ва ҳоло ин, ки қаблан донистед, ки ин мард ҷуз бар фитрати Ислом зоида нашуда ва ҳеҷ узве аз аъзои бадани ӯ, ҷуз мутобиқи фитрати Ислом кореро анҷом намедиҳад ва он чӣ дар атрофи ӯ мегузарад, ҷуз тибқи сунани Ислом намегузарад, вале аз он ҷое, ки ақлашро ба василаи пардае аз ҷаҳлу сафоҳат пӯшонда, фитрати дунёву фитрати худаш, аз дидаи басирати вай пинҳон монда аст, ӯ ба хилофи фитраташ меандешад ва ба хилофаш роҳ вазиданро саъй мекунад, мулоҳиза мекунед, ки чунин касе қувваи фикриву амалии худашро ҷуз дар роҳи мухолифати фитраташ бакор намебарад ва он чиро мебинаду меандешад, мухолифи фитрати ӯст ва ҳеҷ гомеро бар намедорад магар ин, ки фитраташро ботилу зоеъ созад. Бо таваҷҷӯҳ ба ин маънӣ, метавонед миқдор ва мизони залолату гумроҳии кофир ва андозаи хилофкориҳои ӯро бисанҷед ва миқдори онро муайян намоед.

## Зарарҳои куфр ва авоқиби зишти он

Куфр нодонӣ аст, балки нодонии ҳақиқӣ, ҳамин куфр асту бас.

Чӣ нодонии бузургтар ва чӣ мусибате болотар аз ҷаҳли касе, ки Худояшро нашиносад?

Кофир ба чашми худ дастгоҳи азими ин ҷаҳонро мебинад, ки шабу рӯз дар ҳаракат аст ва ба кори худ машғул, вале намедонад, чӣ касе онро офарида ва чӣ касе онро ба ин ҳаракат давомдор нигоҳ дошта ва низ намедонад, чӣ сонеъе зуғолу (ангиштсанг) оҳан ва оксигену содюм ва калцюм ва соири маводи беҷону беақлро баҳам даромехта ва аз ин таркиб чунин мавҷуди азиму гаронмояе ба номи инсон берун оварда аст?

Оё шигифтовар нест, ки инсон дар ҳар гӯшае аз атрофи ҷаҳон, чизҳои зиёдеро бубинад, ки вазъ ва зебоии таҳсиномези он, худ ба худ аз лиҳози ҳандаса ва риёзиёту шимӣ (химия) ва соири улум, ниёзманди бароъат ва маҳорати нодиру бемонанд

аст ва бо ин ҳол ақли вай ӯро ба шинохтани Худои Азизу Ҳаким ва Алиме, ки ба офариниш ва эҷоди он пардохта, раҳбарӣ накунад?

Каме фикр кунед, оё мумкин аст даричаи илми саҳеҳу дуруст ба рӯи чунин марде, ки ҳатто аз мабдаи илм ғафлат дорад ва ба гумроҳӣ афтода, гушӯда шавад?

Мусаллам аст, чунин касе ба ҳар андоза дар тафаккуру таҷассус бикӯшад ва дар роҳи баҳсу фаҳс талош кунад, ҳеҷ гоҳ ба роҳи мустақиме, ки ӯро ба шӯъбае аз шӯъбаҳои ҳаёт раҳбарӣ кунад, роҳ пайдо нахоҳад кард. Зеро ин чунин касе аз ҳамон оғози амр бо торикӣ ва нодонӣ рӯ ба рӯ шуда ва табиъист, ки дар поёни амр низ вазъи ӯ чунин хоҳад буд.

Куфр зулм аст! балки бузургтарин ва зиштарини зулмҳо ҳамоно куфр асту бас. Ба далели ин ки, маънои зулм инаст, ки чизеро дар маҳале, ки шоистаи он нест, гузошта шавад ва бо иҷбор онро дар роҳе бакор бурда шавад, ки муносиби фитрат ва табиъати он набошад.

Қаблан донистед, ки ҳар он чӣ дар замину осмон вуҷуд дорад мутеъи амр ва фармонбардори ҳукм ва дастури Худост ва мафтур бар фитрати Ислом, ҳатто инсон ва бадани вай ва тамоми аъзои баданаш, ҷуз бар ин фитрат ба вуҷуд наомадаанд.

Бале, бидуни тардид Худо миқдоре аз ҳаққи тасарруф дар ин аъзо ба инсон дода аст, вале он чӣ фитрати инсон тақозо дорад ин аст, ки бидуни ризоии офаранда, ҳеҷ гуна тасарруфе дар аъзои баданаш нанамояд, вале он касе, ки куфр мекунад, ин ҳама аъзоро хилофи фитраташ бакор мебарад. Ӯ қалби худро аз муҳаббату эҳтиром ва тарси ғайр аз Худо пур мекунад, дар он ҳоле, ки қонуни фитрат ҳукм мекунад, ки инсон қалбашро бо нури Худо равшан нигоҳ дорад ва онро ҷойгоҳи ишқ ба Худо ва маркази иҷлолу икроми ӯ қарор диҳад ва фақат аз Худои бениёзи ягона битарсаду бас. Ӯ тамоми аъзои бадан ва он чиро дар ин ҷаҳон дар ихтиёраш дода шуда аст, дар тариқи хилофи ризои Худо бакор мебарад, бо ин ки табиъати фитрате, ки ҷибиллии аъзову ашёи ӯст, ба инсон ҳукм мекунад, ки ҷуз мутобиқи қонуни Худои мутаъол

амалеро анҷом надиҳад ва ин аъзоро дар роҳи хилоф ба кор наандозад. Дар ин сурат шуморо ба Худо савганд, бигӯед золимтар аз касе, ки дар саросари ҳаёт бар ҳама чиз, ҳатто бар нафаси хеш ситам раво медорад, кист?

Куфр на фақат зулм асту бас, балки саркашӣ ва таъаддӣ ва эҳсонношиносию лаҷҷоҷ ва иноду инкор низ ҳаст. Оё тасаввур мекунед ҳама ин чизҳоеро, ки инсон дар ихтиёр дорад, моли худи ӯст?

Бояд пурсид, чӣ касе ақлу мағзи инсонро офарида аст? оё ин корро инсон карда ё Худои Азза ва Ҷалла?

Ва боз бояд пурсид: чӣ касе қалбу забон ва чашму гӯш ва дасту по ва соири аъзои бадани инсонро офарида аст? Оё ин корро инсон карда ё Худои Мутаъол? Ҳамаи чизҳое, ки инсон дар гирду пеши худ мебинад, офарандаи ин ҳама чизҳо оё инсон аст ё Худо?. Чӣ касе ин чизҳоро бо ин хубӣ сохтаву пардохта ва онро муфиду нофеъ қарор дода ва дар дастраси инсон гузошта, то онҳоро барои баҳрамандии хеш бакор барад? Оё ин корҳоро инсон карда ё Худои Субҳон ?

Ба ночор посӯх ба ҳамаи ин пурсишҳо бояду шояд, ки бигӯед: "Ҳамаи ин ашё азони Худои ягона аст ва ӯст, ки ин ҳамаи ашёро офарида ва чунин суратҳои хуб ба онҳо дода ва билохира молики ин ҳама ашё Худост ва ӯст, ки ин ҳамаи неъматҳоро ба инсон арзонӣ дошта аст".

Агар ҳақиқати амр чунин бошад ва бидуни тардид амри воқеъӣ ғайр аз ин нест, пас кӣ золимтару гумроҳтар ва мутаҷовизтару мутаъаддитар аз касеаст, ки ақли Худододаро дар роҳи хилофи ризои Худои Мутаъол ба кор барад? Ва қалби Худододаро пур аз чунин афкоре месозад, ки сабаби хашму ғазаби Худо мегардад? Ва забону чашм ва дасту по, ки Худо ба ӯ арзонӣ фармуда, онҳоро ба корҳое водор мекунад, ки хилофи аҳкому авомири Худо ва хилофи ризои ӯст?

Бе гуфтугӯ хидматгузореро, ки нони оқояшро бихӯрад ва ҳаққи хидматгузорияшро риъоят накунад, ёғиву тоғӣ хоҳед донист ва ҳамчунин корманди давлатеро, ки бар хилофи дастури давлат амал кунад ва аз ихтиёре, ки дорад, сӯистифода намояд, маҳкум ба хиёнат хоҳед донист ва шахсе,

ки ҳаққи дӯстӣ ва муҳаббати рафиқу дӯсташро риъоят накунад, ба ҳақношиносӣ маҳкум хоҳед кард...

Бо ҳамаи ин аҳвол, бояд таваҷҷӯҳ дошт, ки ҳақиқати куфрони инсон ва туғёну ҳақношиносии вай дар баробари эҳсони дигареро, чӣ нисбат бо куфрони эҳсон дар муқобили Парвардигор, зеро бояд пурсид: Он ризқеро, ки шахсе ба дигаре мерасонад, аз куҷо омадааст? Ҷуз ин нест, ки он ҳама аз Худост. Ихтиёре, ки давлат ба кормандони худ вогузор мекунад аз куҷост? Инаст, ки Худо ба ӯ қуввати фармонравоӣ арзонӣ фармуда, пас инсон чӣ ҳаққе дорад, ки бар дигаре миннат бигузорад? ва чӣ қудрате дорад, ки ба дигаре эҳсон кунад?

Ҳама ва ҳама қудрати эҳсону тавоноӣ ва накӯкорӣ, ҷуз ин нест, ки Худо ба инсон ато фармудааст.

Бузургтарин ҳаққе, ки дар ин дунё, бар ӯҳдаи инсон қарор мегирад, ҳаққи падару модар аст, локин бояд пурсид, кӣ ин меҳру муҳаббати авлодро дар дили падару модар ҷой дода аст? ва кӣ ин ҳисси тараҳҳумро ба модар дода, ки бори ҳамли кӯдакро бо он ҳама заҳмат, таҳаммул кунад ва бо он ҳама машаққат онро бар замин бигузорад? чӣ касе дар синаи модар ғизои шир барои кӯдак арзонӣ фармуда аст ва чӣ касе дар дили падар андохта, ки он чиро бо араќи ҷабин ба даст меоварад, бо розигии том ва бо камоли итминон, дар роҳи як "порча гӯшти ночизе" харҷ кунад? ва то сарҳади фидокорӣ, вақт ва ҷону молашро дар роҳи таълиму тарбияти ӯ сарф кунад ва осоишу оромишашро аз даст бидиҳад?

Шуморо ба Худо савганд медиҳам ба ман бигӯед: Оё фазеҳтару расвотар аз куфри касе, ки ба Худо имон надошта бошад ва ба Худовандӣ ва рубубияти ӯ эътироф накарда бошад ва аз итоату имтисоли амри ӯ сарпечад, куфре вуҷуд дорад?. Ва оё саркашӣ ва тӯғёни зиштару занандатар аз ин ва ғадру макри шармовартар аз ин ва низ иноду лаҷҷоҷии шадидтар аз ин вуҷуд дорад? Вале чунин тасаввур нашавад, ки агар касе ба кофир шуд, камтарин зарар ва зиёне ба Худо ворид шавад.

Чӣ гуна чунин тасаввуре ҷоиз бошад, дар он ҳоле, ки Худои мутаъол молики кишвари азимест, ки мабда ва мунтаҳои он нопайдост, агар чӣ барои шинохти он кӯшиш кунад ва дурбинҳои бисёр бузургеро барои шинохтани мамлакати беинтиҳои ӯ ба кор андозад, ҳаргиз онро иҳота карда наметавонад.

Замину офтоб ва мирриху соири курраҳои бешуморе, ки он қадар бузург ба назар меоянд, ҳама азони ӯ ва мутеъу фармонбародори ӯ мебошанд ва ҳама дар кишвари беинтиҳои ӯ, кӯчак ва ҳақиранд ва гӯё монанди тифлон бар ишорҳоаҳояш ҳама вақт дар гардишанд ва хазинаҳои осмонҳову замин бидуни шарику мунозеъ, моли ӯ ҳастанд ва ӯ он Худои бахшандаи бениёзу каримест, ки ҳамаи мавҷудот ба ӯ мӯҳтоҷанд, вале ӯ ба касе мӯҳтоҷ нест. Дар ин сурат агар ин махлуқи ночизу заъиф кофир шавад, чӣ зиёне ба ӯ метавонад бирасонад? Бале! Агар имон биёварад ба суди ӯст ва агар кофир шавад ба зиёни худи ӯст.

Оқибати ҳатмии куфру исён ин аст, ки зиёну исён барои инсон навишта мешавад, онгоҳ дигар ба ҳеҷ ваҷҳ дар роҳи илми дуруст ва дониши саҳеҳ ворид нахоҳад шуд, зеро илме, ки василаи шинохтани офарандаи худ набошад, чӣ гуна мумкин аст васила шавад то ин, ки инсон чизи дигарро ба таври саҳеҳ бишиносад?

Нуқтаи дигар ин, ки ақли кофир ногузир аст, ки дар ҳар шаъне аз шуъуни ҳаёт дар роҳи каҷ ба кор афтад, зеро ақле, ки ба шинохтани офарандааш роҳ надошта бошад, чӣ гуна метавонад ба шиносоии чизи дигар роҳи дурусте пайдо кунад?

Ба ин тариқ шахси кофир ночор аст бо саргардонӣ басар барад ва дар ҳар амре аз умураш ба ноумедӣ пас аз ноумедӣ мубтало гардад ва дар натиҷаи он, ахлоқу тамаддун ва муъоширату маъишат ва ҳукумату сиёсаташ бо фасоду табоҳӣ ҳамроҳ шавад, онгоҳ чунин касе муфсиде хоҳад буд, ки дар рӯи замин хун бирезаду бо ҳуқуқи мардум бозӣ кунад ва анвоу ақсоми ситамгариву сангдилиро ба мардум бичашонад ва аз

ин тариқ бо афкори фосиду аъмоли норавои худаш, сафҳаи ҳаётро тираву тор созад.

Вазъи дунёи кофир чунин хоҳад буд. Аммо дар охират, ба ҳар чизе чӣ кӯчаку чӣ бузург, дар баробари ӯ хоҳад истод ва алайҳи ӯ шаҳодат хоҳад дод...

Оре! Дар маҳкамаи адолати Худои мутаъол ҳамаи он чизҳое, ки нишонаи ситамаш буданд, нолиш хоҳанд кард. Ақлу қалб ва чашму гӯш ва дасту пойи шахси кофир, ҳатто ҳар мӯи баданаш бар хилофи ӯ шикоят хоҳанд кард ва арзи ҳол хоҳанд доду ва хоҳанд гуфт: Бори Худоё! ин золим дар зиндагии дунё бар ту хуруҷ  кард ва аз номи ту руй баргардонид ва моро ҳам бо иҷбору икроҳ, дар тариқи маъсияти ту ба кор андохт!

Бале, дар ин маҳкамаи одиле, ки дар он ҷо на харидасту на фурӯш, на шафоъате ва на дӯстиву рафоқате, ҳатто он замине, ки рӯи он қадам бардошта, ё сукунат намуда ва дар он маъсияти Худои мутаъолро муртакиб шуда, ба душмании ӯ бархоҳад хост ва ҳамчунин молҳоеро, ки аз роҳи ҳаром касб шуда ва дар роҳи ҳаром харҷ карда ва чизҳоеро, ки ба тариқи ғасбу удвон тасарруф карда ва абзору адавот ва нерӯҳоеро, ки дар зимни ин зулму удвон бо иҷбор ба кор бурда, ҳама ва ҳама ба душмании ӯ бархоста ва аз ӯ дар маҳкамаи адли Илоҳӣ шикоят хоҳанд кард ва Худои мутаъоле, ки ҳокими одилтару беҳтар аз ӯ нест, ба ҳамаи ин шикоятҳо расидагӣ хоҳад кард ва дар баробари ин ситамгариҳое, ки кофир муртакиб шуда қазоват хоҳад кард ва ҳукм содир хоҳад фармуд ва сазои ситамгариву исён ва гунаҳкории вайро хоҳад дод ва шиканҷаву азоб ва саршикастагиву хориро ба ситамгар хоҳад чашонид.

## Фавоиди Ислом

Ин буд зарарҳои куфр ва авоқиби зишти он. Акнун як назар андозем, ки роҳи Ислом ихтиёр кардан чӣ фавоид дорад?.

Аз гуфтаҳои донистед, ки дар ҳар гӯшае аз ин ҷаҳон, оёт ва аломатҳое паҳн шуда, ки ҳама далел бар Улуҳияту Рубубияти Худост. Масалан ин корхонаи азим ва ин дастгоҳи пурдоманаи

ҷаҳони ҳастиро мулоҳаза мекунем, ки тобеъи назми ҳамаҷониба ва мутеъи қонуни собите, ки ҷорист, ба забони ҳол гувоҳӣ бар ин медиҳанд, ки; офаранда ва идоракунандаи умури он, фармонравост, ҷалил, дорои султон ва нерӯи бузург, ба тавре ки ҳеҷ чиз дар осмону замин хориҷ аз хатти кашидаи нуфузи ӯ нест ва низ донистед, ки инсон ҳам бар ҳасби фитрате, ки дорад, монанди ҳамаи мавҷудоти ҷаҳон, бояд мутеъи ӯ бошад, чуноне, ки шабу рӯз бидуни ин, ки худ эҳсос кунад, мутеъи амру дастур ва тобеъи қонуни ӯст. Зеро агар инсон бо қонуни табиъат мухолифат кунад, маҳол аст, ки зинда бимонад. Вале Худои мутаъол бо ин тавре, ки инсонро малакаи илм ва нерӯи фикру фаҳм ва қуввати тамйиз дар миёни некиву бадӣ ато карда, ӯро як навъ озодии ирода ва ихтиёр додааст. Ин озодӣ дар асл як гуна имтиҳони инсон аст, имтиҳон барои илми ӯ, имтиҳон барои дониши ӯ ва имтиҳон барои қуввати тамйизи ӯ. Ин озодӣ имтиҳон аст, бо ин тавр, ки инсон бо доштани малакаи илм ва қувваии тамйизу ташхис, оё ҳамвора муроқиби аъмол ва гуфтори хеш мебошад ва ё ин озодиро чӣ гуна ва дар чӣ роҳе масраф мекунад?.

Инсон маҷбур нест, ки дар ин ҷаҳон барномаи муайянеро иҷро кунад, зеро агар маҷбур бошад, ҳадаф ва манзури имтиҳон, ботил хоҳад шуд.

Ин маъно аз ҳар ҷиҳат равшан аст ва фаҳми он ишколе надорад, зеро агар дар варақаи имтиҳоне, ки пеши шумо мегузоранд, суоле навишта шуда бошад ва шумо маҷбур карда шавед, ки як ҷавоби муайянро бинависед, чӣ фоидае аз ин имтиҳон ба даст хоҳад омад?

Ҳақиқат ин аст, ки кифояту шоистагии шумо ба таври саҳеҳ маълуму ошкор нахоҳад шуд, магар ин ки дар ҷавобе, ки мехоҳед бидиҳед, комилан мухтору озод бошед. дар он сурат агар ҷавоби шумо дуруст набошад, дар имтиҳон комёбу пирӯз нахоҳед шуд ва дар натиҷаи он роҳи тараққӣ бар шумо ба ваҷҳи адами қобилияти шумо баста хоҳад шуд, вале агар ҷавоби шумо дуруст буд, муваффақу комёб хоҳед гардид ва роҳи тароқии оянда барои шумо кушода хоҳад гардид.

Ба ҳамин тариқ Худои мутаъол инсонро барои имтиҳоне, ки дар пеш дорад, озодӣ дода ва ӯро мухтор офарида, то дар тариқии ҳаётҳар роҳеро, ки мехоҳад интихоб кунад.

Мардеро дар назар бигиред, ки на фитрати худашро мешиносаду на фитрати ин ҷаҳонро ва дар шинохтани офарандаи худ ва низ дар фаҳмидани сифоти ӯ иштибоҳ мекунад ва аз озодии иродае, ки ба ӯ дода шуда аст, истифодаи саҳеҳ накарда, роҳи маъсияту саркаширо интихоб мекунад. Бадеҳист чунин касе муваффақ нашуда ва дар имтиҳони илму ақл ва қувваи тамйиз байни хубиву бадӣ ва эҳсоси вазифашиносӣ аз комёбӣ маҳрум мемонад. Чунин шахсе ба забони худаш шаҳодат дод ва собит кард, ки аз ҳар ҷиҳат мардеаст аз "асфалуссофилин" яъне ақабмондатар ва нозилтар аз ҳар касу ҳар чиз!

Ногуфта пайдо аст, ки поёни кори чунин шахсе ҳамон тавре хоҳад шуд, ки шумо қаблан донистед.

Дар баробари ин чунин шахсе, шахси дигареро дар назар бигиред, ки аз ҳар ҷиҳат комёбу муваффақ гардида ва албата ӯ касе аст, ки нерӯи фикрашро ба кор бурда ва аз илму ақле, ки Худо ба ӯ дода, дуруст истифода намуда аст. Ба ин маъно, ки офарандаашро шинохта ва бидуни ҳеҷ гуна икроҳу иҷборе ба ӯ имон оварда аст ва низ дар ташхис байни хайру шар, иштибоҳ накарда ва бо доштани истиқлоли раъй, некиро интихоб намуда аст, дар сурате, ки агар мехост шар ва бадию зиштиро интихоб кунад, монеъе дар роҳи ӯ вуҷуд надошт. Ин чунин касе ба фитрати худаш матлабро дарёфтаву Худояшро шинохта ва бо ихтиёре, ки дар интихоб, байни тоъату маъсияти Худо дошта, тоъатро интихоб карда аст.

Бояд пурсид: Чӣ омиле дар кор буда, ки ин мардро дар имтиҳон комёб сохта? ва чӣ ангезаву сабабе ӯро ба ҳадафу манзураш расонида аст?

Посӯхи ин пурсиш ин аст, ки ин мард ақлашро ба хубӣ ба кор бурда ва аз чашму гӯш ва мағзаш истифода карда ва аз таҳи дил тасмим гирифта, ки ҷуз аз гуфтори саҳеҳу рафтори дуруст, аз ҳеҷ чиз пайравӣ накунад. Ва аз ин гузашта ба далели пайравӣ аз гуфтори саҳеҳу рафтори дуруст, далелу бурҳон

иқома карда ва собит намуда, ки ҳақро шинохта ва дидаву дониста таслим ба ҳақ гардида ва амалан аз он пайравӣ карда аст.

Равшану ошкор аст, ки агар марде бо доштани чунин сифоти олӣ, дар дунёву охират муваффақ шавад, таъаҷҷубовар нахоҳад буд.

Инчунин касе дар майдони илму амал, ҷуз роҳи мустақиму дуруст, роҳеро интихоб нахоҳад кард, зеро касе, ки Худо ва сифоти ӯро шинохта, дар асли мабда ва мунтаҳои илм ва ҳам маърифатро ҳосил карда аст. Ва боз мусаллам аст, ки чунин касе имкон надорад, ки дар саросари даврони ҳаёт дар роҳҳои печидаву гумроҳӣ сайр кунад, зеро аввалин гомеро, ки бардошта бо илму басират буда ва ҳадаферо, ки дар назар гирифта ва хоста аст, онро ҳам ба яқин шинохта аст, масири роҳ, ҳеҷ гоҳ бар ӯ пушида нахоҳад монд. Ин чунин касе акнун ба малакути осмонҳову замин, яъне ба асрору румузи коинот, ки дар даруни осмонҳо ва дар дохили замин нуҳӯфта аст, нигоҳ хоҳад кард ва аз тариқи фалсафӣ ба розҳои ҷаҳони ҳастӣ, ошно хоҳад шуд. Ӯ монанди фалсафаи кофир дар торикиҳои шаку тардид гумроҳ нахоҳад шуд, балки улуми таҷрибиро (science) барои шинохтани қонуни табиъат ба кор хоҳад бурд ва хазинаҳои ҷаҳони ҳастиро истихроҷ хоҳад кард ва нерӯҳоеро, ки Худои мутаъол дар ин дунё ва дар нуфуси башар амонат гузошта, кашф хоҳад кард ва беҳтарин васоилу роҳҳои истифода аз он чӣ дар замину осмон вуҷуд дорад, ихтироъ хоҳад кард ва нерӯи фикрӣ ва амалии худашро ба кор хоҳад андохт ва аз он ҷое, ки ин чунин марде аз неъмати тақво бархурдор аст ва метарсад, ки рӯзи қиёмат дар баробари Худо хоҳад истод. Ин ду омил; тақвову тарс ба ӯ иҷозат намедиҳанд, ки дар роҳи суистеъмоли ин улум, гоме бардорад ва ҳеҷ гоҳ дучори васвасаи нафсонӣ нахоҳад шуд ва дар ҳеҷ марҳалае аз мароҳили сайру ҳаракате, ки дорад, фиреби нафсро нахоҳад хӯрд ва тасаввур нахоҳад кард, ки ӯ соҳиб ва молики ин чизҳост ва чунин андешае ба зеҳни ӯ роҳ пайдо нахоҳад кард, ки чун бар табиъат ғолиб шуда ва пирӯзӣ ёфта, ӯ метавонад ин улумро дар роҳи манфаъати шахсӣ истихдом кунад ва чунин

марде ҳеҷ гоҳ ҷоиз нахоҳад шумурд, ки ба василаи ин улум кишварҳоеро тасарруф кунаду мамлакатеро вайрон кунад ва бо ин, ки ба василаи нобуд сохтани манобеъи кишоварзӣ ва нобудии башару хунрезӣ, дар қулуби башар тарсу ваҳшат эҷод кунад.

Бидуни тардид иртикоби ин чунин мафосид ва табаҳкориҳо фақат кори олими (scientist) кофир асту бас!

Баръакс, олими мусалмон ба ҳар андозае, ки бар улуми таҷрибӣ пирӯз шавад ва дар ин замина маҳорат пайдо кунаду ба розҳои осмону замин бештар ошно шавад, ба ҳамон нисбат имони ӯ бар Худо хоҳад афзуд ва яқини ӯ нисбат ба ягонагии Худову сипосгузории ӯ дар баробари неъматҳои ӯ, фузунӣ хоҳад гирифт. Ва эътимоди ӯ росихтар хоҳад шуд, ба ин ки Худои мутаъол ин ҳама васоилу асбоби ҷаҳони ҳастиро дар ихтиёри ӯ гузошта, магар ин, ки онро дар роҳи хидмат ба бандагони ӯ масраф кунаду бикӯшад, то аз ин роҳ ба худ ва ба ҳамаи мардум хайр бирасонад.

Ин ҳаст маънои шукру сипосгузории ҳақиқӣ дар баробари неъматҳое, ки Худо ба инсон арзонӣ фармудааст.

Ҳамчунин марди мусалмон дар таҳқиқу иҷтиҳодаш дар заминаи таъриху иқтисод ва сиёсату қонун ва амсоли он дар соири улуму фунун аз кофир ақиб намемонад, вале нуктаи муҳим инаст, ки байни назари мусалмон ва назари кофир дар ин бора тафовути зиёде вуҷуд дорад, зеро мусалмон ҳар як аз ин улумро бо назари соиб "дуруст" ва барои ҳадафи солеҳу матлуб таҳсил мекунад ва таҳқиқи ӯ ба натиҷаи дурусту солиме мерасад... ба ин маъно, ки дар таърих масалан, аз таҷорибі гузаштагон панд меомӯзад ва илалу асбоби ҳақиқии тарақиву инҳитотро ба назари дақиқ менигарад ва барои касби иттилоъ, бар он чӣ барои миллатҳои гузашта дар тамаддуну фарҳангашон муфиду муассир буда, мекӯшад ва аз авзоъу аҳволи мардони лоиқу шоиста ва афроди солеҳи давраҳои гузашта ва ҳамчунин аз гуфтору рафтори онон, истифода мекунад ва аз он чӣ боиси заволу фанои миллатҳои гузашта гардида ва аз асбобу илали номатлубу зиёноваре, ки решаи онҳоро қатъ карда, иҷтиноб меварзад.

Марди мусалмон дар илми иқтисод, барои касби сарвату масрафи он, роҳҳоеро интихоб намекунад, ки суди он барои дастаи муайяне тазмин шавад, балки роҳеро интихоб мекунад, ки суди он шомили ҳамаи мардум бошад.

Марди мусалмон дар сиёсат низ, тамоми ҳимматаш сарфи он мешавад, ки мабодии амну сулҳ ва адлу хайр ва накӯкориву ҷавонмардӣ бар ҷаҳон ҳукумат кунад ва на ин, ки иддаи муайяне бар гардани мардум савор шаванд ё мардумро хору залил созанд, ё ин ки фарде аз афрод ё ҷамоъате аз ҷамоъатҳо, соири "тамоми" мардумро бандаву бардаи хеш қарор диҳанд, балки мусалмон мекӯшад, то ҳама мӯътақид шаванд, ки қудрату султа ва ҳукумату раисӣ ва дастгоҳи фармонравоӣ, вадиъа ва амонатест Худоӣ, ки бояд дар роҳи саъодатманд сохтан ва беҳбуди зиндагониву ростгории ҳамаи бандагони Худо ба кор бурда шавад.

Дар қаламрави қонун низ нуқтаназари мусалмон ин аст, ки барои ҳамаи афроди башар муқараротеро дар назар бигирад, ки ҳуқуқу таколифашон дар ниҳояти адлу амонат, риъоят шавад ва бар ҳеҷ фарде аз афрод ба ҳеҷ ваҷҳ зулму ситаме рӯй надиҳад.

Ростиву амонат, аффату покдоманӣ ва тарс аз Худо ва пайравӣ аз ҳақу ҳақиқат, ҳама ва ҳама аҷзое ҳастанд, ки мизоҷу таркиби ахлоқи мусалмон аз он ба вуҷуд меояд.

Ҳеҷ лаҳзае бар мусалмон намегузарад, магар ин ки медонад, ки Худои мутаъол парваришдиҳандаи ин ҷаҳони ҳастист ва молики он чӣ дар он аст, фақат ӯст.

Ва низ медонад, ҳар чӣ дорад ва ҳар чӣ мардуми дигар доранд, ҳама аз Худост ва ӯ молики ҳеҷ чизе нест.

Ҳатто ҷоне, ки дорад ва бадане, ки дорад, моли ӯ нест ва ҳамчунин медонад, ки он чӣ дорад амонатест аз Худо ва ҳақ надорад, ки дар ҳеҷ чиз тасарруфу мудохилае кунад, магар дар мавриде, ки ризои Худо дар он риъоят шуда бошад ва билохира мусалмон медонад, ки Худо дар рӯзе, ки дар вуҷуди он шаку тардиде нест, ин ҳама амонатро аз ӯ боз хоҳад гирифт ва бо диққати том ба ҳисоби ӯ расидагӣ хоҳад кард.

Ҳоло ба худ оед ва дар бораи ахлоқи чунин марде фикр кунед. Ин чунин мард касест, ки қалбашро аз пиндорҳо ва гумонҳои ботил пок карда ва зеҳнашро аз таваҷҷӯҳ ба бадиву зишткорӣ боздошта ва чашмонашро аз бадназарӣ маҳфӯз дошта, гушонашро аз шунидани зишту исён манъ карда, ин чунин мард касест, ки забонашро аз сухане, ки мухолифи ҳақ бошад ҷилавгир шуда, ӯ тарҷеҳ медиҳад, ки аз гурӯснагӣ бимирад, вале шикамашро аз ҳаром пур накунад ва дасташро ба зулму таъадди барои гирифтани ҳаққи дигаре дароз накунад ва гомеро дар роҳи бад, барнадорад ва сарашро дар баробари ботил хам накунад ва агар чӣ ӯро ба дор бизананд ва баданашро пора пора кунанд! Ӯ ҳеҷ орзӯе аз орзӯҳояш ва ҳеҷ эҳтиёҷе аз эҳтиёҷоташро аз роҳи номашрӯъ ва аз тариқи зулму таъаддӣ, таъмин нахоҳад кард. Ӯ муҷассамаи некиву шарофат хоҳад буд ва азизтарин ашё назди ӯ ва дар назари ӯ ҳаққ ва сидқу амонат хоҳад буд ва дар роҳи анҷоми ин манзуру матлаб ӯ аз ҳар фоидаи худаш ва аз ҳар хоҳиши дилаш, ҳатто аз базли нафсу ҷонаш дареғ нахоҳад кард ва бадтарин чиз дар назари ӯ зулму дурӯғ ва хиёнат хоҳад буд ва билохира ҳеҷ гоҳ ба пирӯзии ботилу зулм розӣ нахоҳад шуд ва аз тарси ҳеҷ зарару зиён ва ба умеди ҳеҷ суду манфиъате, роҳи Худоро аз даст нахоҳад дод ва ба ҳеҷ сурат, бар ҳимояти зулму норостӣ омода нахоҳад шуд. Чунин марде ба растгории дунё низ хоҳад расид.

Оре! дар саросари ҷаҳон марди азизтару шарифтар ва фозилтару бартар ва волотар аз ӯ нахоҳад буд, ба далели ин, ки ин чунин касе, сараш ҷуз дар баробари Худо пеши ҳеҷ касе хам нахоҳад шуд ва librasташ ҷуз ба сӯи Худо, ба тарафи ҳеҷ марде дароз нахоҳад шуд. Дар ин сурат ҳеҷ омиле аз авомили зиллат ва хорӣ бар ӯ ғалаба нахоҳад кард ва низ дар саросари ҷаҳон, марди нерӯмандтару мусаммимтар ва ошкоргӯтар аз ӯ вуҷуд нахоҳад дошт, зеро ин мард ҷуз аз Худо, аз касе наметарсад ва аз касе ҷуз Худо умеду орзӯе надорад. Дар ин сурат чӣ қудрате метавонад ӯро аз роҳи ҳақ мунҳариф кунад? Ва чӣ сарвате метавонад колои "либоси" имони ӯро бихарад?

Ва низ бояд донист, ки дар саросари ҷаҳон марде ғанитару сарватмандтар аз ӯ ёфт нахоҳад шуд, зеро саги дунё нест, ки бар ин ҳутоми фонӣ ҳарис бошад ва ҳамчунин тобеъи шаҳавоти нафсонии худаш нест, балки ба он чӣ, аз роҳи машруъ ба даст меоварад, бар он қонеъ аст ва бар сарвати ҳаром чашм намедӯзад, агар чӣ харворҳо дирҳаму динори ҳаром бар ӯ тақдим шавад, бо камоли таҳқиру истихфоф, онро рад хоҳад кард ва нахоҳад пазируфт...

Ин аст сармояву сарвати қаноъату итминон ва имкон надорад, дар саросари дунё сарвате арзандатару гаронмоятар аз он ба даст оварад!

Ва боз дар саросари дунё касе маҳбубтар аз ӯ дар дилҳои мардум ва азизтар аз ӯ дар назари мардум, пайдо нахоҳад шуд, зеро ин чунин марде ҳуқуқи комили ҳамаи афродро бидуни каму кост адо мекунад ва нисбат ба ҳама некӣ раво медорад ва бо ҳеҷ кас бадрафторӣ намекунад, балки барои саъодати ҳама мекӯшад ва аз онҳо ҷазо ва подоше барои худ намехоҳад.

Инҳо ҳама авомил ва муҷиботе ҳастанд, ки дилҳои мардумро каш мекунад ва ҳамаро водор мекунад, то чунин касеро дӯст бидоранду эҳтиромаш кунанд ва таҷаллияш намоянд.

Ва билохира бояд гуфт; дар саросари ҷаҳон марде, ки бештар аз чунин касе вусуқу эътимоди мардумро ба худ ҷалб кунад, пайдо нахоҳад шуд, зеро чунин касе дар амонатҳои мардум хиёнат намекунад ва ҳамеша бо ростиву накӯкорӣ, муъомала мекунад ва ҳар аҳду паймонеро, ки бибандад ба он вафодор мемонад ва дар ҳеҷ шаъне аз шуунаш, ҳеҷ чизро ҷойгузини ростиву амонат карор намедиҳад, зеро яқин дорад, ки ҳатто дар авзоъу аҳволе, ки ҳеҷ кас ӯро наметавонад бубинад, Худо муроқиби ӯст. Дигар мапурс аз мизону миқдори муҳаббати мардум ва эътимоде, ки ба ӯ нишон медиҳанд ва аз мурожиъоте, ки дар ҳар амре ба ӯ менамоянд.

Вақте, ки агар ин маъониро дар бораи сирату равиш ва ахлоқи мусалмон донистед, яқин хоҳед кард, ки маҳол аст мусалмон дар дунё мавҳуну хор ва забун гардад, ё дар амре аз

умур мағлуб шавад, балки бештар дар зиндагӣ маҳбубу сарбаланд хоҳад зист, зеро мумкин нест, бо доштани чунин сифоте, ки **Ислом** ба ӯ арзонӣ карда, ҳеҷ қудрате аз қудратҳои ҷаҳон ӯро мағлуб кунад.

Ин аст имтиёзоти марди мусалмон дар зиндагии дунё. Аммо дар охират, ризвону хурсандии Худо саросари вуҷудашро фаро хоҳад гирифт ва ӯро дар боғҳое ҷо хоҳад дод, ки дарёҳои об аз зери он ҷорӣ бошад ва ба поси " ба хотири" ин, ки ҳаққи амонатро адо карда ва дар имтиҳоне, ки дар дунё дода комёб буда, он чӣ бихоҳад барои ӯ омода хоҳад буд. Инаст, растагории равшан ва ошкори абадӣ, ки бандаи мусалмон дар дунёву охират мусалсал ба даст меоварад ва аз ҳеҷ ҷо силсилааш қатъ намегардад.

Инаст, Ислом ва дине, ки фитрати инсон аст. Зимнан бояд донист, ки ин дин махсуси уммату миллати муайяне нест, ки дигарон дар он саҳму баҳрае надошта бошанд ва ҳамчунин ин дин махсус ба кишвари хосе ҳам нест, балки дар ҳар замон ва миёни ҳар миллату кишваре, ҳар он кас, ки Худоро шинохта ва ҳақро писандида, дини эшон ҳамин дин буда, эшон ҳама мусалмон буданд, хоҳ дар забони эшон он динро Ислом номида бошанд ё онро номи дигаре дода бошанд.

# Фасли дуввум
# Имон ва тоъат
## Эҳтиёҷи инсон ба илм ва яқин барои тоъат. Маънои имон. Василаи таҳсили илм ва яқин. Имон ба ғайб.

### Эҳтиёҷи инсон ба илм ва яқин барои тоъат.

Дар фасли аввал донистед, ки **Ислом** иборат аз тоъати Худои мутаъол ва омода будан барои иҷрои аҳком ва авомири ӯ мебошад. Инак ба тавзеҳи ин матлаб мепардозем, ки инсон наметавонад Худоро итоат кунаду пайрави қонуни ӯ бошад ва дар роҳи ӯ сайр кунад, магар ин, ки як ришта матолиберо бидонад ва илми ӯ дар заминаи ин матолиб, ба ҳадди яқин бирасад.

Аввалин чизе, ки дар ин бора барои инсон воҷиб аст, ин аст, ки аз дил ба вуҷуди Худои мутаъол, яқин дошта бошад, зеро агар ба вуҷуди Худо яқин надошта бошад, чӣ гуна ба ӯ итоат хоҳад кард ва чӣ гуна пайрави қонуни ӯ хоҳад шуд?

Ва ҳамчунин воҷиб аст, ки сифоти Худои мутаъолро низ бидонад, зеро агар инсон надонад, ки Худои ягонае вуҷуд дорад бидуни шарик, чӣ гуна метавонад аз хам кардани сар дар баробари ғайри Худо ва аз дароз кардани даст ба сӯи ғайри Худо, худдорӣ кунад?

Ва низ агар надонад, ки Худо ба ҳар чизе донову бино ва шунавост, чӣ гуна метавонад аз маъсият ва хуруҷ бар амри ӯ ҷилавӣ нафсро бигирад?

Аз он чӣ гуфта шуд, равшану ошкор аст ки, инсон модоме, ки сифоти Худои мутаъолро нашиносад ва илми саҳеҳу комиле дар ин бора ба даст наоварад, мумкин нест, битавонад дар афкору аъмол ва ахлоқи худаш, сифотеро, ки лозимаи сайру сулук дар роҳи мустақими Худо аст, ба вуҷуд оварад ва ин илм ҳам, маҳз ба миқдори донистан наметавон иктифо кард, балки ин илм бояд саросари қалбашро иҳота кунад, то

ин, ки қалбаш аз гумонҳои хато ва ҳаёташ аз амали бад, он чӣ мухолифи илми ӯ аст, маҳфӯз ва дар амон бимонад.

Сипас бар инсон воҷиб аст, ки бидонад барои ба сар бурдани ҳаёт дар ин дунё мутобиқи ризои Худои мутаъол роҳи саҳеҳ чист? ва Худои мутаъол чӣ чизеро дӯст медорад, то ҳамонро интихобу ихтиёр кунад ва чӣ чизро душман медорад, то аз он дурӣ кунад.

Барои анҷоми ин манзур, инсон ночор аст, ба қонуни Худо ошно шавад ва яқин кунад, ки ин қонун аз тарафи Худои мутаъол нозил шуда ва низ бояд яқин дошта бошад, ки агар қонуни Худоро ба таври комил пайравӣ накунад, манзури Худоро анҷом надода аст. Аз ин гузашта, агар қонуни Худоро нашинохта бошад, чӣ гуна метавонад дар давраи ҳаёт аз он пайравӣ кунад?

Ва билохира, агар илми ӯ ба ин қонун ба дараҷаи яқин нарасида бошад, ё ин ки агар гоҳо назди худаш тасаввур кунад, ки имкон дорад дар дунё қонуни дигаре аз лиҳози дурустиву садод ва истеҳком назири ин қонун вуҷуд дошта бошад, чӣ гуна мумкин аст, қонуни Илоҳиро бо мувозабату диққат, пайравӣ кунад ва дастурҳои онро анҷом диҳад?

Боз вазифаи инсон ҳукм мекунад, ки поёни корро дар назар бигирад ва бидонад, ки агар маъсияти Худоро бар тоъати ӯ тарҷеҳ (бартарӣ) диҳад ва дар роҳи мустақими ӯ сайр накунад, чӣ натиҷае ба даст хоҳад овард? Билъакс агар мутобиқи қонуни Худо рафтор карда, чӣ инъом дар маоли (анҷоми) кор ба даст хоҳад омад? Ва барои ин манзур ногузир аст ба зиндагонии охират ва бо истодан дар баробари Парвардигор дар рӯзи қиёмат ва ба сазову ҷазои аъмол, ки агар хайр бошад, хайр ва агар шар бошад шар, яқин дошта бошад.

Вале касе, ки ба зиндагонии охират ё ба олами баъди ҳаёти дунявӣ, илм надошта бошад, тоъату маъсият дар назари ӯ яксон аст ва фарқе байни ин ду маъно нахоҳад дошт ва чунин касе рӯи ҳам рафта байни натоиҷи мухталифи ин ду мавзӯъ фарқе қоил набошад, чунин меандешад, ки сарнавишти касе, ки мутеъи Худо бошад, бо сарнавишти касе,

ки маъсияти Худоро муртакиб мешавад баъд аз марг яксон хоҳад буд, аз он ки ҳарду хок хоҳанд шуд, аз чунин касе, ки модоме аз зарару зиёни иртикоби гуноҳ дар ин дунё тарсе надорад ва наметавонад худашро бар тоъати Худо ва таҳаммули заҳамот ва муқтазаёти он собиру пойдор нигоҳ дорад, чӣ гуна метавон интизор дошт, ки аз иртикоби гуноҳе, ки аз он андешаи нуқсон надорад, худдорӣ кунад? бадеҳист ҳеҷ инсоне бо доштани чунин ақидае ҳеҷ гоҳ нахоҳад тавонист тобеъи қонуни Худо бошад ва ҳамчунин касе, ки ба зиндагонии охирату истодан дар баробари Худо дар рӯзи қиёмат илм дошта бошад, вале илми ӯ ба дараҷаи яқин нарасида бошад, мумкин нест бар тоъати Худо устувор бимонаду тобеъи қонуни ӯ бошад, бадеҳист инсон наметавонад бо шаку тардид дар ҳеҷ масъалае пойдор бошад, албатта агар дар як амри муайяну маълуме барои худаш нафъе дар назар дошта бошад, имкон аст, ки ба ӯ мувозабат кунад ва ҳамчунин дар амри дигар, агар зарару зиён пешбинӣ кунад, имкон аст, ки аз он амр парҳез кунад.

Ба ҳар сурат возеҳ аст, барои ҳар роҳе, ки пеш мегиред, ногузир натиҷаи онро пешбинӣ кунеду бидонед, поёни кор ба куҷо хоҳад анҷомид ва бояд маърифати шумо ба дараҷаи эътимоду яқин бирасад.

## Маънои имон

Тавзеҳотеро, ки дар бораи илму маърифат ва яқин дар сутури боло додем, иборат аз (имон) ва маънои калимаи имон, донистан ва пазируфтан аст, лизо дар мавриди ҳамин қоъида мегӯем:

Ҳар кас ба ягонагии Худо пай бурда бошад ва сифоти ҳақиқӣ ва қонуни Худо ва сазову ҷазоеро, ки барои аъмоли мардум дар рӯзи қиёмат муқаррар дошта, дониста бошад ва сипас ба ҳамаи ин маъони аз таҳи дил яқин дошта бошад, аввалан "мумин аст" ва аз натоиҷи имон ин аст, ки инсон муслим ё ба таъбири форсӣ, мусалмон бошад, яъне мутеъи Худо ва пайрави қонуни ӯ.

Аз маънои имон шояд худатон дониста бошед, ки мумкин нест касе мусалмон бошад, магар вақте, ки мӯмин бошад, дар ин сурат робитаи имон бо Ислом монанди робитаи тухм ё ҳаста бо дарахт аст, зеро мумкин нест дарахте бирӯяд, магар ин, ки қаблан тухм ё ҳастае кошта шуда бошад, гӯё ин, ки мумкин аст тухм ё ҳастае дар замин афшонда шуда бошад ва ба ваҷҳи замини ғайри мусоид дарахте нарӯяд, ё ин ки дарахте бирӯяд, локин ба ваҷҳи фасод дар обу ҳаво ноқис бирӯяд, ба ҳимин тариқ, мумкин нест он кас, ки имон дар қалби ӯ реша надавонида бошад, ба ҳеҷ тавр мусалмон бошад.

Албатта мумкин аст, мусалмонеро бубинем, ки имон дар қалбаш бошад, вале ба воситаи адами истиқлол дар тасмим ё нақс дар таълиму тарбият, ё бар асари тасири муҳите, ки дар он парвариш ёфта, исломаш комил набошад.

Вақте, ки ин маъноро донистед, бояд бидонед, ки инсон ба эътибори ин ду асл "Имон ва Ислом" ба чаҳор дараҷа тақсим мешавад ба ин қарор:

1. Касоне ҳастанд, ки ба Худо имон доранд ба наҳве, ки имонашон онҳоро нисбат ба Худо мутеъ бароварда ва аз ҳар ҷиҳат комилан тобеъи аҳкоми Худо ҳастанд ва аз он чӣ Худо наҳй карда метарсанд, ҳамон тавре, ки шахс аз дастзадан ба оташ метарсад. Ин даста аз ашхос касоне ҳастанд ки дар итоат ба аҳкоми Худо ва ҷалби ризои ӯ бар якдигар пешӣ мегиранд, ҳамон тавр, ки дар касби амвол мусобиқа мегузоранд. Инҳо касоне ҳастанд ки ба ростӣ мусалмонанд.

2. Касоне ҳастанд, ки ба Худо имон доранд, вале имонашон тавре нест, ки аз ҳар ҷиҳат мутеъ бошанд ва аҳкоми Худоро комилан пайравӣ кунанд, ин чунин касоне бо ин, ки имонашон ба дараҷаи камол нарасида, вале ба ҳар ҳол мусалмонанд ва ба миқдори маъсияте, ки муртакиб шудаанд, монанди муҷримин муҷозот хоҳанд шуд, вале ба манзилаи саркашону тамарудкунандагон шинохта намешаванд, зеро ҳукумат ва фармонравоии Худоро қабул доранд ва дар баробари қонуни Худо тобеъанд.

3. Касоне, ки ба Худо имон надоранд, локин ба ҳасби зоҳир мулоҳаза мекунед, ки аъмолашон шабеҳи аъмоли

мусалмонон аст. Ин ашхос дар ҳақиқат мардуме ҳастанд боғиву саркаш, вале аъмолашонро, ки мулоҳиза кунед, ба зоҳир дуруст аст, вале чун на ба манзури тоъату фидокорӣ хубиро анҷом медиҳанд ва на барои тобеъият аз қонуни Худо. Бадеҳист, чунин аъмоле эътибору арзиш надорад, балки вазъи инҳо монанди вазъи касест, ки дар кишваре зиндагӣ кунад, фармонравои онро ба расмият намешиносад ва дар баробари қонунаш мутеъ нест. Аз инчунин шахсе агар аҳёнан пораи аъмол ҳамчунон содир шавад, ки мухолифи қонуни фармонравоӣ он кишвар набошад, наметавон чунин касеро нисбат ба он фармонраво вафодору мутеъи қонуни кишвараш донист, балки чунин касе осӣ ва боғӣ аст ва бар қонуни кишвар хуруҷ карда аст.

4. Касоне, ки ба Худо имон надоранд ва корҳои зиште муртакиб мешаванд, ки мухолифи аҳком ва қонуни Худо аст. Онҳо бадтарин мардуманд ва дар айни ҳол, боғиву харобкор.

Аз ин тақсим ин амр бадеҳист, ки имон ҳамон маъное аст, ки ростгориву саъодати инсон дар дунёву охират мунҳасир ба он аст ва Ислом чӣ комилу чӣ ноқис, ҷуз аз бизри (тухми) имон ба вуҷуд нахоҳад омад ва ҳарҷо имон набошад, куфр хоҳад буд ва куфр зидди Ислом аст, яъне хуруҷ бар амри Худои мутаъол бо ихтилофи дараҷот.

## Василаи таҳсили илм ва яқин

Қаблан донистед, ки тоъат маҳсули имон ва натиҷаи қатъии он аст, дар ин мумкин аст бипурсанд:

Василаи таҳсили илми саҳеҳ ва яқини комил дар бораи сифоти Худои мутаъол ва қонуне, ки мавриди хурсандии зоти бори Таъоло бошад ва низ дар бораи зиндагонии охират, чист?

Пеш аз ин тавзеҳ додем, ки осори раҳмат ва нишонаҳои сунъии Худои мутаъол дар ҳар гӯшае аз гӯшаҳои ҷаҳон пароканадаву пахш шуда аст. Ва ҳамаи ин осору нишонаҳо ба забони ҳол шаҳодат медиҳанд, ки ҷуз Худои ягона касе дар эҷоди ин ҷаҳон, инояту дахолате надошта аст ва Ӯст, ки ин ҷаҳонро мегардонаду тамоми корҳои онро идора мекунад ва

ҳамчунин ҳар касе дар ин осор нигоҳ кунад, хоҳад дид, ки ҳамаи сифоти Худои мутаъол бо камоли вузӯҳ ҷилвагар аст.

Бояд пурсид: кадом як аз сифоти ҳикмату илм ва ибдоъу ибтикор ва афву карам ва раҳмату рубубият ва қаҳру ғалаба (ва амсоли ин сифоти Худоӣ) аст, ки дасти Худо ва аҷоиботи сунъии вай дар он ҷилвагарӣ надошта бошад?

Бале чунин аст, локин ақли инсон ва истеъдоди куллии вай дар мушоҳидаи ин осор ва зимни таъаммул дар ҳақиқати он, гоҳе иштибоҳ мекунад ва бо ин, ки ҳамаи ин осор пеши чашми ӯ рӯшану ошкор аст ва бо ин, ки ҳамеша ба ягонагии Худои мутаъол дар тамоми сифоти вай гувоҳӣ медиҳанд, яке мегӯяд : Ду Худо дар ҷаҳон вуҷуд доранд ва дигаре мегуяд: се Худо ва дигаре Худоёни бешуморе қоил мешавад ва дигаре улуҳиятро миёни Худоёни мутаъаддиде тақсим мекунад ва барои мисол мегӯяд: борон Худое дораду бод Худое дорад ва оташ Худое дорад.... билохира барои ҳар нерӯе аз нерӯҳои ин ҷаҳон Худои махсусе қоил мешавад ва сипас болотар аз ҳамаи ин, Худоён Худои бузургтаре қоил мешавад, ки ба ӯ паноҳ мебарад ва ба фармони ӯ иқтидо мекунад!

Ва ҳамчунин ақли башарӣ дар идроки зоти Худои мутаъол ва маърифати сифоти ӯ дучори хабту хато мешавад ва кӯркӯрона дар роҳҳое меравад, ки ин мақом иқтизои баҳсу тафсили онро надорад.

Ҳамчунин мардумоне ёфт мешаванд, ки дар бораи ҳаёти охират ва ҷаҳони дигар дучори пиндорҳои хатову гумонҳои беасос ва фикрҳои козибе мешаванд, яке мегӯяд; зиндагонӣ мунҳасир ба ҳамин дунё аст ва мо пас аз марг барангехта нахоҳем шуд. Дигаре мегӯяд: маргу зиндагии инсон дар ҳамин олам такрор мешавад ва ҷазои аъмолашро фақат дар ҳамин дунё мебинад....

Локин қонунеро, ки инсон бояд ба риъояти он мувозибат кунад ва зиндагонияшро ба тавре, ки Худои мутаъол меписандад, мутобиқи он қарор диҳад, он чунон қонуне аст, ки вазъ кардани он ба ақли худаш барои инсон ниҳоят мушкил аст.

Бояд донист, ки ақли инсон ба ҳар андоза пухтаву расо ва ҳоизи болотарин дараҷаи кифояту истеъдоди илмӣ шуда бошад, дар ин гуна умур наметавонад назаре ва фикре ё шибҳи назаре иброз кунад, магар баъд аз солҳо таҷрибаву озмоишҳои мукаррару таъаммули тӯлонӣ, балки ҳатто мумкин нест баъд аз тай кардани ҳамаи ин мароҳил ба худ эътимод кунад ва мудаъии он шавад, ки ҳақро шинохту иҳотаи илми томме ба шинохтани ҳақ пайдо карда аст.

Бидуни шаку тардид, роҳи дуруст барои озмоишу имтиҳони ақл ва илми инсон ҳамон аст, ки бидуни роҳнамойи аз тарафи мофавқаш ба ҳоли худ гузошта шавад, боз ҳар касе, ки кӯшиши бештаре карда ва шоистагии беҳтаре аз худ нишон дод, ҳаққу ростиро худаш ба даст оварад, растагорӣ ва комёбӣ насиб ва баҳраи ӯ шавад ва ҳар касе, ки натавонад, зиёну ноумедӣ насиби ӯ гардад, локин Худои Азза ва Ҷалла аз назари лутфу раҳмате, ки ба бандагонаш дорад, онҳоро ба чунин имтиҳони сахт ва озмоиши мушкиле мубтало накардааст.

Худо бо камоли меҳрубонӣ аз миёни инсонҳо мардонеро баргузида, ки дар бораи сифоти худаш илми саҳеҳе ба онҳо омӯхтаву роҳи дурустеро, ки инсон бояд дар зиндагии ин дунё мутобиқи ризоии Худо тай кунад, ба онҳо нишон дода аст ва ҳамчунин илми саҳеҳ, роҷеъ ба ҳаёти охират ба онҳо додаву онҳоро маъмур карда, ки ин илму итилоъро ба ҳамаи мардум бирасонанд. Касоне, ки чунин илму итлоъе ба онҳо дода шуда, Пайғамбарони Худоянд ва он тариқае, ки ба василаи он ин илм ба онҳо бахшида "ваҳй" аст ва он китобе, ки ин илм дар он дарҷ мешавад, китоби Худо ё каломи Худо меноманд. Акнун барои имтиҳону озмоиши ақлу истеъдоди инсон дигар маҳалле боқӣ намемонад, магар аз ҳайси имон ба пайғамбар ё инкори ӯ, он ҳам баъд аз мутолиъа дар таъриху ҳаёти саросар ҳидоят ва зиндагонии поку покизаи вай ва низ баъд аз ғавру хавз дар таълимоташ. Онгоҳ агар ӯ истеъдоди шинохтани ҳақ ва пайравии онро дошта бошад ба дурустӣ ва ростӣ ва бо камоли сидқу сафо, ин макрамат "марҳамату" лутфи Худоро тасдиқ хоҳад кард ва ба он чӣ Пайғамбар оварда имон хоҳад

овард ва дар майдони озмоишу имтиҳон комёбу растагор хоҳад шуд. Баръакс, агар ӯ ин лутфу раҳмати Парвардигорро такзиб кард ва худро бо ин раҳбарӣ ва иршод бениёз донист, ҷуз ин нест, ки барои худаш собит кард, ки ӯ аҳлияту салоҳияти маърифати ҳаққу сидқ ва шоистагӣ пазириши ин ду маънoро аз худ салб карда аст ва ин такзиб муҷиботи ноумедиашро дар ин ду имтиҳон фароҳам хоҳад сохт. Ӯ аз дарёфти илми саҳеҳ ба Худо ва қонуни Худо ва зиндагонии ҷаҳони дигар, маҳрум хоҳад монд.

## Имон ба ғайб

Шумо вақте, ки чизеро надонед, дар ҷустуҷӯи касе мешавед, ки онро бидонад ва сипас ба гуфтаи ӯ амал мекунад ва раъю назари ӯро мепазиред. Масалан вақте, ки бемор мешавед, шахсан худатонро муолиҷа намекунед, балки ба пизишке муроҷиъат мекунед ва агар ин пизишк дар кори худаш ҳизоқату маҳорате дошта бошад ва дорои тасдиқномаи донишгоҳе бошад ва дида бошед, ки афроди зиёде ба дасти ӯ муолиҷа шудаанд, мутмаин мешавед ва имон меоваред, ки барои муолиҷаи шумо шоистагӣ дорад, онгоҳ бинобар ин имоне, ки ба чунон пизишке доред, ҷуз ҳамон доруеро, ки ӯ таъйин карда аст, доруеро масраф нахоҳед кард ва аз хӯрдани он чӣ шуморо наҳй карда, худдорӣ хоҳед кард.

Ҳамчунин дар мавзӯъи қонун ба вакили даъвоҳо имон пайдо мекунед ва амри ӯро итоат менамоед ва дар бораи таълиму омӯзиш ба устод имон меоваред ва ба он чӣ барои шумо баён мекунад, имон меоваред ва низ вақте, ки мехоҳед ба ҷои муайяне раведу роҳро намешиносед, ба касе, ки роҳро мешиносад, имон меоваред ва ӯро роҳнамои худатон қарор медиҳед, ба маърифату роҳшиносии ӯ имон меоваред ва гуфтаи ӯро тасдиқ мекунед ва дар ҳамон роҳе сайр мекунед, ки ӯ ба шумо нишон медиҳад ва ҳоказо дар ҳар коре аз корҳои дунё, шумо барои таҳсили илм ва воқифият ба он кор наметавонед, магар ин ки имон оваред ба касе, ки донандаи он кор аст ва ба ҳадди он кор шумо мутеъи ӯ бошед, бас ҳамин аст ки онро "**имон ба ғайб**" меноманд.

Бинобар он чӣ гуфта шуд, маънои имон ба ғайб ин аст, ки дар он чӣ намедонед ба касе руҷӯъ кунед, ки медонад ва сипас гуфтаи ӯро тасдиқ мекунед ва масалаи шиносоии зот ва сифоти Худои мутаъол низ чунин аст, ки шумо итилоъоту маълумоте дар ин бора надоред ва низ намедонед, ки фариштагони Худо шуъуни ҷаҳони ҳастиро ба амри ӯ идора мекунанд ва аз ҳар тараф мардумро иҳота доранд ва ҳамчунин намедонед, ки роҳи саҳеҳ барои гузаронидани зиндгӣ мутобиқи ризои Худо чист ва аз охират яъне, зиндагӣ дар ҷаҳони дигар ва он чӣ барои бандагони Худо дар онҷо ба даст меояд, илму итилоъе надоред. Дар ин сурат шуморо илми ҳамаи ин умур ва амсоли он аз касе ҳосил мешавад, ки ба илм ва ростӣ ва афофу тақвои ӯ дар тамоми шуъуни зиндагии вай итминон медоред ва ӯро дар корҳои покиза ва гуфтаҳои ҳакимонааш озмудаед. Онгоҳ ба далели ин, ки чунон касе ҷуз ҳақ чизе намегӯяд ва ба далели ин, ки ҳамаи гуфтаҳои ӯ шоистани он аст, ки бипазиреду ба он имон дошта бошед, таслими ӯ мешавед. Инаст имони шумо ба ғайб.

Ва агар бихоҳед тоъати Худои мутаъолро ба ҷо оваред ва он чиро Худо дӯст медорад ва railway меписандад, фаро гиред, зарурист, ки шумо имон ба ғайбро ба даст оваред, зеро бидуни Пайғамбар таҳсили илми саҳеҳ, имкон надорад ва ба ғайри илми саҳеҳ наметавонед, ки ба роҳи мустақими Ислом ҳидоят ёбед.

# Фасли саввум
# Нубуват
## Ҳақиқати нубувват. Шинохти Пайғамбар. Тоати Пайғамбар. Эҳтиёҷ ба имон ба Пайғамбарон. Хулосаи таърихи нубувват. Нубуввати Муҳаммад (салалоҳу алайҳи ва салам). Субути нубуввати Муҳаммадӣ. Хатми нубувват. Далоили хатми нубувват.

Аз фасли собиқ се матлаб дониста шуд.

**Аввал ин ки**: инсон барои пай бурдан ба зот ва сифоти Худои мутаъол ва равишҳое, ки ӯ меписандад ва ҳамчунин ба донистани ҳисоби охират ва муҷозотҳои он ҷаҳон ва ба шинохтани роҳи тоъат ва пазириши авомир ва аҳкоми Худо, мӯҳтоҷ ба илми саҳеҳ, яъне дониши дурустест, ки бояд онро касб кунад. Илова бар ин бояд ин илми инсон, аз ҷиҳати қудрат ва итқону истиҳком ба дараҷаи яқин ва ба марҳалаи вусуқ, яъне эътимоди комил бирасад.

**Дуввум ин ки**: Худои мутаъол бандагонашро мукаллафу муваззаф нафармуда, ки ин илмро бо заҳмату машаққат таҳсил кунанд, балки аз миёни тӯдаи башар, мардонеро баргузида, ки онҳо пайғамбаронанд ва ин илмро ба онҳо дода ва онҳоро маъмур намуда, ки онро ба соири бандагонаш бирасонанд.

**Саввум ин ки**: Феълан мардум вазифае надоранд, ҷуз ин, ки пайғамбарони ростгӯи Худоро бишиносанд ва пас аз ин мардеро шинохтанд, ки ӯ пайғамбари Худо аст ва барои роҳнамоии мардум омада, бояд ба ӯ имон биёваранд ва сухани ӯро бишнаванд ва аз гуфтори ӯ итоат кунанд ва фармони ӯро эътироф ва иҷро кунанд ва дар ҳамаи шуъуни зиндагӣ ва корҳое, ки доранд аз ӯ пайравӣ намоянд.

Инак, ба шарҳи матлаб мепардозем, то ин, ки ҳақиқати нубувват ва роҳи шинохтани пайғамбаронро нишон диҳем.

## Ҳақиқати нубувват

Худои мутаъол дар ин дунё он чиро инсон ба он ниёзманд аст, барои ӯ офаридааст.

Инсон аз ҳамон оғози вилодат барои дидан бо ду чашм ва барои шунидан бо ду гӯш ва барои нафас кашидан ва бӯйдан бо бинӣ, муҷаҳҳаз гардида ва барои ҳис кардан ба пуст низ қувваи ломиса ба ӯ дода шуда ва барои роҳ рафтан ду по ва барои кор ду даст ва барои фикр кардан қувваи зеҳнӣ ба ӯ ато гардида ва ҳамчунин аъзои мутаъаддиди дигаре барои вазоифи фаръии ҷисм дар пайкари ӯ офарида шуда аст ва Худои мутаъол ба манзури рафъи эҳтиёҷоте, ки башар дорад, чунин созмоне дар дохил ва хориҷи бадани ӯ ба вуҷуд оварда аст.

Боз ҳамин, ки вориди ин дунё мешавад ва зиндагиро оғоз мекунад, асбоби зиндагӣ ва мурофиқи ҳаёти бешуморе барои ӯ омода карда аст, аз қабили ҳаво ва обу нур ва ҳарорати шири пистони модар ва муҳаббате, ки дар қулуби падару модар ва хешовандон ва ғайра, ҳам захира шуда аст. Сипас ба тадриҷ рушду нуму мекунад, асбоби рафъи ниёзмандиҳои вай дар дунё фузун мегардад, ба тавре, ки гӯё он қувваҳои мутаъаддиде, ки дар осмону замин аст, фақат барои нашъунамои ӯ офарида шуда ва дар роҳи хидматгузории ӯ, омода гардида аст!

Ҳамин, ки як қадам ба пеш бар медорад, мебинад, ки Худои мутаъол истеъдодҳо ва лаёқатҳову шоистагиҳо ва нерӯҳое дар ихтиёри ӯ гузошта, то ба кор пардозад ва рафъи ҳаммаи эҳтиёҷоташро бинамояд.

Ҳар фарде аз афроди башар, каму беш аз нерӯи баданиву ақлӣ ва аз нерӯи фаҳму ҳуш, бархурдор аст.

Оре! Шаъну мақом ва манзилати Худои мутаъолро дар хилқате, ки карда, ҷуз худаш касе наметавонад биситояд. Худои мутаъол дар тақсими ин мавҳибаҳо ва шоистагиву истеъдодҳо, ҳамаи афроди башарро яксон қарор надода аст. Ва агар ҳамаро дар ин тақсим баробар ва яксон қарор медод,

ҳар фарде аз бародараш бениёз мешуд ва ҳеҷ эътиное ба ӯ намекард. Ба ҳамин хотир Худои мутаъол маҷмӯъи ин кифоятҳову истеъдодҳоеро, ки мавриди эҳтиёҷи навъи башар аст, ба ҷомеаи инсонӣ марҳамат карда ва сипас онро байни афроди мухталиф тақсим намуда, ба наҳве, ки саҳми ин фарди муъаянро аз ҳайси истеъдоду лаёқат, тавре қарор дода, ки бо саҳми он фарди дигар фарқ дорад ва ҳамчунин саҳми он фард бо фарди дигаре тафовут дорад. Аз ин ҷост, ки барои мисол мушоҳида мекунем, ки нерӯи бадани фалон шахси муъаян, бар дигарон бартарӣ дорад ва ҳамчунин фарди дигареро мебинем, ки аз ҳайси маҳорат дар фанни муъайян, ё ҳирфаи муъаяне, имтиёзоте дорад, ки дигаре ё дигарон он имтиёзро надоранд ва ҳамчунин шахсе ё ашхосеро мебинем, ки аз лиҳози ҳушмандӣ ва ақлу нерӯи фаҳм, дар вазъе қарор доранд, ки дигаре ё дигарон дар он вазъ қарор надоранд. Якеро мебинем, ки ба ҳукми фитрат ба корҳои низоми майлу алоқаи хосе дорад, дигареро мушоҳида мекунем, ки барои ҳукумату фармонравоӣ истеъдоду лаёқати махсусе аз худ нишон медиҳад, ҳамчунин шахси муъаянеро мебинем, ки аз малакаи хитобат ва суханронӣ баҳраи вофир ёфта ва дигареро мушоҳада мекунем, ки малакаи иншо ва истеъдоди нависандагии хосе дорад, ки дигаре ё дигарон аз он бархурдор нестанд. Донишомӯзеро мебинем, ки бо фикри равшану ҳуши саршор, истеъдоди риёзии махсусе дорад, ки ба осонӣ бисёре аз масоили риёзии (математика) мушкилро ҳал мекунад, дар сурате, ки дигаре аз ҳалли он оҷиз аст. Шахси дигареро мебинем, ки чизҳои аҷибу ғарибе ихтироъ мекунад ва ҷаҳонро бо ихтирооташ мабҳут (ҳайрон) мекунад. Дигареро мебинем, ки дар қонун, зеҳни нофизе дорад ва зеҳнаш ба нукоти зиёде мерасад, ки зеҳни дигарон пас аз чандин сол ба он нукот мерасад!

Ҳамаи истеъдодҳо ношӣ аз фазле аст, ки Худои мутаъол ба ҳар як аз бандагонаш он чӣ бихоҳад медиҳад ва ҳеҷ касе натавониста ва наметавонад, чунин истеъдодҳоеро барои худ эҷод кунад ва ҳамчунон дастгоҳи таълиму тарбият низ наметавонанд ин гуна истеъдодҳоеро ба касе бидиҳанд, балки

ин мавҳибаҳо фитрии ашхос аст, ки Худои мутаъол ба ҳар як аз бандагонаш, ки бихоҳад чунин имтиёзотеро мебахшад.

Вақт ба ин истеъдодҳо ва мавҳибаҳои мухталифе, ки Худои мутаъол ба афроди гуногун бахшида, диққат диҳед, хоҳед донист, ки Худоро дар ин боб ҳикмати болиғае аст, ки ин истеъдодҳоро ба миқдори эҳтиёҷи навъи башар ба афроди мухталиф дода аст.

Таъаммул бикунед, афроди зиёде барои корҳои низомӣ ва ашхоси зиёде барои корҳои кишоварзӣ ва бозаргониву оҳангарӣ ва бофандагӣ ва соири ҳирфаҳо ва машоғил ёфта мешаванд, локин шумораи соҳибони қувваи илмӣ ва фикрӣ ва касоне, ки дорои истеъдоҳои сиёсӣ ва пешвоию раҳбарӣ ҳастанд, камтар аз дигарон аст ва адади касоне, ки дар фанни махсусе маҳорат ва шоистагӣ доранд, нисбат ба эшон мазид камтар аст. Нисбати камтар будани ин навъ афрод нисбат бо афроди табақоти дигар, ин аст, ки аъмоли ин дастаи кам башариятро аз доштани назоир ва амсол дар ин фану ҳунари махсус, барои қарнҳову асрҳо, бениёз медорад.

Бояд пурсид; оё барои эҳтиёҷи навъи башар ва зиндагонии саодатомези вай, ҳамин қадар кофӣ аст, ки дар миёни мардум, ашхоси лоиқу моҳир дар фунуни ҳандаса ва риёзиёту шимӣ (химия) ва қонуну сиёсат ва иқтисоду фунуни дигар ёфта шаванду бас ?

Албатта чунин нест, балки, бузургтарин эҳтиёҷот ва шадидтарин ниёзмандиҳои башар ин аст, ки дар миёни мардум касе пайдо шавад, то дасташро бигирад ва ӯро ба роҳи мустақими Худо раҳбарӣ кунад. Оре! ҳар донишманде аз донишмандони ин фунун, башарро ба роҳе, ки медонад, раҳбарӣ мекунад ва ба дигарон меомӯзад, ки ҳар як аз ин фунунро чӣ гуна бояд омӯхт ва ҳар фанеро чӣ гуна бояд ба кор бурд, вале ҳоҷати шадидтаре ки дорад, ин аст ки касе барои ӯ тавзеҳ диҳад ва бигӯяд, ки худи инсон барои кист? ин ҳама матоъ дар дунё ӯро кӣ дода аст ва ризои он диҳанда чист, то ба мутобиқи ризоии ӯ зиндагӣ карда, растагории яқинӣ ва доимӣ ба даст орад.

Хориҷ аз имкони ақл ин амрест, ки Худои мутаъол ин ҳама чизҳои бузургу кӯчаке барои ӯ халқ карда, то тамоми ниёзмандиҳои ӯро бартараф созад, аз ин эҳтиёҷи инсон, ки бузургтарин ва шадидтарин эҳтиёҷоти ӯст, ғафлат дошта ва аслан бадон эътиное надошта бошад!

Ногуфта пайдо аст, ки чунин чизе ҳеҷгоҳ имкон надорад, балки Худои мутаъол, дар миёни мардум агар мардонеро халқ карда аст, ки дар ҳар як ҳунару ҳар як илму фанни муайян маҳорати хоссае доранд, албатта чунон мардон ҳам офарида аст, ки эшон шоистагии шинохтани Худоро доштанд. Ин чунин мардонро Худо илми дин ва ахлоқу шариатро мустақиман ато фармуда ва онҳоро мукаллаф сохта, ки ин илмро ба соири бандагонаш дар ин чизҳо биёмӯзанд. Ин мардон ҳамон касоне ҳастанд, ки мо онҳоро пайғамбарони Худо, (салавотуллоҳи ва саломуҳу алайҳим аҷмаъин), меномем.

## Шинохтани Паёмбар.

Ҳамон тавре, ки афроди баргузида ва мумтозе дар ҳамаи улум ва фунун, бо итеъдодҳои хосе ба таваллуд мешаванд ва дорои табиъати ғайри оддӣ ҳастанд ва нисбати дигарон имтиёзоте доранд, ба ҳамин тариқ, анбиё, яъне пайғамбарон, бо истеъдодҳои хос ва табиъати ғайри оддӣ, мутаваллид мешаванд ва бар дигарон имтиёз доранд.

Ба муҷарради ин, ки шоиртабъе каломи манзуме ба гӯши шумо бирасонад, завқу истеъдодҳои шоистагии шоир барои шумо маҳсусу ошкор мешавад ва ташхис медиҳед, ки шоир дар шеъре ки гуфта, дорои малакаи хосе аст, зеро касони дигар ҳар чӣ бикӯшанд, нахоҳанд тавонист чунон шеъре бисароянд. Ҳамчунин хатиби балиғу ширинсуханеро дар назар бигиред, ё нависандаи бо завқу тавоно ё ихтиркори ҳунарманд ва пешвои муслиҳу нерӯмандеро дар назар оваред ва кори арзандаи ҳар якро арзёбӣ кунед, мебинед ҳар як аз ин афрод ба василаи истеъдодҳои мумтозе, ки дошта, корҳоеро анҷом дода аст, ки барои шумо ва ҳамаи мардум бесобиқа будааст!

Ҳолати Пайғамбар низ чунин аст, зеро дар қалби Пайғамбар ва дар зеҳни ӯ маъонӣ ва афкоре хутур мекунад, ки ба қалби ҳеҷ башаре хутур намекунад. Дар натиҷа Пайғамбар масоилу мавзӯъотеро барои мардум ташреҳ мекунад, ки каси дигар наметавонад ва ҳам чунин назари ӯ ба умури дақиқ таваҷҷӯҳ ва нуфуз мекунад, ки назари соири мардум мутаваҷеҳи он нест ва намефаҳманд, агар чӣ солҳо бикӯшанд ва диққат кунанд!

Инҷост, ки он чӣ бигӯяд, ақли солим онро мепазирад ва ҳамаи дилҳо ба ростии он гувоҳӣ медиҳанд ва низ таҷрибаҳои дунё ва мазоҳири ҷаҳони ҳастӣ, ҳар як аз гуфтаҳои ӯро тасдиқ ва таъйид мекунанд ва агар касе бихоҳад аз он матолиб матлаберо бигӯяд, ҳеҷ вақт нахоҳад тавонист!

Нуктаи дигаре, ки мусаллам аст ин аст, ки фитрати Пайғамбар пок ва сиришти ӯ тамйизу муназзаҳ аст ва дар ҳеҷ шаъне аз шуун, роҳе ҷуз роҳи сидқ ва ифофу шараф, намеҷӯяд ва ҳеҷ гуфтор ва рафторе, ки мутобиқи ҳаққу савоб набошад, аз ӯ содир намешавад, мардумро ба тараққӣ ва такомул ҳидоят мекунад ва дар он чӣ дигаронро ба анҷоми он амр мекунад, худаш пеш мегирад ва дар саросари даврони ҳаёташ ҳатто нуктае, ки амалаш бо гуфтораш татбиқ накунад, дида намешавад. Қавлу амали ӯ бо ҳеҷ ғарази зоттӣ олӯда намегардад. Пайғамбар дар роҳи масолеҳи мардум, таҳаммули зарару зиён мекунад ва дар роҳи маслиҳати худаш ба ҳеҷ кас зарару зиён намерасонад. Тамоми зиндагии Пайғамбар намунаи ростӣ ва амонату шарофат ва сафову хушрафторӣ ва фикру андешаи баланд ва ҷавонмардиву баландназарӣ ва баландҳимматист ва ҳеҷ айбу нуқсе дар ӯ дида намешавад.

Ҳамаи ин маонӣ ва сифот, шоҳиду нотиқ ба он аст, ки чунин марде Пайғамбари ростгӯи Худо аст, ки барои роҳнамоии мардум фиристода шуда аст.

## Итоат аз Паёмбар (с)

Пас аз он ки донистед, чунин марде пайғамбари содиқ аз тарафи Худои мутаъол аст, бояд ба он чӣ амр мекунад ва аз он

чӣ наҳй мекунад, мутеъи ӯ бошед, зеро ақли кулли башарӣ иҷозатт намедиҳад, ки ба пайғамбарии башаре таслим шавед, вале мутеъи ӯ набошед. Аз тарафи дигар маъно надорад, ки ба пайғамбарии ӯ таслим шавед, магар ин, ки имон дошта бошед, ки ӯ аз рӯи ҳавову ҳавас, сухан намекунад ва чизеро намегӯяд, магар ин, ки аз тарафи Худо бошад ва амалу дастуреро иблоғ намекунад, магар ин, ки мутобиқи ризои Худо бошад. Билохира дар чунин марҳилае он чӣ бигӯед ва он чӣ амал кунед, ки бар хилофи раъйи Пайғамбар бошад, мисли ин аст, ки бар хилофи амри Худои мутаъол бошад. Ва он чӣ хилофи амри Худои мутаъол бошад, ҳаргиз ҳаққу дуруст набошад.

Бо таваҷҷӯҳ ба ин маъонӣ, имони шумо нисбат ба Пайғамбар мусталзими он аст, ки бедаранг ва бидуни эътироз, аз ҳар ҷиҳат мутеъи Пайғамбар бошед ва амру наҳйи ӯро ба кор баред, чӣ ҳикмати фоидаи амру наҳйи ӯро бифаҳмед ва чӣ нафаҳмед, ҳар он чӣ аз тарафи Пайғамбар ба шумо бирасад, муҷарради маъмурияти он аз тарафи Пайғамбар шоҳид ва далели ин аст, ки он росту дуруст аст ва ҳамаи ҳикматҳо ва фавоидро дар бар дорад.

Агар аҳёнан ҳикмате аз ҳикматҳо, ё фоидае аз фавоиди аҳком ва авомирро нафаҳмида бошед, набояд, ки аз ӯ бар харобии он далел гирифта шавад, балки ҳақ ин аст, ки он ношӣ аз фасод ё қусури худатон хоҳад буд. Ин нуктаи бадеҳӣ ва ошкор аст, ки касе, ки дар фанне аз фунун моҳир набошад, нукоти он фанро натавонад дарк кунад ва локин чӣ дараҷаи нодони он кас хоҳад буд, ки ба сирфи ин ки ҳикмату фоидаи гуфтаи шахси моҳири фанни муъаянро намефаҳмад, ё наметавонад дарк кунад, қавли ӯро рад кунад.

Албатта, ҳар коре аз корҳои дунё мӯҳтоҷ ба вуҷуди марди моҳиру ҳозиқеаст, ки дар он кор иҳотаи комил дошта бошад ва ҳар вақт мардум чунин мардеро бубинанд ба ӯ руҷӯъ хоҳанд кард ва амали ӯро тасдиқ хоҳанд кард ва бар ӯ эътимод хоҳанд намуд ва бар он чӣ бигӯяд, ҳеҷ гуна эътирозе нахоҳанд кард ва дар корҳои ӯ дахолате нахоҳанд намуд, ба далели ин, ки

мумкин нест ҳамаи мардум дар ҳамаи улуму фунун, моҳир бошанд ва битавонанд ҳамаи умури дунёро бифаҳманд.

Дар ин сурат танҳо вазифае, ки бар ӯҳда доред ин аст, ки тамоми қувваи ақлу фаҳми худатонро мунҳасир дар ҷустуҷӯи шахси моҳире ба кор баред, то ӯро ба даст оваред, вале пас аз ба даст овардани чунон шахсе, ки ба маҳорати ӯ имон доред, бояд аз ҳар ҷиҳат ба ӯ эътимод кунед ва муътааррризи ҳеҷ як аз аъмоли ӯ нашавед ва дар фикру раъи худатон исрор надошта бошед ва агар аҳёнан ба ӯ бигуед: модоме, ки худатонро дар мавзӯъи ин амал дар ихтиёри ман нагузоред ва то ин, ки аз ҳикмату фоидаи ҳар қавле ё феъле, ки шумо бигӯед ва бикунед, ман муталеъ нашавам, қавлу феъли шуморо тасдиқ нахоҳам кард, ин ҳама агар аҳёнан ба ӯ бигӯед, сафоҳати худро собит мекунед.

Вақте, ки тарҳи даъвоеро дар маҳкама ба ӯҳдаи фалон вакили даъвоҳои худ қарор медиҳед, оё тамоми ихтиёротатонро ба ӯ намесупоред? ва агар дар амали вакили даъвоҳоятон мудохила кардед, оё ӯ шуморо аз дафтараш хориҷ намекунад?

Ва ҳамчунин, пизишке ки шуморо муолиҷа мекунад, барои асари ҳар давое, ки дастӯр медиҳад, аз ӯ далел бихоҳед, оё даст аз муолиҷаи шумо бар намедорад?

Амри дин низ айнан чунин аст. Зеро шумо мӯҳтоҷ ба илми Худо ҳастед ва барои ин, ки сипари кардани зиндагии шумо мутобиқи ризои Худо бошад, эҳтиёҷ доред роҳи саҳеҳи зиндагиро бишиносед, вале шахсан барои таҳсили ин илм ва шинохтани ин тариқ, василае надоред. Дар ин сурат вазифаи шумо ин аст, ки дар ҷустуҷӯи пайғамбари Худо бароед ва ҳар чӣ метавонед, дар мавриди шахсияти ӯ таҳқиқ кунед ва дар ин бора аз нерӯи ақлу басират ва фаҳму ҳуш ва фаросате, ки Худо ба шумо дода, ҳадди аксарро истифода бинамоед ва бидонед, ки агар касеро, ки муддаъии пайғамбарист, дар он ҳоле, ки барангехтаи Худо набошад, ба пайғамбарӣ шинохтед, шуморо гумроҳ хоҳад кард ва ба ҷои роҳи ҳақ шуморо дар роҳҳои каҷ ворид хоҳад намуд. Локин ҳаргоҳ баъд аз таҳқиқу таҷассус ва тадқиқу имтиҳон, яқин кардед, ки он мард пайғамбар ва

фиристодаи Худост, бояд аз ҳар ҷиҳат ба ӯ эътимод кунед ва комиллан мутеъи ӯ бошед ва дар ҳар мавзӯъе, амру наҳйи ӯро бипазиред.

## Эҳтиёҷи инсон ба имон нисбат ба Пайғамбарон

Пас аз он, ки донистед роҳи мустақими Ислом ҳамон роҳест, ки пайғамбар ба фармони Парвардигораш мардумро ба он ҳидояту иршод мекунад, хоҳед донист, ки ҳамаи афроди башар мӯҳтоҷанд, ки ба пайғамбар имон биёваранд ва аз ӯ пайравӣ кунанд ва амри ӯро бипазиранд. Ҳар он касе, ки бо Пайғамбар мухолифат кунад ва аз итоати ӯ сарпечад ва шахсан роҳи дигареро ихтироъ кунад, бидуни шаку тардид, гумроҳ аст.

Мардум дар ин замина ба корҳои аҷибу ғариб даст мезананд. Масалан ашхосеро мебинед, ки пайғамбарро тасдиқ мекунанд, вале ба ӯ имон намеоваранд, амри ӯро итоат намекунанд! Инчунин касоне нафақат кофиранд, балки беақлу бехирададанд, зеро маъно надорад, касе ба пайғамбар муътақид бошад ва эътироф дошта бошад, ки аз назди Худо омада ва бо ин ҳол аз итоати амри ӯ рӯй бигардонад, ҷуз ин, ки бигӯем, чунин касе дидаву дониста ботилро бар ҳақ ва гумроҳиро бар ҳидоят, тарҷеҳ дода аст. Ва ногуфта пайдо аст, ки ҳамоқате расвотар аз ин ҳамоқат нест.

Дастаи дигар мегӯянд: Мо мӯҳтоҷ ба пайравӣ аз пайғамбар нестем, зеро худамон ақле дорем, ки моро ба роҳи мустақим ҳидоят мекунад.

Ин матлаб низ хатои бузург ва гумроҳиву залолатест ошкор! Шумо риёзиёт хондаед ва медонед, ки хатти мустақим байни ду нуқта, ҷуз яке наметавонад бошад ва низ медонед, ки агар хатти дувуме байни ду нуқта имтидод дода шавад, ё ғайри мустақим хоҳад буд ё ин, ки робит байни ин ду нуқта нахоҳад буд. Роҳи ҳақе, ки ба истилоҳи Ислом -сироти мустақим- номида мешавад, роҳест, байни банда ва парвардигораш ва ба ҳукми ҳамин қоидаи риёзӣ, ҷуз яке наметавонад бошад. Дар ин сурат агар ҷуз ҳамин роҳ, роҳи

дигаре дар назар гирифта шавад, ё ғайри мустақим хоҳад буд ва ё ин, ки бандаро бо Худояш иртибот нахоҳад дод.

Инак таммул бикунед: Қаблан донистед роҳе, ки ба сӯи Худо боз аст ва инсонро ба Худо мерасонад, яке беш нест ва пайғамбари Худо ҳамон роҳро нишон медиҳад. Дар ин сурат ҳар он кас, ки аз ин роҳ мунсариф шавад ва дар ҷустуҷӯи роҳи дигаре худашро ба таъбу машаққат андозад, аз ду шакл хориҷ нест:

Аввал ин, ки роҳе ки ӯро ба Худо бирасонад, аслан пайдо нахоҳад кард. Дуввум ин, ки агар роҳе пайдо кунад, тӯлонӣ ва мунҳанӣ, яъне каҷ хоҳад буд. Агар роҳи аввалро интихоб кунад, бидуни тардид дучори ҳалокату нобудӣ хоҳад шуд ва ҳаргоҳ роҳи дуввумро дар назар бигирад, дасти кам ба ҳамоқату гумроҳӣ хоҳад расид.

Магар намебинед, ҳар ҳайвони забонбастае бихоҳад ба ҷое биравад, хати сайри мустақиме интихоб мекунад. Чӣ расад ба инсон, ки Худо ба ӯ ақл додааст ва яке аз бандагонашро фиристода то ин, ки инсонро ба тарафи Худо даъват кунад ва роҳи хайру салоҳ ва тарақиву такомулро ба ӯ нишон диҳад ва ба ин ҳол ба Пайғамбар бигӯяд: абадан аз ту пайравӣ нахоҳам кард ва дар роҳе, ки ту ба ман нишон медиҳӣ, гоме нахоҳам бардошт, балки худам хоҳам кӯшид ва дар роҳҳои торик ва пурпечу хам хоҳам рафт то ин, ки ба ҳадафи худам бирасам!

Ҳар кас камтарин тааммуле бинамояд, ин матлабро дарк хоҳад кард ва ҳаргоҳ каме фикр кунед, матлаб барои шумо равшан хоҳад шуд, ки ҳар кас аз имон ба пайғамбар худдорӣ кунад, имкон надорад барои расидан ба Худои мутаъол, роҳе пайдо кунад, чӣ мустақим ва чӣ ғайри мустақим, зеро касе, ки аз қабули қавли марди содиқ боз монад, филҷумла нақси ақли вуҷуд дорад, ки бо сабаби он аз ҳақ сар метобад. ин гуна шахс ё ноқисулақл бошад ва ё ин, ки зотан мутакаббир бошад ва ё дар табиъати ӯ инҳироф вуҷуд дошта бошад, ки бо доштани чунин сифате ба қабули ҳақ тан дарнадиҳад, ё ин ки кӯркӯрона ғарқ дар тақлиди падаронаш бошад ва ҳозир набошад, ҳарферо бишнавад, ки мухолифи афкору русум ва одоту одобе бошад, ки аз онҳо бо ирс бурда аст, ё бандае бошад, ки Худои ӯ

ҳавасҳои ӯст ва майлу рағбате ба пазириши таълимоти пайғамбар надорад, зеро ҳисоб мекунад, ки агар ин таълимотро пазирад, дигар барои иртикоби гуноҳону мункаре, ки дар саросари даврони зиндагӣ ба он олӯда буда маҷоле нахоҳад дошт.

Оре! Ҳар касе, ки яке аз ин иллалу асбоб дар ниҳоди ӯ вуҷуд дошта бошад, нахоҳад тавонист ба сӯи Худо ҳидоят шавад, баръакс агар касе аз ин иллатҳову сабабҳо барканор бошад, маҳол аст, аз итоати пайғамбари содиқ ва пазириши таълимоти ӯ, рӯй баргардонад.

Нуктаеро, ки дар ин замина набояд аз назар дур дошт, ин аст, ки пайғамбарро Худои мутаъол фақат бо ин манзур бармеангезад, ки мардуми мумин бо ӯ бошанд ва таълимоти ӯро пайравӣ кунанд? Дар ин сурат агар касе ба пайғамбар имон наёварад ва аз итоати ӯ сарпечӣ кунад, чунон аст, ки бар Худо хуруҷ карда аст.  Ба далели ин, ки агар давлате, ки шумо тобеъи он ҳастед, бар шумо ҳокиме бигузорад, ногузиред аз ӯ итоат кунед ва агар ӯро бар худ ҳоким надонед ва аз иҷрои ҳукми ӯ худдорӣ кунед, мисли ин аст, ки бар давлат хуруҷ кардаед. Вале таслим шудан ба пайравӣ аз давлат ва сарпечӣ аз амри ҳокиме, ки бар шумо гумошта, бо якдигар созгор нестанд зеро ба тавре гуфтаанд: (نقيضان لا يجتمعان), яъне (ду чизе, ки зиду нақизи якдигар бошанд, бо ҳам ҷамъ намешаванд). Ин масал аз ҳар ҷиҳат бар вазъи байни Худо ва байни пайғамбаре, ки аз тарафи ӯ барангехта шуда, сидқ мекунад, зеро Худо барои ҳамаи мардум подшоҳу фармонравои ҳақиқӣ аст ва ҳар касеро, ки ин подшоҳи ҳақиқӣ барои ҳидояту иршод, яъне раҳбарӣ ва раҳнамоӣ фиристода бошад ва ба мардум амр карда бошад, ки аз ӯ пайравӣ кунанд, бояд ба ӯ имон биёваранд ва итоати ӯро бар ҳар чиз тарҷеҳ диҳанд ва касе, ки аз итоати ӯ сарпечӣ кунад, кофир аст, чӣ ба Худо имон дошта бошад, чӣ надошта бошад.

## Хулосаи таърихи нубуват

Инак ба ташреҳу тавзеҳи ин матлаб мепардозем, ки чӣ гуна риштаи барангехтани пайғамборон шурӯъ шуд? ва чӣ

гуна пешрафт кард то ин, ки мунтаҳӣ ба набуввати Пайғамбари ҷалилу бузургвор шуд, ки сайид ва сарвари соири Пайғамбарон ва хатмкунандаи нубувват аст.

Ин маъно бар шумо пӯшида нест, ки Худои мутаъол дар оғози амр "нафси воҳида" яъне як фарди муайянеро халқ кард ва аз ӯ, ҳамон "**нафси воҳида**" ҷуфташро офарид ва сипас ҳамаи касонеро, ки дар ҳоли ҳозир мебинем, дар навоҳии мухталифи ҷаҳон пароканда ва ба миллатҳову умматҳои гуногуне, ки тақсим шудаанд, аз он ду ба вуҷуд овардааст.

Ривоятҳои динӣ ва таърихии ҳамаи миллатҳо ба таври якнавохт ҳикоят мекунанд, ки силсилаи навъи башар дар оғози амр, аз як махлуқ шурӯъ шуда аст ва ҳамчунин таҳқиқоти улуми таҷрибӣ (science) собит карда аст, ки дар манотиқи мухталифи курраи замин, афроди гуногуне вуҷуд дошта ва ин сулолаҳо ва миллатҳои мутаъаддиде, ки имрӯз рӯи замин сукунат доранд, аз ин сулолаҳо мутафарреъ шуда бошанд, балки он чиро ки аксари уламои ин улум ба таври қиёс истинтоқ мекунанд, ин аст, ки дар оғози амр як нафар ба вуҷуд омада ва аз вуҷуди ин як нафар ин сулолаҳои инсонӣ, ки феълан вуҷуд доранд, рӯи замин паҳн шудаанд.

Ин ҳама зоду вулде, ки аз инсон дар ҳоли ҳозир дида мешаванд, аз насли ҳамон инсони аввале ба вуҷуд омадаанд ва он инсони аввал дар луғат "Одам" номида мешавад. Калимаи "одамӣ", ки ба маънои инсон аст, аз ҳамон калима муштақ шуда аст. Бинобарин Одам (алайҳи салом) ҳамон касе аст, ки Худои мутаъол онро баргузида ва ӯро дар рӯи замин аввалин Расул (яъне фиристода ва пайғамбар) қарор дод ва ба ӯ амр кард, ки Исломро ба фарзандонаш таълим диҳад. Яъне барои онҳо тавзеҳ диҳаду бигӯяд, ки шумо ва соири мавҷудоти ин ҷаҳон, ҷуз Худои ягона, Худое надоред ва ҳеҷ мақоме ва ҳеҷ шахсе ё чизе ҷуз Ӯ напарастед ва ба ёрӣ нахоҳед ва ҷуз барои Ӯ саҷда накунед ва аёми ҳаётатонро ҷуз мутобиқи ризои ӯ бар асоси адолату сафо, сипарӣ накунед, ки агар ин корро кардед инъоми хуб хоҳед ёфт ва агар аз итоаташ худдорӣ кунед, подоши амали шумо ҳамон подоши ашрору бадкорон хоҳад буд.

Накӯкорони фарзандони Одам касоне буданд, ки аз падарашон пайравӣ карданд ва бо даст задан ба ресмони матини Илоҳӣ ва сироти мустақими ӯ ҳидоят шуданд, локин ситамкорон ҳозир нашуданд, ки пайрави падарашон гарданд, балки пайрави ҳавову ҳаваси худашон шуданд, то ин ки анвоъи зишткорӣ ва мункарот ба тадриҷ дар миёни онҳо ривоҷ гирифт. Ддар натиҷа баъзе, офтоб ва моҳу ситорагон ва ҷамъе дарахте ё санге ё дарёе ё ҳайвонеро парастиданд ва ҷамъи дигаре тасаввур карданд, ки обу оташ ва бемориюю ва тандурустӣ ва аз ин қабил нерӯҳои табиъат ва неъматҳои дигар, ҳар як Худои махсуси ҷудо ҷудо дорад. Бо ин қоида вазифаи худ донистанд, ки ҳамаи ин Худоёнро бипарастанд ва дар роҳи ризои онҳо бикӯшанд, то ин ки фазлу инъоми ҳамаи ин Худоён шомили ҳоли инсон шавад.

Бадин тавр, ҷаҳолат сабаб гардид, ки ашколи мухталифи ширку бутпарастӣ дар миёни мардум ривоҷ бигирад ва аз ширку бутпарастӣ, диёнатҳои мутаъаддиде ба вуҷуд омад.

Ҳамаи ин пешомадҳо вақте руй дод, ки фанзадони одам, яъне наслу табори ӯ дар атрофу навоҳии ҷаҳон пароканда шуда буд ва миллату уммати мухталиф ба вуҷуд омада буданд. Ҳаргоҳ ҳар миллате ва ҳар уммате барои худ дини хосе қарор дод ва русуму шиъорҳое вазъ кард, ки бо дигаре фарқ дошт.

Хулосаи калом ин, ки чун мардум, Худоро фаромӯш карданд, қаҳран динеро, ки падарашон (Одам) оварда ва онҳоро ба василаи он дин ҳидоят карда буд, фаромӯш карданд ва тобеъи ҳавасҳои худашон гардиданд, онгоҳ анвои русум ва суннатҳои зишт дар миёни мардум нуфуз кард ва афкори ботил ва ақоиду афкори ҷоҳилият дар миёни мардум ривоҷ гирифт ва дар тамйизу ташхис байни нофиъу музир ва ҳаққу ботил дучори иштибоҳу хатокорӣ гардиданд. Ба ин хотир Худои мутаъол фиристодагону пайғамбаронро дар миёни ҳар миллате барангехт, то ба таълиму тавзеҳи он чӣ қаблан Одамъ(а) оварда буд, пардохта ва он чиро қабл аз вақт мардум фаромӯш карда буданд, ба мардум ёдовар шаванд.

Ин барангехтагони Худо, афроди миллати худро ба парастиши Худои ягона ҳидоят карда ва аз ширку парастиши бутҳо, боз дошта ва суннатҳои фосиду русуми ботилро решакан сохта, барои ҳаёти тозае, ки ба Худо писанд бошад, мардумро роҳнамоӣ карда ва қавонини саҳеҳ ва низомҳои дурусте барои онҳо баён карда ва мардумро ба пайравии назму қонун водор карда, ҳеҷ кишваре аз кишварҳои замин, аъам аз Ҳинду Эрон ва Чину Ироқ ва Миср, ё Африқоу Аврупо, аз вуҷуди фиристодагону пайғамбарони Худо холӣ намонд.

Ҳаммаи ин Пайғамбарон бар дини ягонае буданд, ки онро феълан Ислом меномем[1]. Он чӣ, ки дар миёни равишҳои гуногуне, ки ба манзури иршоду қавонине, ки пайғамбарон овардаанд, мухтасар фарқу тафовуте дида мешавад ва иллати он ин аст, ки ҳар пайғамбаре саъй ва кӯшишу эҳтимомашро дар решакан сохтани он навъ ҷаҳолати хосе, ки дар миёни миллаташ роиҷу шоеъ бувад ва дар азҳони мардум русух дошта, сарф карда ва ҳангоме, ки ин миллатҳо аз лиҳози фарҳангу тамаддун ва илму ақл дар марҳилаи аввал будаанд, пайғамбаронашон таълимот ва шариати содае овардаанд ва ҳар чӣ аз ин ҷаҳолат пештар рафтаанд, қаламрави таълимот ва шароеъу барномаҳои миллатҳо тавсиъа ёфтааст. Вале ин ихтилоф фақат дар зоҳир буда, вагарна рӯҳе, ки дар ҳамаи шариъатҳо ва таълимоти сорӣ ва ҷорӣ буда, ҳамоно ягонагии Худо дар ақида ва ростиву ахлоқ дар амал ва имон ба ҳаёти охират будааст[2].

Рафторе, ки мардум бо ин фиристодагон ва пайғамбарон доштаанд, шигифтовар аст.

Аввалан онҳоро азият карда ва аз итоаташон сарпечӣ карда, такаббур варзидаанд, дар натиҷа баъзеро куштанд ва

[1]: Аз ҷумла сӯитафоҳумот ё сӯитаъбирҳое, ки дар миёни аксари мардум, балки дар миёни бисёре аз аҳли илм мебинем, ки бадон дӯчоранд ин аст, ки оғози Исломро дар нубуввати Муҳаммад (с) медонанд ва ин хатоест фоҳиш, ки бояд зеҳни донишҷӯ аз ин холигоҳ маҳфуз ва дар амон бимонад ва ҳар донишҷӯ бояд бидонад, ки аз ҳамон оғози амр танҳо дини воҳиди ҳақиқии навъи башар, Ислом буда ва ҳар пайғамбаре аз пайғамбарони Худо дар ҳар замон ва маконе ҳамин динро овардаанд.

[2]: Барои мутолеъаи тафсили ин маҷол ба китоби"**роҳи тайшуда**" таълифи устоди ҷалил оқои муҳандис, Маҳдии Бозаргон муроҷиъа шавад. (Мутарҷим)

баъзеро аз шаҳру диёрашон ихроҷ кардаан, то ҷое, ки ҷуз чанд нафари маъдуд ба ин Пайғамбарон имон наоварданд! Он ҳам пас аз он, ки саросари умрашонро дар роҳи даъвату таблиғ фидо карданд, локин ин бандагони баргузидаи Худо дар роҳи ҷиҳоду кӯшишашон, кӯтоҳӣ накарда ва аз пой нанишастанд, то ин ки билохира бузургтарин миллатҳои рӯи замин даъваташонро пазируфтань ва тобеъашон шуданд.

Баъд аз сипари шудани ин давраи залолату гумроҳӣ, барои худаш қолаби тозае пайдо кард, бо ин маъно, ки миллатҳо таълимоти Пайғамбаронро пас аз вафоташон иваз карданд ва дар китобҳои Пайғамбарон пиндорҳои дурӯғе аз худ ворид карданд ва барои ибодат равишҳои тозаеро аз пеши худ ихтироъ карданд. Як дастае аз мардум шурӯъ карданд ба парастиши пайғамбарон. Ҷамъе гуфтанд: Худо ба сурати пайғамбараш ба замин фурӯд омада аст. Иддае пайғамбари Худоро писари Худо қарор доданд, баъзе пайғамбари Худоро шарики улуҳият қарор доданд. Бадин тариқ башар пас аз даргузашти пайғамбарон дар давраҳои мухталифи таърих дар кишварҳои гуногун, таълимоти пайғамбаронро таҳриф карданд. Барои ҳамон касоне, ки бутҳоро дар ҳам шикаста буданд, бутҳо ва муҷассамаҳое сохтанд ва онҳоро муқаддас шумурда ва парастиданд ва таълимоту шароеъи пайғамбаронро насх карданд, ва бо анвоъи бидъатҳову русуми ҷоҳилияту суннатҳои дурӯғ ва афсонаҳои маҷҳул, олӯда сохтанд, ва бо қавонине, ки худи башар вазъ карда буд, ба шароеъи пайғамбарон омехта карданд. То ҷое, ки барои инсон пас аз гузаштани чанд қарн, василае намонда буд, ки битавонад ҳидояти пайғамбарон ва шариъати аслиашонро аз он чӣ пайравони бидъатияшон сохта ва пардохтаанд, тамйиз диҳад[3].

[3]: Бародарон ва донишомӯзону донишҷӯён бидонанд, ки миллатҳои гузашта, дини ҳақиқиашон, яъне Исломро ба ҳамин тавр иваз карданд ва диёнатҳои мухталифро, ки бо номҳои гуногун имрӯз дар ҷаҳон мебинем, худ ихтироъ карданд. Масалан ҳазрати Масеҳ (а) динеро, ки овард ғайр аз дини Ислом ҳақиқӣ набудааст, лекин касоне, ки баъд аз он ҳазрат омаданд, бо дини ӯ бозӣ кардан ва худ ҳазрати Масеҳ(а)ро маъбуд сохтанд ва таълимоти поку покизаи ӯро бо аботиле, ки худ сохтанд, олӯда карданд ва дини ҷадидеро барои мардум оварданд ва онро "масеҳият" номиданд.

Ва низ саргузашти пайғамбарон ва сирати ҳақиқиашон дар хилоли ривоёти сохтагӣ аз байн рафт, то ҷое, ки назди мардум аз он матлаб чизе қобили эътимод боқӣ намонд. Бо вуҷуди ҳамин, ҳамаи фаолиятҳо ва кӯшишҳои пайғамбарон аз байн нарафт, балки бо вуҷуди масх шудани таълимоти пайғамбарон ва омехта шудани он бо хостаҳои дигарон, назди ҳар миллате, ҷузъе аз сидқу ҳақ боқӣ монд; ба ин маъно, ки ақидаи Худо ва ҳаёти охират дар миёни ҳамаи миллатҳо ва умматҳо бо ашколи мухталиф мунташир шуд ва маҷмӯъае аз мабодии салоҳу сидқ ва ихлос ба ҷой мондааст ва ҳар пайғамбаре ҷудо ҷудо ҳар як миллатро барои қабули ҳақ тарбият карда ва омода сохта, то ҷое, ки ин имкон ба вуҷуд омад, ки дини ягонае дар саросари ҷаҳон умумият пайдо кунад ва бидуни таваҷҷӯҳ ба тафовуту фарқе, ки дар миёни миллатҳои ҷаҳон вуҷуд дорад, танҳо дини ҳамаи инсонҳо шинохта шавад.

Ва низ пеш аз ин барои шумо тавзеҳ додем, ки барои ҳар миллате пайғамбарони махсус ба он миллат ё уммат фиристода мешуд ва даъвати ин пайғамбарон мунҳасир ба ҳамон миллат ё уммат буд. Иллати ин амр ин буда, ки он рӯзҳо миллатҳо аз якдигар дур буданд ва бо якдигар омехта нашуда буданд ва ҳар миллате гӯё муқайяд дар ҳудуди сарзамини худаш буд дар чунон шароите мушкил буд, ки таълими муштараку ҳамаҷониба ва якнавохт дар миёни ҳамаи умматҳову миллатҳои саросари ҷаҳон мунташир шавад. Илова ба ин шароити зиндагӣ ва авзоъу аҳволи ҳар миллате бо миллатҳои дигар ихтилоф дошт ва нодонӣ саросари ҷиҳонро фаро гирифта буд. Бадин ҷиҳат нодонӣ дар ақида ва ахлоқ аз хилоли ин мафосид суратҳои гуногун бо таваҷҷӯҳ ба ихтилофи замону макон, ба вуҷуд меомад.

Бо таваҷҷӯҳ ба маҷмӯъи ин авомилу ангезаҳо чорае набуд, ҷуз ин, ки барои ҳар миллате аз миллатҳои он рӯз пайғамбари махсус барои таълиму иршод ба ҳақ барангехта шаваду авҳоми ботили он миллатро аз байн бибарад ва ба ҷои он ба тадриҷ афкори саҳеҳ ва андешаҳои дурусте нашр диҳад ва мардумро аз шеваҳои ботил боз дорад ва онҳоро ба пайравӣ

аз қавонини одилонаи олӣ ҳидоят кунад ва афроди умматашро монанди модаре, ки кӯдакони кӯчакашро тарбият мекунад, тарбият кунад. Дигар касе ҷуз Худо намедонад, ки чанд ҳазор сол бар тарбияти миллатҳову умматҳо бадин минвол гузашт, то ин, ки давроне барои инсоният пеш омад, ки аёми кӯдакиро пушти сар гузошт ва оғози булуғаш фаро расид ва бо пешрафти санъату тиҷорат байни аносири мухталифи миллатҳо, равобити зиёде барқарор шуд, ба тавре, ки мардум аз сарзамини Ҷопону Чин бо васоили дарёӣ ва заминӣ ба кишварҳои дурдасти Аврупо ва Африқо мусофират мекарданд ва хату китобат дар миёни аксари миллатҳо ривоҷ гирифт ва улуму фунун низ дар миёни мардум мунташир шуд ва назариёт ва афкору мавзӯъоти илмӣ миёни миллатҳо мубодила мешуд ва сардорону фотеҳин ва риҷоли муқтадире пайдо шуданд, ки кишварҳои ҳамҷиворашонро мағлуб мекарданд ва кишварҳои бузургеро ба вуҷуд меоварданд, ба тавре, ки ҳар кишваре дорои чандин вилоят буд ва дар ҳар кишваре чанд миллат зиндагӣ мекарданд. Ва низ чандин миллат таҳти низоми сиёсии муъайян ва режими ягонае даври ҳам гирд омаданд ва дуриву парокандагӣ ва бегонагиву ношиносоӣ ба тадриҷ аз байн мерафт ва ин имкон ба вуҷуд омад, ки таълими якнавохти Ислом ва шариъати ягонае барои саросари замин эълом шуд.

Агар ба достонҳои дуҳазор сол аз тарихи башар мурочиъат кунед, тасдиқ хоҳед кард, ки вазъи он рӯз ба забони ҳол, дини комилеро ки дини ҳамаи башар бошад, металабид. Барои мисол бояд гуфт, дини будои агар чӣ дини комиле набуд, балки дине буд муштамил бар мабодии ахлоқӣ, бо вуҷуди аз кишвари Ҳинд қадам берун ниҳода ва дар кишвари Чину Ҷопон ва Мағулистон аз тарафе ва дар Афғонистону Бухоро аз тарафи дигар, ривоҷ гирифт. Таблиғкунандагони ин дин дар кишварҳои дурдаст расиданд.

Сипас баъд аз чанд қарнҳо диёнати масеҳи омад ва бидуни шаку тардид ҳазрати Масеҳ, Исломи холисро овард, локин касоне, ки баъд аз ӯ омаданд, ин динро ба он чӣ худ мехостанд омехта карданд, то ин ки чизе аз он боқӣ намонд, магар

диёнати ноқисе, ки онро масеҳият номиданд. Бо ин ҳол ҳамин диёнати масеҳӣ дар Эрон ва Африқову Аврупо, мунташир шуд ва ҳамин интишор далели онаст, ки дунё дар он замон ташнаи дини ҷаҳонии комиле буд ва чун ингуна динеро намеёфт, ба диёнатҳои ноқис қаноъат кард ва ба он имон овард ва ҳамин диёнатҳо дар миллатҳои ҷаҳон ривоҷ ёфт.

## Нубувати Муҳаммад бин Абдуллоҳ (с)

Дар ин асру замоне, ки вазъи онро баён кардем, барои дунёв ва барои ҳаммаи миллатҳову умматҳои рӯи замин, ягона пайғамбаре, ки барангехта шуд, сарвару мавлои мо Муҳаммад (*салаллоҳу алайҳи ва саллам*) буд, ки дар Арабистон тулӯъ кард ва маъмур шуд, ки роҳбарӣ ва ҳидояту дини ҳақ ва қонуни ҳама ҷонибаеро ба ҳамаи ҷаҳониён иблоғ кунад.

Агар ба нақшаи ҷуғрофиёи ҷаҳон нигоҳ кунед, хоҳед донист, ки сарзамини Арабистон барои рисолати ҷаҳонӣ муносибтарин маҳал буд. Зеро байни Осиё ва Африқо воқеъ шуда ва наздиктарин кишвар ба Аврупо буд, махсусан нисбат ба он замон миллатҳои роқӣ ва мутамаддин дар қисматҳои ҷануби Аврупо сукунат доштанд ва фосилаи он қисматҳо бо Арабистон муъодили фосилаи Ҳиндӯстон бо ин кишварҳо буд.

Аз он гузашта агар он чиро кутуби таърих роҷеъ ба он асру замон навиштаанд бихонед, хоҳед донист, ки дар саросари ҷаҳон уммате ва миллате муносибтар аз мулки араб барои ин рисолати ҷаҳонӣ, ёфт намешуд.

Муҷиботи инҳитоту инҳилол соири миллатҳои роқӣ ва қудратҳои азими он рӯзро фаро гирифта буд ва авзоъи ҷаҳон рӯ ба дигаргунӣ гузошта буд. Дар сурате, ки он рӯзҳо миллати Араб дорои хуни доғу қалби қавӣ буд. Аз тарафи дигар рушди тамаддуну иртиқои фарҳанг ва интишори хушгузаронӣ ва айшу нӯш дар миёни соири миллатҳо, одоту ахлоқи мардумро фосид карда буд, локин миллати Араб дар он рӯзгор дорои тамаддуне набуд, ки мардумро нозуку нозпарварда боровардa бошаду, ба айшу нӯш хӯ гирифта бошад ва бар зиллату пастӣ моил шуда бошад ва ин миллат

дар қарни шашӯми милодӣ аз осори зишту палидӣ, ки дар миёни соири миллатҳо ривоҷ дошт барканор монда буд. Хулосаи калом ин, ки тамоми сифоти инсонӣ, ки имкон дошт дар миёни миллате, ки аз тӯфони осори тамаддуни он аср, ҷони солиме бадар бурда бошад, дар ин миллат вуҷуд дошт. Арабҳо мардуме буданд далеру мусаммим, ки барои тарсу ваҳм, аҳаммияте қоил набуданд! Мардуме буданд кушоддаст ва дуруст паймон, озодаву озодфикр, озодӣ ва истиқлолро дӯст медоштанд ва ин ду маъноро ба ҳама чиз тарҷеҳ медоданд ва гарданашон дар баробари ҳеҷ миллати бегонае каҷ намешуд ва отифаи фидокорӣ ва аз ҷонгузаштагӣ дар роҳи дифо аз мақосидашон дар хунашон ҷараён дошт ва зиндагонии содае доштанд, ки хушгузаронӣ ва айшу нӯш дар он роҳ надошт. Албатта бисёре аз зиштиҳову мункарот дар миёни ин миллат ривоҷ дошт, ҳамчуноне, ки ҳоло шумо хоҳед донист. Вале ҳақиқати амр ин аст, ки он ҳама зиштиву палидӣ, ношӣ аз он буд, ки аз ду ҳазору панҷсад сол пеш пайғамбаре барангехта нашуда буд[4] ва пешво ва раҳбаре дар миёни ин қавм қиём накарда буд, ки онҳоро тазкия ва тарбият кунад ва ба ислоҳи ахлоқашон бипардозад ва маданияту фарҳанг ба онҳо биёмӯзад ва чун қарнҳо дар миёни саҳро зиндагӣ карда буданд ба зиндагонии озод хӯ гирифта будан ва одоти ҷоҳилият дар миёни онҳо ривоҷ гирифта буд ва аз он ҷое, ки даврони ҷоҳилият ба тӯл анҷомида буд, ҳеҷ кас тавоноии онро надошт, ки онҳоро таҳзиб кунад ва аз торикиҳои ҳайвоният ба рӯшноии инсоният, ҳидоят намояд...

Бо ҳамаи ин авсоф, истеъдоди онро доштанд, ки агар як нафари нобиға ва марди фавқулодае ба ислоҳ ва таълиму тарбиятшон бипардозад, дунёро зеру рӯ кунанд ва думболаи даъвату таълимоташро бигиранд, то рисолати шарифашонро таблиғ кунанд ва мардумро ба ҳадафи олии инсоният бирасонанд. Рисолати ҷаҳонии Ислом барои нашри калима ва таблиғу таъмими даъваташ дар соири атрофу акнофи ҷаҳон ба

---

[4]. Замони Иброҳим ва Исмоил (а) ду ҳазору панҷсад сол қабл аз беъсати Муҳаммад (с) буд ва дар зимни ин муддати тӯлонӣ, пайғамбари дигаре дар миёни арабҳо барангехта нашуда буд.

чунин ҷавонмардони далеру мусаммим ва чунин мардони бо азме мӯҳтоҷ буд.

Сарфи назар аз ин маъно, луғати арабро бубинед. Пас аз ин ки луғатро омӯхтед ва бо диққат онро мутолиъа ва таҳсил кардед, бидуни шаку тардид тасдиқ хоҳед кард, ки барои адои фикрҳои баланд ва таъбир аз дақиқтарин маъонии илми Илоҳӣ ва таъсир дар қулуб дар тамоми дунё луғате ва забоне муносибтар аз он ёфт намешавад, зеро ба василаи ҷумлаҳои кӯтоҳе аз ин луғат мавзӯоти бисёр муҳимме адо мешавад. Бо вуҷуди ин мавзӯъот пур аз чунин таъсир бошанд, ки монанди тиру найза дар дилҳо дароянд ва низ як гуна ширинӣ дар ибороти онҳо шунавандагонро лазати вофир ба ҳам расонад, тасаввур мешавад, ки ин нағмаест, ки одамиро беихтиёр ба ваҷд биёварад. Бале ҳамчунин забоне барои китобе монанди Қуръон даркор буд.

Бо таваҷҷӯҳ ба ин маъонӣ ва собиқаҳо, ҳикмати болиғаи Худои мутаъол, раҳмати комилу шомили ӯ ба бандагонаш чунин иқтизо кард, ки сарзамини арабро барои нубуввати ҷаҳонӣ бар соири заминҳо тарҷеҳ диҳад, инак ончиро ин марди баргузидаи Худо, ки мислу монанде барои ӯ наметавон фарз кард, барои таблиғи нубувват анҷом дод, барои шумо тавзиҳ медиҳам.

## Субути нубувати Муҳаммад (с)

Ҳоло нигоҳе ба таърихи ҳазору чорсад сол қабли ҷаҳон кунем ва бубинем, ки он рӯзҳо на барқ буду на родио ва на хати оҳане ва на мошину чопхонае, то рӯзнома ва маҷаллаву китоб интишор диҳад ва тасҳилотҳое, ки имрӯз барои мардум дар мусофиратҳо эҷод шуда, он рӯз вуҷуд надошт ва ҳар кас, ки мехост аз кишваре ба кишвари дигаре сафар кунад, мебоист чандин моҳ  сарфи вақт кунад ва дар он рӯзгор минтақаи араб бо соири кишварҳои ҷаҳон тамоман робитае надошт. Дуруст аст, ки кишварҳои Эрон ва Руму Миср дар атрофи Арабистон воқеъ шуда буданд, локин кӯҳҳои регу регзорҳои Арабистон, ин кишварро аз соири давлатҳо тамоман ҷудо сохта буд.

Бале бозаргонони араб барои тиҷорат болои шутур менишастанд ва ба ин кишварҳо мерафтанд ва ҳафтаҳову моҳҳо сарфи роҳпаймои мекарданд. Локин дар ин мусофиратҳо ҳадафе ғайр аз хариду фурӯш надоштанд. Дар сарзамини Арабистон на тамаддуни баланд вуҷуд дошт ва на мадрасаву китобхонае ва мардуми ин кишвар низ аз неъмати донишу омӯзиш бебаҳра буданд ва адади касоне, ки хондану навиштан медонистанд аз адади ангӯштон таҷовуз намекард ва низ касоне,ки ба хондану навиштан ошноӣ доштанд таваҷҷӯҳу эътиное ба улуму фунуни хориҷ аз кишварашон надоштанд.

Арабҳо на ҳукумате доштанд, ки ба зиндагиашон сару сомоне бидиҳад ва на қонуне доштанд, ки ба муҷиби он наҳй ва амре даркор бошад. Ҳар қабилаву тоифае аз худ истиқлол доштанд ва бо камоли озодӣ, мардумро ғорат мекарданд ва дар ҷангҳои хунин доиму мустамир хуни якдигарро мерехтанд ва барои нуфуси башар қадру қиммате қоил набуданд. Ҳар он кас, ки метавонисту мехост дигареро бикушад, мекушт ва бар дороии ӯ мусаллат мешуд ва асаре аз фарҳанг надоштанд. Палидӣ ва зишткориву фаҳшо ва шаробу қимор, ривоҷи комил дошт ва бо камоли бешармӣ ба ҳар навъ палидӣ ва зиштӣ даст мезаданд, то ҷое, ки занонашон бо бадани бараҳна барои тавофи Каъба мерафтанд, ва ҳалолро аз ҳаром тамйиз намедоданд. Озодии ин мардум ба ҷое расида буд, ки ба ҳеҷ қоида ва қонуне пойбанд набуданд ва ҳеҷ гуна омили ахлоқӣ бар онҳо ҳукумат надошт ва ба ҳукумати ҳеҷ ҳокиме тан намедоданд. Илова бар ин ҷаҳолат ба тавре дар ниҳодашон реша давонида буд, ки бутҳоро мепарастиданд ва онҳоро саҷда мекарданд ва ҳаргоҳ ба сафаре мерафтанд ва дар манзилу истгоҳе меомаданд ва як қитъа санги зеборо медиданд, онро бармедоштанд ва онро Худояшон қарор дода ва дар баробари он суҷуд мекарданд ва ҳоҷаташонро аз он мехостанд, яъне гарданҳое, ки дар баробари ҳеҷ кас хам ва тобеъ намешуд, барои сангҳову хаму тобеъ мешуд, ва тасаввур мекарданд ҳамин сангҳо ҳоҷатҳояшонро баровaрда ва онҳоро ба орзӯяшон мерасонанд.

Дар миёни чунин қавме ва чунин шароите, мавлуде ба дунё омад, ки падараш қабл аз вилодаташ фавтида буд, сипас модару падари бузургаш дар даврони кӯдакияш вафот карданд. Бадин ҷиҳат дар чунин муҳити мағшушу мушавише ин кӯдак бесарпараст монд ва касеро надошт, ки аз ӯ умеди парварише дошта бошад. Ҳамин, ки каме рушд кард бо соири писарони ҳамсину солаш машғули гӯсфандчаронӣ шуд ва мавқеъе, ки даврони ҷавонияш фаро расид, ба шуғли тиҷорат саргарм ва муҷолисату муъошират ва омезиши вай ҷӯз бо ҳамон арабҳое, ки авзоъу аҳволашонро зикр кардем, бо каси дигаре набуд. Таълимро чӣ зикр. Ин мард "**уммӣ**" буд, хондану навиштанро намедонист, локин одоту ахлоқ ва сифоту афкораш бо одоту ахлоқ ва афкору хислатҳои қавмаш тамоман ихтилоф дошт. Ӯ ҳеҷ вақт дурӯғ намегуфт ва ҳеҷ касро бо забону дасташ азият намекард. Марде буд мулоиму мутавозеъ ва ширинсухан, ба тавре, ки ҳар кас якбор бо ӯ ҳамнишин мешуд, ӯро то сари ҳадди фидокорӣ дӯст медошт. Ӯ ҳатто ҳозир набуд ночизтарин ашёро аз касе батаври номатлубе бигирад. Аз лиҳози амонат ва ростиву покдоманӣ беназир буд, ба ҳамин хотир ҳамшаҳриҳои вай ҳар чизи гаронбаҳоеро ба амонат назди вай мегузоштанд ва ӯ амонатҳои мардумро монанди молу ҷони худаш ҳифозат мекард. Ҳамаи мардум ба ӯ эътимод доштанд ва итминонашон нисбат ба ӯ ба ҷое расида буд, ки ӯро "амин" лақаб доданд. Шарму ҳаёи ӯ ба андозае буд, ки пас аз расидан ба синни булӯғ ҳеҷ кас бадану ӯро лухт надида, шоистагӣ ва нафосати табиъаташ ба дараҷае расида, ки ҳаргоҳ ӯ миёни мардумони бадтаҳзибу палидниҳод зиндагӣ мекард вале ӯ аз ҳар бадӣ ва ҳар палиде мутанаффир буд. Ин мард дар тамоми аъмолаш поку покиза буд ва ба қадре хушнияту покдил буд, ки ҳар вақт медид қавми ӯ даст ба кори ғоратгарӣ ва хунрезӣ мезананд, мутаассир мегардид ва ғам мехӯрд. Ҳангоме, ки оташи ҷанг ва заду хурд миёни мардум шӯълавар мешуд, ӯ домани ислоҳ ба камар мезад ва ҷангҷуёнро оштӣ медод. Марде буд, меҳрабон ва раҳиму мулоим ва дар мусибатҳои мардум ширкат мекард. Ба ёрии ятимону бевазанон

мепардохт. Ба гуруснагон хӯрок медод ва раҳравони бепаноҳро меҳмон мекард ва онҳоро мӯҳтарам медошт ва бори заҳмату зиёнашонро бар дӯш мекашид. Ба касе аз ӯ зарар намерасид ва албатта барои дигарон ӯ худ заҳмат мекашид, бо ин, ки саросари даврони ҳаёташро бо мардуми шару арзал ба сар бурда буд, бо вуҷуди ин аз шарорату разолат нафрат дошт. Марде буд равшандилу дорои қариҳаи барафрӯхта ва бо ин, ки муъошираташ бо мардумоне буд, ки бутпарастӣ фитрати дуввумашон ва дине буд, ки падар бар падар онро пайравӣ мекарданд, бо инҳол ин мард аз бутпарастӣ нанг дошт ва ҳеҷгоҳ сарашро назди буте каҷ накард, гӯё қалбаш ба ӯ хабар дода буд, ки он чӣ дар замину осмон аст, арзиши парастишро надорад ва фақат Худои ягона, ки бешарик аст ва наметавон барои ӯ шарике қоил шуд, сазовори парастиш асту бас. Вуҷуди ин мард дар миёни чунин қавми нодоне он чунон дурахшандагӣ ва фурӯғе дошт, ки гӯё гавҳари гаронмояест дар миёни сангҳои маъмули ё чароғест дар торикии шаб.

Пас аз он, ки якдавра зиндагонии саросар назофату таҳорат, мақрун бо рифъатро тамом кард ва ба синни чиҳил солагӣ расид, паймонаи сабраш аз дидани чунин пардаи торикӣ, ки аз ҳар тараф бар иҷтимоъ соя андохта буд, лабрез гардид ва тасмим гирифт худашро аз ин дарёи жарфу ҷаҳл ва ҳараҷу мараҷ ва инҳитоти ахлоқӣ ва амалӣ ва ширку бутпарастӣ наҷот диҳад, зеро дар ин муҳит чизеро, ки муносиби фитраташ бошад намедид, ба ин хотир аз шаҳри Маккаҳ берун мерафт ва рӯзҳои тӯлонӣ дар олами танҳоӣ ва хилват басар мебурд.

Дар ин зимон рӯҳу қалбашро бо ибодоти давомдору мутаволӣ шабона ва бо гурӯснагӣ тазкия мекард ва ба фикру тааммул фурӯ мерафт ва дар ҷустуҷӯи нуре буд, ки ба он васила торики ва зулматеро, ки бар қавмаш сайтарат карда буд аз байн бибарад ва ҷӯёи чизе буд, ки ба василаи он ин ҷаҳони пур аз палидӣ ва фасод ва ҳараҷу мараҷро аз сари нав ислоҳ кунад.

Дар ин ҳангом тағйири ҳоле барои ӯ рух дод ва қалбаш ба таври ногаҳонӣ ба василаи он нуре, ки фитраташ дар ҷустуҷӯи он буд рушан гардид ва аз неруе, ки қаблан вуҷуд надошт пур шуд. Ба ҳамин хотир аз ғоре, ки дар он ҷо хилват гузида буд, берун омад ва дар миёни қавмаш нидо доду гуфт: Ин бутҳоеро, ки мепарастед наметавонанд шуморо суде бахшанд, ё зиёне бирасонанд, дар ин сурат даст аз онҳо бардоред ва ин замину хуршед ва моҳу ситорагон ва он чӣ дар осмону замин аст, онҳоро Худои ягона офарида аст ва ҳамон аст, ки шуморо офарида ва ба шумо рӯзӣ медиҳад ва ҳам ӯст, ки шуморо мемиронад ва зинда мекунад, пас онҳоро напарастед ва аз онҳо ёрӣ нахоҳед ва ҳоҷатҳоеро, ки доред ҷӯз аз ӯ нахоҳед ва аз гуноҳу дуздӣ ва ғоратгариву фаҳшо ва шаробхуриву қиморбозӣ ва амсоли ин палидиҳо, ки ба онҳо мубтало ҳастед, ва дар гуфтору кирдоратон ростгӯ бошед ва адолатро пеша созед ва ҳеҷ соҳиби рӯҳро накушед, магар ба ҳақ. Ва дороии мардумро аз онҳо марабоед ва ҳеҷ чизро аз касе наситонед, ва надиҳед магар ба ҳақ. Ҳамаи шумо башар ҳастед ва ҳамаи афроди башар баробару яксонанд. Шарафу ифтихор ва бартарӣ на ба насаб аст ва на ба ранг ва на ба ҷома ва сарват, балки шарафу бартарӣ баста ба тақво, яъне парҳезкори ва салоҳу некукорист. Дар ин сурат ҳар он кас, ки солеҳ бошад ва аз Худо битарсад ва худашро аз корҳои бад барканор нигоҳ дорад , аз назари инсоният шариф асту комил ва касе, ки чунин набошад, дорои ҳеҷ гуна шарафу бартарӣ нахоҳад буд ва аз ҳаёти охират, яъне зиндагонии ҷаҳони дигар ҳаззу баҳрае нахоҳад дошт.

Ва низ гуфт: Пас аз гузаронданин зиндагонии ин дунё, ҳаммаи шумо назди парвардигоратон ҷамъ хоҳед шуд ва дар он маҳкамаи адли Худоиӣ на шафоъате дар кор хоҳад буду ва на дӯстӣ ва на ришвате ва ҳамчунин аз насаби олии шумо низ нахоҳанд пурсид, балки чизе, ки дар онҷо барои шумо сӯдманд хоҳад буд, имони шумо  ва аъмоли солеҳ аст. Яъне корҳои неки шумо ва ҳар як аз шумо, ки кори хуб анҷом диҳад дохили биҳишт хоҳад шуд ва ҳар кас кори хубе анҷом надода бошад зиёни ошкоре хоҳад дид ва ҷаҳаннамӣ хоҳад шуд.

Локин қавми ӯ даст ба азият ва озораш заданд, фақат ба он хотир, ки ӯ одот ва русуми ҷоҳилиятеро, ки аз падаронашон ирс бурда буданд айб мешумурд ва дар баробари он матолиберо, ки хилофи тарзу равиши падаронаш буданд, таълим медод. Ба иллат ӯро азият мекарданд ва дашном медоданд ва тавҳин мекарданд ва санг ба сӯи ӯ партоб мекарданд ва корро бар ӯ сахт мегирифтанд ва пинҳон тасмим гирифтанд, то ӯро бикушанд.

То ҷое метавонистанд анвоъи сахтиҳо ва азиятҳову озорҳоро бар ӯ ворид меоварданд ва  ин ҳама азиятҳову озорҳо тасалсул гирифт, наф фақат як рӯзу ду рӯз, балки ин давомдор монд, то сездаҳ соли комил, то ин ки ҳазраташ (*салаллоҳу алайҳи ва саллам*) баъд аз сездаҳ сол маҷбур шуд, то аз ватанаш овора шавад. Бо ин ҳол мардум даст бардораш набуданд ва ҳатто дар шаҳри Мадина, ки ба онҷо паноҳ бурда буд, пайваста дар азияту озори ӯ мекӯшиданд.

Бояд пурсид : Ин бандаи накӯкор чаро ин ҳама сахтиҳо ва масоиброро таҳаммул кард ва дар баробари азият ва озоре, ки аз қавмаш медид, то он ҳол сабр мекард?

Посӯхи ин пурсиш ин аст ки: Ӯ мехост онҳоро ба роҳи ҳаққу мустақим ҳидоят кунад. Ба ӯ пешниҳод карданд, ки подшоҳашон бишавад, ё он чӣ молу сарват мехоҳад ба ӯ бидиҳанд, то аз ҳамаи мардум болотару сарватмандтар бошад ва дар иваз аз даъват ба сӯи Худо даст бардорад, локин ӯ ба шиддат ин пешниҳодҳоро рад кард ва даъваташро идома медод.

Ҳоло ҷои ин пурсишро дорад ки бигӯем: Оё дар ҷаҳон марде солеҳтар ва фидокортару ростгӯтар аз ӯ пайдо шуда ва мешавад?

Ин мард собит кард, ки ин ҳама ранҷу машаққат ва азияту озорро дар роҳи ҳеҷ нафъ барои худаш таҳаммул намекард.

Балки дар роҳи ислоҳи соири бандагони Худо буд. Мардум санг ба сӯи ӯ партоб мекарданд ва бо зишттарин калимот ӯро мухотаб қарор медоданд, вале ӯ ҷуз дуъои хайр барои онҳо чизе намегуфт. Қурбони чунин марде на фақат инсонон, балки фариштагони Худо ҳам.

Ҳоло қадре дар бораи ин вазъи тозаву тағйири азиме ки пас аз берун омадан аз ғор барои ӯ рӯй дод, фикр кунед.

Каломеро, ки бар мардум фурӯ мехонд, ба ҳадди аълои фасоҳату балоғат расид, ба наҳве, ки ҳеҷ кас пеш аз ӯ ин чунин каломеро наоварда буд ва на баъд аз он ҳеҷ кас чунин каломе тавонист овард.

Бар шумо пӯшида нест, аъроб ба шеъру хитобат ва фасоҳаташон ифтихор мекарданд, ба ҳамин сабаб аз онҳо талаб кард, ки агар метавонанд як сурае монанди он чӣ ӯ оварда биёваранд[5], вале ҳеҷ кас натавонист ва ҳама сари аҷз фурӯд оварданд.

Матлабе, ки шугифтовартар аст ин аст, ки забонеро ,ки дар хутбаҳо ва гуфтугӯ бо мардум бакор мебурд, аз ҳайси балоғату фасоҳат ба он баёни дигар ҳамтарозе набуд ва агар байни он каломи байни баёне, ки дар хутбаҳову гуфтаҳо ва муҳовирот бо мардум дошт муқоиса кунед, фарқи возеҳу ошкор байни ин ду навъ сухан бар шумо маълум хоҳад шуд.

Ин "**Уммӣ**" (салавотуллоҳи ва саломуҳу алайҳӣ), ки дар саҳро мутаваллид шуд, саросар давраи зиндагияшро бо ҳамон саҳронишинони уммӣ, яъне бесавод мегузаронид, ҳикматҳо а мавъизаҳоеро оварда аст, ки ҳеҷ кас на қабл аз ӯ тавонист чунон калимотеро бар забон овард ва на баъд аз ӯ, балки қабл аз он, ки ба синни чиҳил солагӣ бирасад, мардум чунин суханоне аз худаш ҳам нашунида буданд. Ва ҳамчунин ин марди умми (*салаллоҳу алайҳи ва саллам*), дар ахлоқ ва иҷтимоъу сиёсат ва дар соири шууни инсоният қавонинеро вазъ кард, ки ҳатто донишмандони бузург ва ҳукамо бо ҳамаи вусъати назар ва таҷриботе, ки дар зиндагӣ омӯхтаанд, ҷуз бо мушкилоти зиёд, наметавонанд ҳикмат ва асрори онро дарк кунанд, балки ҳарчӣ бар таҷрибаҳо ва маълумоти башар афзуда шуд, ҳикмат ва асрори он қавонин ва мақосид дар оянда бештар кашф хоҳад шуд.

Ин "**Уммӣ**" тақрибан чордаҳ қарн пеш қавонинашро гузоштааст аст, бо вуҷуди ин, мо дар ҳоли ҳозир, ҳатто дар як

---

[5]: Бояд таваҷҷӯҳ дошт, ки кӯчактарин сураи Қуръон "Ал- кавсар" аст, ки дорои дувоздаҳ калима аст ва касе натавонист, ки монанди ин сура баёне би1варад (Мутарҷим).

мавриди он наметавонем таҷдиди назар кунем, ё ин, ки онро мӯҳтоҷ ба тағйир бидонем, ва ҳамчунин як моддаи онро наметавонем ҳазф кунем ё аз сари ҷои он бардорем. Дар сурате, ки қонунҳои вазъии дигар дар дунё, чандин бор вазъ шуда ва чандин бор дучори тағйиру табдил гардидааст. Дигар қонунҳои дунявӣ дар ҳар озмоиш хоибу хосир монданд ва ҳарбор нишонаи тағйиру табдил шуданд, дар ҳоле, ки қонуне, ки ин уммии саҳронишин бидуни мадади инсоне гузоштааст, бидуни табдилу тағйири дар ҷои худ боқист.

Дар муддати бисту се сол, бисёре аз душманонашро ба василаи ахлоқ ва шарафу фазоил ва ба воситаи таълимоти воло, дӯст сохт ва бисёре аз мухолифони худро табдил ба мувофиқону ҳомиёни худ бинамуд, бо ин, ки қудратҳои ҷаббору азиме дар баробари ӯ қиём карданд ва локин шикаст хӯрданд ва хору кӯчак шуданд. Вақте, ки бар ин душманон пирӯз шуд, аз ҳеҷ кадом интиқом нагирифт, балки ҳамаро раҳини фазл ва икрому инъомаш қарор дод. Касонеро, ки амак ва бародари ризоъии ӯ "Ҳамза бин Абдулмутталиб" кушта буданд ва шикамашро шигофта ва ҷигари ӯро макида буданд, бахшид. Ва бар касоне, ки санг бар ӯ партоб карда буданд ва ӯро аз ватанаш овора сохта буданд, чун бар эшон пирӯз гашт, тараҳҳум намуд ва онҳоро афв кард.

Нисбат ба ҳеҷ кас макр наварзид ва бо ҳеҷ кас аҳдшиканӣ накард ва ба ҳеҷ кас, ҳатто дар ҷанг, таъаддиву таҷовузе нанамуд. Ин савобиқ ба тавре ошкор аст, ки ҳатто бадтарин душманони вай ҷуръат накардаанд, ки ӯро ба макру зулм ва аҳдшиканӣ муттаҳам созанд!

Ин маънӣ буд, ки дилҳои ҳаммаи аъробро ҷазб кард ва мусаххари иродаи ӯ сохт ва онҳоро ба василаи таълимоту ҳидояташ аз торикиҳои нодони ва ваҳшигарӣ наҷот дод ва аз онҳо миллате сохт, ки дар назму таҳзиб аз ҳама пеш гирифтанд! Ва аз аъробе, ки пойбанди ҳеҷ қонуне набуданд, уммату миллате ба вуҷуд овард, ки аз ҳар ҷиҳат муқайяд ба назму қонун шуданд, то ҷое, ки аз ин лиҳоз дар таърихи ҷаҳон назире барои ин миллат наметавон пайдо кард! Ва ҳамин мардуме, ки ҳозир набуданд тобеи ҳеҷ кас бишаванд ва ҳукми

дигареро иҷро кунанд, мутеъи давлати бузурге гардиданд, ки молу ҷонашонро дар роҳи ӯ фидо мекарданд ва ҳамин касоне, ки дорои ҳеҷгуна одобу ахлоқе набуданд, ба тавре одобашонро тазкия ва ахлоқашонро таҳзиб кард, ки ҳатто мардуми дунё дар ҳоли ҳозир вақте, ки вақоеъи марбут ба ононро дар китобҳои таърих мехонанд, дар таъаҷҷуб худдорӣ намекунанд! Ва касоне, ки хортарин ва нотавонтарини миллатҳои рӯи замин буданд, дар сояи нуфузи ахлоқ ва таъсири тарбияти ин мард ва дар дар давоми даъвати 23 сол, дорои қудрати нафс ва нерӯи ирода шуданд, ки давлатҳои Эрон ва Руму Мисрро дар зери нуфузи худ даровარданд ва барои таълими шараф ва тамаддуну ахлоқ ва инсоният қиём карданд, то ин маъониро ба дунё биомӯзанд ва дар Осиё ва Африқову Аврупои дур ба нашри таълими Ислом ва қавонини он пардохтанд!

Инҳо осоре буд, ки он марди умми (*салаллоҳу алайҳи ва саллам*) дар нуфуси араб ба ҷой гузошт, вале ин таълимоту ӯ дар нуфуси соири миллатҳои рӯи замин бештар аз ин ва шугуфтаовартар аз ин буд! Зеро инқилоби азиме дар афкор ва одоту қавонини соири мардуми рӯи замин ба вуҷуд овард. Илова аз он мардумоне, ки ӯро роҳнамои худ пазируфтанд, агар ба вазъи касоне, ки аз пайравии ӯ рӯй баргардонданд ва ба мухолифати ӯ қиём карданд ва ба ҷои ин ки аз ӯ пайравӣ кунанд ва ӯро сармашқ қарор диҳанд, ошкоро даст ба душманӣ заданд, таваҷҷӯҳ кунед, мулоҳаза хоҳед намуд, ки ҳеҷ кадом натавонистанд худро аз таҳти таъсири ин марди "умми" барканор нигоҳ доранд!

Дунёи он рӯз "**тавҳид**" яъне ягонагии Худои мутаъолро фаромӯш карда буд, ки ногоҳ ин марди "умми" (*салаллоҳу алайҳи ва саллам*) омад ва дарси ягонапарастиро аз нав ба мардум ёд дод! То ҷое, ки ҳатто диёнатҳои бутпарастӣ ва мушрикин , феълан чорае надоранд, ҷуз ин, ки даъвои ягонапарастии Худои мутаъол шаванд! Ҳамчунин мабодӣ ва усулеро, ки дар ахлоқ ва одоб ба мардум талқин кард, ба андозае қавӣ ва неруманд буд, ки ахлоқу одоби соири миллатҳои рӯи заминро таҳти таъсир қарор дод ва ҳамакнун низ мутаассир ба таъсироти он мешаванд ва ҳамчунин дурустӣ

ва ростиву мустаҳкамии мабодӣ ва усулеро, ки дар қонун ва сиёсату маданият ва иҷтимоъ оварда буд, ба андозае буд, ки ҳатто душманону мункиронро водор кард, то аз ӯ иқтибос ё сирқат кунанд ва токунун низ ин иқтибосу сирқат идома дорад.

Чӣ тавре, ки дар гузашта гуфтем, ин мард дар миёни миллате, ки ҷаҳл ва ваҳшогарӣ дар ниҳодашон реша давонида буд, фақат бар асоси фитрат рушд кард ва бакоре ҷуз гӯсфандчаронӣ ва бозаргонӣ даст назад, то ин, ки ба синни чиҳилсолагӣ расид ва ҳеҷ гуна таълиму тарбияте аз касе фаро нагирифт. Дар ин сурат чӣ тавр шуд, ки ин ҳама мазоҳири камол, якборагӣи пас аз расидан ба синни чиҳилсолагӣ дар ӯ ҷамъ шуд? ва ин маърифату илмро аз куҷо таҳсил кард? ва ин нерӯи ғайри одди аз куҷо пайдо шуд?

***Ин мардро бубинед, ки дар дар як вақт дар миёни сардорони ҷангӣ, қоиду сардорест бе назир! Ва дар миёни қозиҳо, қозӣ ва ҳокимест моҳир! Ва дар миёни қонунгузорон қонунгузорест, ғайри оддӣ! Ва дар маҷмаъи файласуфон файласуфест моҳиру ҳозиқ! Ва дар корвони муслеҳини ахлоқу тамаддун муслеҳест мубтакир! Ва дар сафи мардони сиёсат, сиёсатдорест бо тадбир! Дар айни ҳол бо доштани ин ҳама корҳои зиёди рӯзона, чандин соат дар шаб ба ибодати парвардигораш саргарм мешуд! Ва ҳамчунин мулоҳаза мекунед, ки бо чӣ диққату назме, ҳуқуқи занону фарзандон ва хонаводаашро идора мекунад ва ба хидматгузории дармондагону бенавоён мепардозад ва ба навозиш ва ҳамдардии бечорагону ятимон машғул мешавад! Ва бо вуҷуде, ки ба ҳадди аълои фармонравоӣ расида, рӯӣ ҳасир (бурё) мехобиду ҷомаи забру хашин мепӯшид, ғазои ӯ ғизоест, ки муфлисон мехӯранд, балки гоҳе чанд рӯзи тамом бе хӯрок мемонд!***

Агар ин марде, ки ба чунин корҳои даҳшатовар даст зада, ба мардум мегуфт: "Ман монанди шумо нестам ва болотар аз навъи башарам", ҳеҷ фарде нахоҳад тавонист гуфтаи ӯро такзиб кунад ва даъвои ӯро напазирад! Бо инҳол чунин ҳарферо нагуфт ва даъво накард, ки ин мавҳибаҳои ғайри

оддиро аз худ дорад, балки ҳамеша мегуфт: ҳеҷ яке аз ин мавҳибаҳо моли худам нестанд, балки ҳар чӣ дорам аз Худост ва барои Худост ва ин каломеро, ки барои шумо овардаам ва ҷинну инс аз овардани каломе монанди он оҷиз ҳастанд, аз худам нест ва зоидаи фикру маҳсули қариҳаи ман нест, балки каломи Худо аст ва фазлу бартарии ин калом низ ҷуз ба Худо ба дигаре марбут нест ва ҳар кореро, ки мекунам ношӣ аз кифоят ва шоистагии худам нест, балки Худои мутаъол аст, ки маро чунин тавфиқе дода ва ҳеҷ кореро анҷом намедиҳам ва ҳеҷ чизеро намегӯям, магар ин, ки Худои мутаъол онро амр карда бошад!

Бо таваҷҷӯҳ ба ҳамаи ин маъонӣ ба ман бигӯед: Чаро ба чунин марди ростгӯе имон наоварем ва  чаро бо амри ӯ, ки фиристодаи Худо аст, таслим нашавем?

Аз тарафи мавҳибаҳо ва имтиёзот ӯро дар назар бигиред ва таваҷҷӯҳ дошта бошед, ки ҷаҳони инсоният на пеш аз ӯ ва на баъд аз ӯ мардеро назири ӯ парвариш надода  ва аз тарафи дигар росгӯи ва амонати ӯро бубинед, ки ба он чӣ дорад ифтихор намекунад ва худашро нисбат ба он чӣ дорад, мадҳу ситоиш намекунад ва сано намегӯяд, балки ҳамаи чизро ба Худо нисбат медиҳад, ки ин неъматҳоро ба ӯ арзони дошта аст. Дар ин сурат чаро он чӣ мегӯяд тасдиқ накунем? Ва чаро вақте, ки мегӯяд: ҳамаи ин шоистагиҳо ва мазоҳири камол аз Худо аст ӯро таксиб кунем? ва ба ӯ бигӯем: Ҳамаи ин ҳарфҳоро худат сохтаӣ ва аз зеҳни ту ва афкори худат сар даровардааст. Тааммул бикунед, он кас, ки козиб бошад, шоистагиҳои дигаронро ба худ нисбат медиҳад. Магар ин марди ростгӯи амин, ин ҳама имтиёзот ва муҳсанотеро, ки бо камоли суҳулат метавонист ба худ нисбат дод, вале ӯ аз ин амал имтиноъ дорад, дар сурате, ки ҷуз худи ӯ касе манбаъ ва маншаи ин хубиҳо ва имтиёзотро намедонад.

Боре, бинобар он чӣ гуфта шуд, агар ин мард даъво кунад, ки дорои шахсиятест мофавқи ҳамаи афроди башар, ҳеҷ кас наметавонад даъвои ӯро рад кунад ва бо ин ҳол чунин даъвое намекунад, пас бояд пурсид: Ростгӯтар ва муназзаҳтару аминтар аз ӯ кист?

Ҳама бидонад, ки ин марди ростгӯ, сарвар ва сайиду мавлов ва сарпарасти мо, Муҳаммад бинни Абдуллоҳ (салаллоҳу алайҳи ва саллам) аст ва ростгӯйи ӯ далели нубуввати ӯст. Корҳои бузург ва барҷаставу ахлоқи аълои ӯ ва ҳама воқеаҳо ва рӯйдодҳои давраи зиндагии вай, ҳама ва ҳама дар китобҳои таърих сабт ва тадвин шуда ва ҳар он кас, ки бо қалби салим дар ҷустуҷӯи ҳаққу ростӣ бошад, бидуни шакку тардид дилаш гувоҳи хоҳад дод, ки ӯ (салаллоҳу алайҳи ва саллам) Пайғамбарест, ки аз тарафи Худои мутаъол фиристода шуда ва каломеро, ки бар қавми худаш пешкаш карда, ҳамин Қуръони карим аст, ки шумо тиловат мекунед ва ҳар он кас, ки бо қалби кушуда ва боз бихонад ва маънои онро бифаҳмад, ночор аст иқрор кунад, ки аз тарафи Худои мутаъол нозил шуда ва тасдиқ хоҳад кард, ки ҳеҷ башаре наметавонад монанди онро биёварад.

## Хатми нубуват

Бо таваҷҷӯҳ ба ин муқаддимот, бояд донист, ки барои шинохтани Ислом ва шинохтани сироти мустақим, яъне роҳи рост, ҷуз таълимоти Пайғамбар (*салаллоҳу алайҳи ва саллам*) ва Қуръони карим, роҳи дигаре вуҷуд надорад ва Муҳаммад (*салаллоҳу алайҳи ва саллам*) Пайғамбарест, ки барои тамоми навъи башар фиристода шуда ва силсилаи ваҳй ва нубуввату рисолат ба вуҷуди ӯ хатм шуда аст ва Худои мутаъол он чиро аз нуру ҳидоят, ки хоста аст ба воситаи ӯ (*салаллоҳу алайҳи ва саллам*) фиристода аст ва ҳар он кас, ки толиби ҳақ ва ҷӯёи ҳақиқат бошад ва бихоҳад бандае бошад саропо таслим ба амри Худои мутаъол, ногузир аст ба хотами Паёмбарон имон биоварад ва аз ҳар ҷиҳат ҳидоят ва далоилу баёнотеро, ки ӯ оварда иқрор ва эътироф кунад ва тобеъи роҳи ӯ бошад ва аз ҳар ҷиҳат ӯро пайравӣ кунад.

## Далоили хатми нубуввати Муҳаммад (с)

Агар ҳақиқати нубувватро дарк карда бошед, барои шумо ин нукта возеҳу равшан гардида аст, ки Паёмбарон ҳар рӯз мутаваллид намешаванд ва низ зарурате надорад, ки дар ҳар вақте аз авқот, ҳар миллате паёмбар дошат бошад, зеро зиндагони ва ҳаёти Паёмбар дар ҳақиқат иборат аз зинда будани ҳидоят ва таълимоти ӯст ва модоме, ки ҳидояти ӯ зинда бошад, ӯ зинда аст.

Паёмбарони қадим ҳама мурдаанд, зеро мардум таълимоташонро иваз карда ва бо ҳаво ва ҳаваси хеш, хурӯҷ кардаанд ва имрӯз китобе аз китобҳои онҳо ба сурати аслӣ дар даст нест ва пайравонашон низ чунин даъвое надоранд ва ҳамчунин мардум, сирати он Паёмбаронро фаромӯш кардаанд ва рӯ ба ҳам рафта аз ҳолоти саҳеҳи Паёмбарони гузашта чизе, ки қобили эътимод бошад дар даст надоранд, ҳатто ба таври қатъ ва ҷазм замони онҳо ва ҳамчунин маҳалли таваллуди онҳо ва корҳоеро, ки дар даврони ҳаёташон анҷом додаанд, касе намедонад ва хулосаи гуфтор ин аст ки:

Дар ҳоли ҳозир, маҳол аст, касе бидонад чӣ гуна он Паёмбарон ҳаёташонро сипарӣ карда ва чӣ авомиру навоҳӣ содир кардаанд? Ва ҳамчунин таърихи вафоташон маълум нест. Аммо Паёмбари мо, Муҳаммад (*салаллоҳу алайҳи ва саллам*) ҳанӯз зинда аст, зеро таълимот ва ҳидояту роҳнамоии ӯ зинда аст ва он Қуъони кариме, ки аз Худои мутаъол, ӯ ба мо дода, бо ҳамон калимот ва алфози аслӣ дар дасти мост ва омили тағйиру табдил, ҳатто дар ҳарфе аз ҳуруф ё нуқтаву ҳаракате аз ҳаракоти он, роҳ пайдо накарда ва сират ва корҳои давраи зиндагонӣ ва ҳамаи корҳо ва гуфтаҳои Расули акрам (*салаллоҳу алайҳи ва саллам*) пас аз гузаштани солҳои дароз дар китобҳо маҳфуз ва мудавван боқӣ монда аст, ба тавре, ки гӯё ҳамин имрӯз, шахси Паёмбар (*салаллоҳу алайҳи ва саллам*)ро бо чашми худ мебинед ва калимоти ӯро бо гӯши худатон мешунавед.

Дар саросари таърихи ҷаҳон касе пайдо намешавад, ки воқеъаҳои давраи зиндагонии ӯ монанди воқеъаҳои даврони ҳаёти Паёмбар (*салаллоҳу алайҳи ва саллам*) маҳфӯз монда бошад. ба ҳамин хотир барои мо имкон дорад, ки дар ҳар

шаъне аз шуъуни ҳаёти рӯзона ва дар ҳар вақте аз авқоте, ки мегузаронем, ба ӯ иқтидо ва аз ӯ пайравӣ кунем, яъне рафтору кирдори ӯро сармашқ қарор диҳем ва ин маъно далел бар он аст, ки мардуми ҷаҳон дар ҳоли ҳозир эҳтиёҷе надоранд, ки баъд аз Паёмбар (*салаллоҳу алайҳи ва саллам*) фиристодаи дигаре аз тарафи Худои мутаъол биёяд.

Ин нуктаро низ бояд дар назар гирифт, ки ҳеҷ Паёмбаре баъд аз Паёмбари дигаре намеояд, магар ба иллате аз иллатҳое, ки дар зер баён мешавад:

**Иллати аввал**: ин аст, ки таълимоти Паёмбари пешин аз байн рафта бошад ва эҳтиёҷе бошад, ки бори дигар бар мардум пешкаш шавад.

**Иллати дуввум**: ин аст, ки таълимоти Паёмбари пешин комил набошад, дар он сурат эҳтиёҷ ба такмилу тамоми он хоҳад буд.

**Иллати саввум**: ин аст, ки таълимоти Паёмбари пешин мунҳасир ба уммат ва миллати хосе бошад ва уммати дигар ё соири умматҳо мӯҳтоҷ ба Паёмбаре монанди ӯ бошанд[6].

Дар ҳоли ҳозир мулоҳиза мекунем, ки ҳеҷ иллате аз иллатҳои сегона вуҷуд надоранд ба далели ин, ки:

1. Таълимоти Расули акрам (*салаллоҳу алайҳи ва саллам*) зинда аст ва модоме, ки ин дин ҳаст дар ҳар вақту замон васоиле маҳфуз дорем, ки аз ин таълимот баҳраманд шавему аз ҳар ҳидояте, ки оварда ва ҳар тариқеро, ки барои зиндагӣ нишон дода ва тарвиҷ кардааст, бархурдор гардем ва ҳамчунин аз роҳҳое, ки нописанд аст, то мардумро аз он бар ҳазар дорад, бар канор бимонем. Пас вақте, ки ҳанӯз ҳидояти ӯ зинда ва дар дастрас аст, дигар эҳтиёҷе ба Паёмбари дигар даркор нест, ки нубувватро таҷдид кунад ва дубора онро бар мардум пешкаш кунад.

[6]: Иллати чаҳоруме низ мумкин аст вуҷуд дошта бошад ва он ин аст, ки ҳамроҳи Паёмбар, Паёмбари дигаре барои таъйиду тасдиқи ӯ фиристода шавад ва мо аз он ҷиҳат аз зикри ин иллат худдорӣ мекунем, ки Қуръони карим ҷуз ду намуна аз ин навъ зикр нашуда аст ва наметавон аз ин ду мисоли истисноӣ чунин натиҷа гирифт ки Худои мутаъол ба сурати қоидаи куллӣ ва умумӣ, Паёмбарони дигареро барои таъйиду кӯмак ба Паёмбарон мефиристад.

2. Бо нубуввати Муҳаммад (*салаллоҳу алайҳи ва саллам*) таълимоти комили Ислом бар дунё арза дошта шуда аст, ба ҳамин хотир дигар эҳтиёҷе нест, ки чизе бар он афзуда шавад ё чизе аз он коста гардад ва низ қусуре дар он вуҷуд надорад, ки барои ҷуброни он баъд аз ӯ (*салаллоҳу алайҳи ва саллам*) Паёмбари дигаре биёяд, пас бо ин далел иллати дуввум низ мунтафӣ аст.

3. Нубуввати Муҳаммад (*салаллоҳу алайҳи ва саллам*) барои саросари ҷаҳон ва барои ҳамаи ҷаҳониён омада ва мунҳасир ба уммати муайян, ё замони муайяне набуда аст, бино бар ин ҳеҷ уммат ва ҳеҷ миллате эҳтиёҷ ба Паёмбари хосе надорад, ки аз тарафи Худо фиристода шавад. Бадин тариқ мулоҳаза мешавад, ки иллати саввум низ мавзӯъ надорад.

Бо таваҷҷӯҳ ба ҳамаи ин далоил аст, ки Муҳаммад (*салаллоҳу алайҳи ва саллам*) хотами Паёмбарон номида шудааст, яъне баъд аз ӯ Паёмбари дигаре нахоҳад омад.

Бинобар он чӣ гуфта шуд, дунёи имрӯз ниёзе ба Паёмбари дигаре надорад, балки ниёзманди мардонест, ки аз Расули акрам (*салаллоҳу алайҳи ва саллам*) пайравӣ кунанд ва мардумро низ ба пайравии ӯ (*салаллоҳу алайҳи ва саллам*) даъвату таблиғ кунанд ва ҳидояту раҳбарии ӯ (*салаллоҳу алайҳи ва саллам*) ро бифаҳманд ва бифаҳмонанд ва бадон амал кунанд ва дар рӯи замин ҳукумату давлати он қонунеро барқарор созанд, ки Муҳаммад (*салаллоҳу алайҳи ва саллам*) аз тарафи Худо онро овардааст.

# Фасли чаҳорум
# Имони ба тафсил

**Имон ба Худо. Маънои "лоилоҳа иллаллоҳ". Ҳақиқати "лоилоҳа иллаллоҳ". Таъсири ақидаи тавҳид дар зиндагии инсон. Имон ба фариштагони Худо. Имон ба китобҳои Худо. Имон ба Паёмбарони Худо. Имон ба рӯзи охират. Эҳтиёҷ ба ақидаи тавҳид. Ростӣ ва дурустии ақида ба охират. Калимаи "тайибаҳ".**

Ба донишомӯзе, ки ин китобро мутолиъа мекунад, тавсия мекунам, қабл аз ин, ки гоме ба пеш бардорад, каме ба ақиб баргардад ва ба маълумоте, ки дар фаслҳои гузашта касб карда, якбори дигар мурочиат кунад ва ба ёд дошта бошад, ки:

1. Бидуни шакку тардид, Ислом агар чӣ иборат аз тоъати Худои мутаъол ва таслим шудан ба амри ӯст, локин аз он ҷое, ки барои шинохтани зот ва сифоти Худои мутаъол ва роҳи парастиш ва сипарӣ кардани давраи зиндагӣ мутобиқи ризои ӯ ва чигунагии таҳсили савоб ё азоби аъмоле, ки ба ҷо меоварем, ҷуз Паёмбаре, ки баргузидаи Худо бошад, василаи дигаре надорем.

Бинобар ин таърифи саҳеҳ, дини Ислом ин хоҳад буд ки: “**Ба таълимоти Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) имон овардан ва Худоро мутобиқи ҳидоят ва раҳнамоии ӯ парастиш карадан, Ислом аст**”. Ҳар он кас, ки аз ҳидоят ва раҳбарии ин Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) рӯй баргардонад ва онро василаи шинохтани Худои мутаъол ва василаи шинохтани қонуни ӯ қарор надиҳад, чунин касе мусулмон нест, агар чӣ идаъо кунад, ки мутеъи Худо ва таслим ба қонуни ӯст.

2. Дар замони гузашта Паёмбарони мухталиф дар миёни миллатҳои мухталифи ҷаҳон меомаданд ва ҳар Паёмбаре барои миллати муайяне барангехта мешуд. Ва гоҳе

дар миёни як миллат, чанд Паёмбаре пас аз дигаре барангехта мешуданд.

Дар он вақт барои ҳар миллат, Ислом иборат буд аз он дине, ки Паёмбар ё Паёмбарони он вақт, махсус ба ҳамон миллат меомӯхтанд.

Ҳарчанд ҳақиқати Ислом дар ҳар асру ҳар замон яке буд, локин дар шароитҳои мухталифи миллатҳо (яъне қавонин ва равиши ибодатҳо) андак ихтилофе бо якдигар доштанд ва бо ин, ки мардум вазифадор буданд, ки ба ҳамаи Паёмбарони Худо имон дошта бошанд, бо ин ҳол ҳеҷ миллате вазифа надошт, ки тобеъи Паёмбари уммати дигаре бошад.

3. Ҳамин, ки Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) барангехта шуд, Худои мутаъол таълимоти Исломро, ки барои ҳамаи мардуми ҷаҳон нозил фармуда буд, то шариъати умумии башар бошад, ба василаи Расули акрам (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) такмил фармуд.

Рисолати Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба сӯи миллати хос ё барои замони муайяне набуд, балки паёме буд ба сӯи ҳамаи мардуми ҷаҳон барои ҳамеша ва Худои мутаъол бо рисолати ӯ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) тамоми қавонини Исломро, ки қаблан Паёмбарони гуногун барои миллатҳои мухталиф оварда буданд, насх кард. Бинобарин дигар ҳеҷ вақт баъд аз ӯ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) то рӯзи қиёмат дигар на Паёмбаре хоҳад омаду на шариъате.

Бо таваҷҷӯҳ ба он чӣ гуфта шуд, Ислом, дар ҳоли ҳозир ҷуз пайравӣ аз Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва таслим кардани Паёмбарии ӯ ва имон овардан ба он ҳама таълимоте, ки барои мо оварда ва низ авомири ӯро авомири Худо пиндоштан ва амал ба онҳо маънои дигаре надорад. Акнун шахсе нест, ки аз тарафи Худо биёяд ва аз мо имон ба ӯ хоста шавад ва ҳар касе, ки имон ба ӯ надорад кофир номида шавад.

Инак умуреро, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба мо амр карда ва аз мо хостааст, ки баон имон дошта бошем, барои шумо шарҳ медиҳам. Бубинед ин ҳама умур чӣ қадар

рост ва дуруст ҳастанд ва имон ба онҳо инсонро чӣ қадар рифъату баландӣ мебахшад.

Аввалину муҳимтарин амреро, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) содир карда ва бояд ба он имон дошта бошем ҷумлаи "لا إله إلا الله" аст. Ин калима бунёди Ислом аст.

Чизе, ки мусулмонро аз кофир ва мушрику мулҳид ҷудо ва мутамайиз мекунад, ҳамин калима аст. Иқрор ва инкори ин калима муҷиби фарқи азим дар миёни инсонҳо мешавад. Ононе, ки ба ин калима имон меоваранд, гурӯҳи ҷудоянд ва ононе, ки аз ин калима рӯгардон бошанд, гурӯҳи дигар.

Касоне, ки ба чунин маъонӣ имон дошта бошанд, ба ростгорӣ ва некбахтиву комёбӣ ва тараққӣ дар дунё ва охират сарфарозанд ва касоне, ки аз ин маъно руй баргардонанд, дар дунёву охират дучори зиён ва саршикастагӣ ҳастанд. Вале бояд донист, ки ин фарқи азим байни ду нафар ба муҷарради ин, ки касе ин ҷумлаи таркиб шуда аз (лому алиф ва ҳо – لا إله إلا الله)ро ба забон оварад ва касе ё гурӯҳи дигаре ин ҷумларо бар забон намеоварад, маълум намешавад.

Барои ин, ки матлаб равшан шавад, бояд мисоле бизанем ва он ин аст, ки агар шумо ба бемории "малария" мубтало бошед ва бихоҳед муолиҷа шавед, ба маҳз ин, ки калимаи (гуна...гуна)[7]ро бар забон биёваред, шифо нахоҳед ёфт, агар чӣ ин калимаро ҳазор бор такрор кунед, магар ин, ки (гуна гуна)ро" бигиреду бихуред.

Гуфтани калимаи (لا إله إلا الله), низ чунин аст, ки агар бидуни таваҷҷӯҳ ба маънои он ва бидуни иқрори қалбӣ ва таваҷҷӯҳ ба масъулияти азиме, ки бо гуфтани ин калима бар ӯҳда мегиред, бар забон биронед, барои шумо суде нахоҳад дошт.

Ҳақиқати амр ин аст, ки фарқи ҳақиқӣ ҳосил нахоҳад шуд, магар вақте, ки ин калима дар умқи қалб, яъне таҳи дили шумо ҷой гирифта ва ба ростӣ ва садоқат ба ин калима яқин дошта бошед ва дили шумо аз ҳама эътиқодоте, ки хилофи ин эътиқод бошанд, холӣ шавад ва русухи ақида ва яқини шумо-

[7] : Номи доруе аз гиёҳ аст, ки барои дармони бемории малария ва таб истифода мешавад (Мусаҳҳеҳ)

камтар аз ақидаи шумо- ба сӯзандагии оташ набошад, ё монанди яқини шумо ба ин, ки заҳр кушанда аст.

Мақсад ин аст, ки ҳамон тавре, ки имони шумо ба хосияти сӯзандагии оташ - иҷозат намедиҳад, ки дастатонро бар оташ фурӯ баред ва имони шумо ба хосияти ҳалокат заҳрро надиҳад, ки даст ба он бияндозед, бояд ақидаи шумо ба ҷумлаи "لا إله إلا الله", низ чунин бошад, ки кӯчактарин амале, ки далели ширк ё куфр ё илҳод шинохта шавад, аз шумо содир нагардад, чӣ дар ақида ва чӣ дар амал.

## Маънои ҷумлаи "لا إله إلا الله"

Ҳоло бояд бидонед, ки маънои "Илоҳ" чист?

Маънои луғавии ин калима "мустаҳиқи ибодат аст", яъне касе бошад, ки аз ҳайси бузургӣ ва ҷалолат, шаън ва баландмартабагии мақому манзилат, шоистаи он бошад, ки мардум ӯро бипарастанд ва ба манзури ибодат дар баробари ӯ гардан каҷ кунанд ва сари таазим фурӯд оваранд.

Маънои дигари калимаи "Илоҳ", ин мафҳумро ҳам медиҳад, ки чунин касе дорандаи нерӯи ҷаббору азимест, ки ақли инсон аз идроки поёни он ҳайрон бошад ва ҳамчунин ин калима дорои маъноест, ки чунин касе мӯҳтоҷ ба ҳеҷ касе набошад ва ҳама мӯҳтоҷи ӯ бошанд ва маҷбур бошанд, ки дар тамоми шуъуни ҳаёт, аз ӯ ёри бихоҳанд.

Ва ин калима низ ба маънои "касе, ки аз мардум пинҳону пӯшида бошад, –яъне касе, ки нерӯҳои ӯ дида нашавад" тафсиру таъбир шуда аст[8].

Вожаҳои "Худо" дар забони форсӣ ва "дюто" дар забони ҳиндӣ ва "god" дар забони англисӣ, ҳама муродифи ҳамин калимаи "Иллоҳ" ҳастанд ва ҳамчунин дар соири луғоти ҷаҳон калимоте шабеҳи ин калима ёфт мешавад ва калимаи "Аллоҳ" исми алам барои зоти Бори таъолост:

Пас маънои "لا إله إلا الله" ин аст: "Ҳеҷ Илоҳе нест ҷуз он зоти Бори таъоло, ки исми ӯ Аллоҳ аст". Бояд гуфт, ки дар ин ҷаҳон

---

8 : Мурочиа шавад ба китоби "**Мусталоҳоти чаҳоргона дар Қуръон**". Таълифи Мавдӯдӣ.

ҳеҷ кас шоистаи он нест, ки мардум ӯро бипарастанд ва ба унвони тоъату ибодат назди ӯ саҷда кунанд, магар Худои мутаъол. Дар ин ҷаҳон молику ҳокиме ҷуз ӯ ёфт намешавад ва ҳар чизе маҷбуру ногузир аст, ки аз ӯ ёрӣ бихоҳад ва ӯ дар моварои ҳавос қарор гирифта аст ва ақли инсон дар идроки зоти ӯ саргаштаву ҳайрон аст!

## Ҳақиқати "لا إله إلا الله"

Ин аст маъное, ки алфози "لا إله إلا الله " дар луғат доранд ва инак ҳақиқати ин калимаро барои шумо баён мекунам:

Он чӣ аз қадимтарин давраҳои таърих дар бораи аҳволи инсон ба мо расида ва он чӣ дар ин ҷаҳон аз осори қадиму ҷадиди миллатҳо мушоҳида гардида, далолат бар ин аст, ки ҳеҷ даврае бар башарият нагузашта магар ин, ки барои худ Илоҳе ё Худое дар назар гирифта ва ӯро парастида аст.

Дар замони ҳозир ҳам вазъи феълии ҳамаи миллатҳо ва ҷомеаҳо чунин аст, ки ҳар як -чӣ ваҳшӣ ва чӣ мутамаддин- дар саросари ҷаҳон, низ ба Илоҳе муътақид шуда ва онро мепарастанд ва ҳамин амр аз ҳар ҷиҳат далели он аст, ки тасаввури "Илоҳ" ё Худо дар ниҳоди ҳамаи нафсҳои башар ҷойгузин аст ва реша давонида ва дар умқи зеҳни ҳамаи афроди башар чунин чизе аст, ки ӯро водор мекунад, то барои худаш Худое дар назар гирифта ва ӯро парастиш кунад.

Бояд пурсид иллати ин амр чист?

Бо андак таваҷҷӯҳе ба ҳоли дурунии худатон ва бо таваҷҷӯҳ ба ҳоли ҳамаи афроди башар метавонед ин вазъро мушоҳида кунед.

Аз он ҷое, ки инсон аз лиҳози фитрат мӯҳтоҷ ва заъиф аст, барои бандагӣ офарида шудааст. Мулоҳаза кунед, ки инсон барои бақои худ чӣ эҳтиёҷоте дорад! Ба чизҳои зиёде ниёзманд аст, ки дар дастраси ӯ нест. Гоҳе ин чизҳоро ба даст меоварад ва гоҳе аз даст медиҳад.

Бисёр чизҳое, ки ба ҳол ӯ фоидаовар аст мекӯшад, то онро ба даст биёварад вале гоҳе муваффақ мешавад ва гоҳе

муваффақ намешавад. Ҳамин далел бар он аст, ки ба даст овардани он чӣ барои он талош мекунад, дар ихтиёри ӯ нест.

Бисёр чизҳое, ки барои инсон зиёновараст ва тамоман орзӯҳояшро барбод медиҳад ва саъю кӯшиши ӯро беҳуда месозад ва барои ӯ мусибат ва меҳнату мараз ба бор меоварад ва инсон талош мекунад, то онро дур созад. Бо ин ҳол гоҳе метавонад ва гоҳе наметавонад.

Инҳо ҳама далели он аст, ки вуқӯъ ва адами вуқӯъи ҳаводис ё дифо аз он дар ихтиёри худи шахс нест.

Ва боз чӣ басо чизҳое, ки азаммат ва бузурги он инсонро дар тарс меандозад. Масалан кӯҳҳо ва рӯдхонаҳову газандагони бо ҳайбат ва хавфнокеро мебинад ва метарсад. Ва ҳамчунин тӯфонҳои шадид ва зилзилаҳову селҳо ӯро ваҳшатзада мекунад! Ва манзараҳои раъду барқ ва абрҳои тираву резиши боронҳои сахт ӯро метарсонад ва меларзонад.

Ӯ офтобу моҳ ва ситорагонро дар гардиш мебинад ва ваҳшатзада мешавад! Бубинед ин падидаҳо дар назари инсон чӣ қадар бузургу нерӯманд ҷилва мекунад ва инсон дар баробари он, чӣ қадар худашро ночиз мебинад ва оҷиз мепиндорад!

Инсон ҳамин, ки бо ин манзараҳои гуногун мувоҷеҳ мешавад ва ба аҷзу нотавонии худаш таваҷҷӯҳ мекунад, қалбан эҳсос мекунад, ки бандаест нотавону мӯҳтоҷ ба ғайр! ва ҳамин, ки чунин эҳсосе дар қалбаш ба вуҷуд омад, тасаввури "Илоҳ" ё Худо дар зеҳни ӯ бедор мешавад. Он гоҳ қудрате ба назари вай мерасад, ки ҳамаи ин чизҳои бузургро дар ихтиёр дорад ва эҳсос ба азаммат ва ҷалолати қадру шаън, ин ду дасти нерӯманд ӯро маҷбур месозад, ки сарашро дар баробари ин қудрати қавӣ ба унвони ибодат ва тоъат каҷ кунад ва ҳамон эҳсос водораш мекунад, то ҳоҷаташро арза дорад ва аҷзу дармондагияшро эълом кунад. Ва ҳамчунин эҳсос ба қуввату қудрати он зот дар зиён расонидан ба ӯ, ӯро маҷбур мекунад, ки аз ӯ битарсад ва худро аз ғазаби ӯ барканор дорад. Бадин ҷиҳат дасти ниёз баланд мекунад ва ба он паноҳ мебарад.

Дар пастарин дараҷоти нодонияш инсон гумон мекунад, ки ин чизҳое, ки онҳоро дорои қудрати азиме мебинад ва ё

вуҷуди онҳоро барои худ судманд ё зиёновар мепиндорад, ҳама "Худо" ҳастанд.

Ва ба ҳамин ҷиҳат ва муносибат аст, ки вуҳуш ва рӯдхонаҳову кӯҳҳоро ибодат мекунад. Ва дар баробари онҳо ба саҷда меафтад ва замину борон ва боду моҳ ва офтобу ситорагонро ибодат мекунад. Вале ҳамин, ки ин нодонӣ андаке аз ӯ зоил мешавад тобише аз илму нур дар фикру ӯ нуфуз мекунад, онгоҳ мефаҳмад, ки ҳамаи ин ашё монанди худаш нотавону оҷиз ва дармондаанд.

Ва мебинад, ки марг бузургтарин ва қавитарин ҳайвонотро монанди кӯчактарин ва ночизтарин ҳайвонот аз пой дармеоварад. Ва рӯдхонаҳои бузург мехушкад ва кӯҳҳоро инсон худ мешигофад ва метарошад ва замин наметавонад ҳосилхез шавад ва аз шиками худаш чизе бирӯёнад, балки мӯҳтоҷ ба обаст, то ҳосилхез шавад ва гиёҳе бирӯёнад ва ҳангоме, ки оби кофӣ  ба замин нарасад хушку саът мешавад.

Ва мебинад, ки об худаш аз осмон намеояд, балки боде, ки мевазад ва абро ба пеш меронад, боиси резиши борон мешавад ва мулоҳаза мекунад, ки ҳаво низ ба танҳоӣ қодир бар вазидан нест ва наметавонад ба зоти худ судманд ё зиёновар бошад, балки вуҷуди ҳамаи ин падидаҳо мутаваққиф бар илалу асбоби дигарест. Ва билохира мебинад, ки хуршеду моҳ ва ситорагон ҳама тобеъи қонуни собите ҳастанд, ки ба қадри мӯй наметавонад аз ҳукми ин қонун таҷовуз кунанд.

Дар ин марҳала зеҳнаш ба ин нукта мутаваҷҷеҳ мешавад, ки ҳамаи ин ашёи зоҳирӣ, амалашон муттакӣ ва мустанад ба нерӯҳоест, ки дар олами вуҷуд пинҳонанд ва ин нерӯҳост, ки бар ҳамаи ашё ва тамоми падидаҳо ҳукумат мекунад ва бар ҳар чиз қодиранд.

Ақидаи инсон ба Худоён мутаъаддиди ниҳонӣ аз ин ҷо сарчашма мегирад ва тасаввур мекунад, ки нур ва обу ҳаво ва бемориву тандурустӣ ва зиштиву зебоӣ, ҳар як Худои махсусе доранд, онгоҳ барои ҳар як аз ин Худоён ба хаёли худ дар зеҳнаш сурате тасвир мекунад ва даври ӯ мегардад ва саҷдааш мекунад. Вале пас аз он, ки ин нур, яъне нури илму маърифат дар зеҳнаш фузунӣ гирифт, мебинад, ки дар низоми олами

ҳастӣ қонуни собиту нофизе вуҷуд дорад, ки барои низоми дақиқу мустаҳками он назорат даркор аст ва сипас мушоҳида мекунад, ки ҳаво чӣ гуна мевазад ва борон чӣ гуна фурӯ мерезад ва ба чӣ кайфияте сайёрот дар осмон мегарданд ва чӣ тавр фаслҳои сол иваз мешаванд ва ба чӣ тартиб таҳти қоидаи собит ва доим, меваҳо мерасанд ва коштаҳо рӯшд мекунанд ва чӣ гуна неруҳои мухталифи зиёде бо якдигар муттаҳид мешаванд ва бо чӣ назме бо якдигар ҳамкорӣ мекунанд  ва бо таваҷҷӯҳ ба итқону истиҳкоми ин қонун мушоҳида мекунад, ки асбобу муҷиботи ҳамкорӣ барои ҳамаи авомили ниҳонии ин қонун бидуни тахаллуфу таъхир фароҳам мешавад, то ҳар амале аз аъмоли ин олам дар мавқеъи муайян анҷом бигирад.

Ва ҳамчунин ҳар мушрике ҳамин, ки ба ҷаҳони ҳастӣ назаре меафканад ва ин назми дақиқу маҳкаму мустаҳкамро аз назар мегузаронад, ночор аст ба ин маъно таслим шавад, ки ин ҷаҳон Худое дорад, ки ӯ бузургтарини Худоён аст  ва ӯ бар ҳамаи Худоён ҳукумат мекунад ва раёсат дорад ва ҳисоб мекунад, ки агар ин Худоёни мутафариқ истиқлоли амал дошта бошанд, низоми ҳастӣ мухтал мешавад ва фасод ва ҳараҷу мараҷ ҳама ҷоро фаро мегирад.

Инсон ин Худои бузургро "Аллоҳ" ё " бармешӯр" ё "Худои Худойгон" меномад, вале зимни ибодат кардани ин Худои бузург, Худоёни кӯчакро шарик қарор медиҳад ва гумон мекунад, ки мақоми улуҳият монанди подшоҳии ин ҷаҳон аст ва ҳамон тавре, ки подшоҳ дар ин дунё вазирони бисёре дорад, ки мавриди эътимоди ӯст ва дар умури кишвардорӣ ба онҳо машварат мекунад ва бисёре аз мансабҳоро ба онҳо вогузор мекунад, ин Худои бузург низ дар идора кардани умури ин ҷаҳон, аз он Худоёни кӯчак ёрӣ, металбад ва тасаввур мекунад бидуни ҷалби ризояти ин Худоёни кӯчак, расидан ё наздик шудан ба Худо имкон надорад.

Ба ин далел инсон мувazзаф аст, он Худоёни кӯчакро ҳам ибодат кунад ва даври онҳо бигардад ва аз хашми онҳо битарсад ва барои расидан ба Худои бузург онҳоро васила қарор диҳад ва дасти истимдод ба сӯи онҳо дароз кунад, ва аз

онҳо нусрат бихоҳад ва барои ҳасил шудани хурсандӣ ва ризои хотири онон, назру қурбонӣ кунад!

Вале пас аз он, ки илми инсон тараққӣ мекунад ва бар басираташ меафзояд, ба тадриҷ аз ададди Худоён коста мешавад, ба ин маъно, ки роҷеъ ба Худоёоне, ки мардуми нодон дар назар гирифтаанд, фикр мекунад ва дар бораи ҳар яке аз онон таъаммул мекунад ва мефаҳмад, ки ҳеҷ кадом Худо нестанд, балки онҳо низ бандагоне ҳастанд монанди соири бандагон ва шояд ҳам нотавонтар ва бекоратар аз соири бандагон. Бадин ҷиҳат аз онҳо сарфи назар мекунад ва аз ибодати баъзеи онҳо даст бармедорад, то ин, ки дар поёни кор ҷуз як Худо барои ӯ боқӣ намемонад, вале ҳанӯз миқдри зиёди ҷаҳлу нодонӣ дар бораи ин Худои воҳид дар афкори инсон ба ҳоли худ боқӣ мемонад.

Яке хаёл мекунад, ки Худо монанди мо дорои ҷисм аст ва дар гӯшае нишаста мардумро мебинад ва мардум ӯро парастиш мекунанд ва ӯро саҷда мекунанд.

Дигаре тасаввур мекунад, ки Худо зану фарзандоне дорад ва монанди башар дорои нерӯи таносулист

Дигаре тасаввур мекунад, ки Худо ба сурати башар бар замин фурӯд меояд

Касе мегӯяд: худ пас аз он, ки ҷаҳонро офарид аз таваҷҷӯҳ ба кори ҷаҳон даст кашид, ва дастгоҳи офаринишро ба ҳоли худаш вогузор кард, то ба кораш идома диҳад ва ҳолан дар гӯшае нишаста ва ба истироҳат пардохтааст.

Дигаре мегӯяд; растагори мунҳасир дар ин аст, ки шафоъате дар кор бошад ва авлиё ва арвоҳи муқаддас аз мардум шафоъат кунанд ва назди Худо василаву восита бошанд.

Яке аз Худои мутаъол тасвири хаёлӣ мекашад ва зарурӣ медонад, ки ҳангоми ибодат онро пеши назараш нигоҳ дорад ва бо ин, ки ба тавҳид муътақид аст, бисёре аз чунин авҳоми сусту беасос дар зеҳни ӯ боқӣ мемонад ва бадин ҷиҳат аст, ки дар хорзори ширку куфр дасту по мезанад.

Ин олӯдагиҳо ҳеҷ иллату сабабе надорад, магар ин, ки онро аз натоиҷи нодонӣ бидонем !

Охирин ва болатарини ин дараҷот ҳамоно ҷумлаи "لا إله إلا الله" аст, яъне “Ҳеҷ худое ҷуз Худои ягона вуҷуд надорад” ва ин ҳамон илмест, ки Худои мутаъол онро ба Паёмбаронаш дода ва онҳоро ба ин сармояи илмӣ дар ҳар замоне ба кишваре фиристода, то ин илмро ба бандагонаш биомӯзанд.

Ин илм дар оғози амр ба Одам (а) баъд ба Нӯҳу Иброҳим ва Мусо ва соири Паёмбарон ва дар поёни кор ба Муҳаммад (с) дода шуд.

Ин илм ҳамон дониши холисест, ки ба ҳеҷ шоибае аз шоибаҳои ҷоҳилият олӯда нест ва ба тавре, ки қаблан ёдоварӣ кардем, иллати аслии олӯдаги ва ибтилои мардум ба суратҳои гуногуни ширк ва бутпарастӣ, ҷуз ин набуда, ки аз таълимоти Паёмбарон рӯй баргардониданд ва бар ҳавосу ақли худашон такя кардаанд.

Инак ба тавзеҳ ва ташреҳи ҳамин нуктаи мӯҷиз ва мухтасар мепардозем, то маълум шавад, ки ин маъно дарбаргирандаи чӣ ҳақиқати собит ва чӣ маъонии баландест.

1. Аввалин ва муҳимтарин масъала тасаввури Улуҳият аст, бо ин баён ки; ин ҷаҳони бузург, ки ақли инсон аз дарки хусусиёт ва оғозу поёни он оҷиз аст ва ҳамин ҷаҳоне, ки аз замони номаълум то замони номаълум ҷорӣ ва сорист ва дар он моварои ҳадду ҳисоби махлуқ ба вуҷуд омад ва ҳанӯз ба вуҷуд меояд.

Ва ҳамин ҷаҳоне, ки ҳар рӯз ҳаводис ва падидаҳову ихтироъоте чунин дар он рӯй медиҳад, ки ақли инсонро ҳайрон месозад, имкон надорад бадин сурат бошад, магар ин, ки Худое дошта бошад зинда, ки на бимирад ва на маҳдуд ба ҳадде бошад, балки Худое бошад "Самад" яъне бениёзу мустағнӣ аз ғайр, бар ҳамаи чиз қодир, ҳакиме бошад, маҳфуз аз иштибоҳ, доное бошад, ки ҳеҷ чиз бар ӯ пӯшида набошад, ғолибу қоҳире бошад, дорои нерӯҳои бе ҳадду марз, ки тахаллуф аз амри ӯ мумкин набошад ва ҳар чизе аз ашёи ин ҷаҳон муҷиботу асбоби ҳаёт ва ризқашонро аз ӯ бихоҳанд ва аз айбҳо ва нуқсонҳо муназзаҳ бошад ва ҳеҷ кас қудрати мудохила дар кори ӯ надошта бошад.

2. Ҳамаи ин сифоти Улуҳият бояд дар зоти воҳиди ягонае ҷамъ шуда бошад ва имкон надорад, ки ин сифот ба таври яксон дар ду зот фароҳам ояд, ба далели ин, ки имкон надорад, ки зоти ғолиб ва қоҳир бар ҳама ва ҳаким бар ҳама ҷуз як зоти муайян бошад ва ҳамчунин маҳол аст, ки ин сифот дар миёни Худоёни мухталифе тақсим шавад, зеро агар яке ҳоким бошаду дигаре олим ва саввуме рӯзӣ диҳанда, ҳар як Худо мӯҳтоҷ ба дигаре хоҳад буд ва агар эшон бо ҳамдигар ҳамкорӣ накарданд, ба ночор дунё несту нобуд хоҳад шуд.

Ва низ имкон надорад, ки ин сифот аз яке ба дигаре интиқол дода шавад, яъне як бор яке Худо бошад ва бори дигар дигаре, зеро он Худое, ки қодир бар нигаҳдории худаш нест, чӣ гуна хоҳад тавонист ба дигаре ҳаёт бибахшад ва он Худое, ки натавонад нигаҳдори улуҳияташ бошад, нахоҳад тавонист бар ин ҷаҳони бузург ҳукумат кунад ва дар корҳои он мудохила намояд. Ҳақиқати амр ин аст, ки ҳар қадар нури илм бар инсон бештар битобад, бар яқинаш хоҳад афзуд, ки сифоти Улуҳият ҷуз дар зоти воҳиди муайяне ҷамъ шуданӣ нест.

3. Вақте, ки ин тасаввури дурусти ҳамаҷонибаи Улуҳиятро дар зеҳни худатон ҷой додед ва сипас ба ин ҷаҳон назар кунед, хоҳед донист, ки он чиро мебинед, ё ба яке аз ҳавоси худатон ҳис мекунед, ё аз ҳар ҷиҳат маълумоти кофӣ дар бораи он ба даст биёваред, ба ҳеҷ ваҷҳ дорои чунин сифоте нестанд.

Оре! ҳамаи мавҷудоти ин ҷаҳон мӯҳтоҷи мавҷудоти дигар ва тобеъи авомили хосе ҳастанд. Зинда мешаванд ва мемиранд. Дуруст мешаванд ва нобуд мешаванд ва ба як ҳолати мустақилле намемонанд ва наметавонанд ба худи худ ва ба дилхоҳии худ коре анҷом диҳанд ва тавоноии онро надоранд, ки бар хилофи қонуне, ки аз боло бар онҳо ҳукумат дорад, коре бикунанд ва ҳар як ба забони ҳол шаҳодат медиҳанд, ки Худо нестанд ва кӯчактарин асаре аз Улуҳият бар вуҷуди онҳо бор нест ва дар корҳои Худоӣ, чӣ каму чӣ зиёд, мудохилае надоранд. Иин аст маънои "لا إله"؛ яъне ҳеҷ гуна Худои (дуруғин) вуҷуд надорад.

4. Вақте, ки аз ҳар чизи кӯчак ё бузурге, ки дар ин ҷаҳон вуҷуд дорад, салби Улуҳият кардед, ба ночор бояд иқрор кунед, ки зоте болотар аз ҳамаи ашё вуҷуд дорад, ки сифоти Улуҳиятро ҷуз он зот, ҳеҷ зоте доро нест, ин аст " لا إله إلا الله", яъне ҳеҷ зоте, ки дорои сифоти Худои бошад, ҷуз Худои ягонаи муайяну маълум, вуҷуд надорад!

Ин аст, он илми бузургтар ва маърифат, ё шинохти томму тамом ва ҳар чӣ дар ин мавзӯъ бештар баҳс кунед, хоҳед донист, ки мабдаъ ва мунтаҳои илм, яъне оғозу фарҷоми дониш ҳамин асту бас. Ва ҳаргоҳ илме аз улумеро, ки дар ҳақоиқи олами ҳастӣ баҳс мекунад, таҳсил кунед, монанди табиъиёт ва шимӣ ва ҳайти заминшиносӣ ва зистшиносиву ҳайвоншиносӣ ва инсоншиносӣ ва дар хусусиёти он амиқ шавед, бар имону тасдиқи шумо хоҳад афзуд бо ин, ки " لا إله إلاالله", яъне ҷуз Худои воҳиду ягона ҳеҷ Худое вуҷуд надорад ва дар ҳар қадаме, ки дар майдони таҳқиқи илмӣ ба пеш бардоред, ба шумо ошкор хоҳад шуд, ки агар ин ҳақиқати дурахшони илмӣ мавриди инкор қарор гирад, дигар дар ин ҷаҳон ҳеҷ чиз маъное нахоҳад дошт.

## Таъсири ақидаи тавҳид дар зиндагии инсон

Ҳоло барои шумо тавзеҳ медиҳам, ки иқрор ба тавҳид дар зиндагии инсон чӣ таъсире дорад ва чаро касе, ки ба ин калима имон дошта бошад, дучори нокомиву зиён нахоҳад шуд.

1. Имкон надорад касе, ки иқроркунанда ба ин калима бошад, кӯтоҳназар бошад, зеро ӯ ба он Худое имон дорад, ки осмонҳо ва заминро офарида ва шарқу ғарби замин моли ӯст ва ӯ парвардигори оламиён аст, ки ба ҳама рӯзӣ мерасонад ва ҳамаро парвариш медиҳад.

Барои ин чунин касе, баъд аз ин гуна имон, ҳеҷ чизе барои ӯ аҷибу бегона ба назар намеояд, зеро медонад, ки он чӣ дар ин ҷаҳон вуҷуд дорад ва ҳар кӣ ҳаст монанди ӯ, моли Худо ва раъияти ӯст. Дар ин ҷаҳон чизе вуҷуд надорад, ки битавонад дар баробари ӯ муқовимат кунад ва ё ин, ки отифаи муҳаббат

ва мувосоту хидматгузории ӯро маҳдуд кунад, балки шахсе хоҳад буд васеъназар, бо зарфият, монанди зарфият ва фарохонии мулки Худои мутаъол.

Бадеҳист барои касе, ки қоил ба вуҷуди Худоёни мутаъаддид бошад, ё Худоро дорои сифоти ноқиси инсонӣ бидонад, ё аслан қоил ба вуҷуди Худо набошад, чунин комёбӣ ва тавфиқе ба даст нахоҳад омад.

2. Имон ба ин калима дар инсон чунон иззати нафс ва болоҳимматӣ эҷод мекунад, ки ҳеҷ чиз тавони муқовамати онро нахоҳад дошт, зеро соҳиби ин ақида медонад, ки молики ҳақиқии ҷаҳон  ва он чӣ дар ҷаҳон аст, ҳамон Худои воҳид аст ва ҳеҷ зиёндиҳанда ва суддиҳанда ҷуз ӯ нест ва зиндакунанда ва мирандае ҷуз ӯ нест ва ҳеҷ соҳиби қудрату ҳукумат ва сиёдате ҷуз ӯ ба танҳои вуҷуд надорад. Ин илму яқин, чунин шахсеро аз ғайри Худо мустағнӣ ва бениёз медорад ва тарс аз ғайри Худоро низ аз дили ӯ хориҷ мекунад ва ба ҳамин хотир дар баробари ҳеҷ кас гардан хам нахоҳад кард ва назди ҳеҷ кас тазарруъ ва зорӣ нахоҳад кард ва залил нахоҳад шуд ва аз азаммат ва ҷалолу шавкати зоҳирии ҳеҷ кас нахоҳад тарсид. Бадеҳист, ҷуз он касе, ки мӯмин ба ин калима бошад, ҳеҷ башаре мумкин нест дорои чунин сифоте бошад баръакс, он чӣ мусталзими ширк ва куфру илҳод аст ин аст, ки инсон сарашро дар баробари ғайр аз Худо каҷ кунад ва ӯро қодир ба ҷалби нафъ ва дафъи зарар бидонад ва аз ӯ битарсад ва ба ӯ умедвор бошад.

3. Имон ба ин калима, дар айни ҳоле, ки ба инсон баландназарӣ ва баландҳимматӣ медиҳад, дарси тавозӯъ ва фурӯтанӣ низ ба ӯ меомӯзад, зеро касе ки мегӯяд: "لا إل إلا الله" мумкин нест, ки гарданкашу мутакаббир бошад. Ва имкон надорад, ки шайтон ғурур дар рагҳои гарданаш бод фурӯ дамад ва ӯро ба сарвату қудрат ва нерӯ ва кифояташ мағрур созад, ба далели ин, ки медонад ва яқин дорад, ки он чиро дорад Худои мутаъол ба ӯ бахшида аст ва ҳар чӣ бихоҳад метавонад аз ӯ бигирад.

Вале инсони мулҳиде, ки ба вуҷуди Худо имон надорад, ба маҳз ин, ки неъмате ба ӯ бирасад, саркашӣ мекунад ва

такаббур меварзад ва онро камоли худ медонад! Зеро ин неъматро натиҷаи кӯшишу фаолӣят ва кифояти худаш мепиндорад ва ҳамчунин марди мушрик вақте, ки ба ниъмате аз неъматҳои дунё расад, такаббур меварзад, зеро гумон мекунад, ки ӯ бо Худоёнаш робитае дорад, ки дигарон аз он маҳруманд!

4. Мӯмин бо ин калима бо илму яқин медонад, ки барои наҷоту растагорӣ ғайр аз тазкияи нафс ва амали солеҳ, роҳи дигаре вуҷуд надорад, зеро ба Худои ғанӣ ва бениёзу одиле имон дорад, ки бо ҳеҷ кас робитаи хусусӣ надорад ва ҳеҷ кас низ дар Улуҳияти ӯ дахолате ё нуфузе надорад, локин куффор ва мушрикин саросари даврони зиндагиашонро бо умеду орзӯҳои ботил мегузаронанд!

Яке мегӯяд: Писари Худо назди падараш каффораи гуноҳони мо шудааст!

Ва яке мегӯяд: Мо маҳбуби Худо ҳастему Худо моро аз сазо мустасно карда аст.

Дигаре мегӯяд: Мо бузургону парҳезгоронро шафеъ қарор хоҳем дод.

Дигарон назрҳо ва қурбониҳое барои худоёнашон тақдим мекунанд ва тасаввур мекунанд, бо ин амал иҷозат доранд ҳар чӣ мехоҳанд бикунанд!

Ин муътақидоти фосид ва амсоли он мардумро дар ботлоқи гуноҳу маъсият фурӯ мебарад ва бо такя бар ин авҳом ва хаёлоти беҳуда, бозӣ мекунанд ва аз тазкияи нуфус ва ислоҳи корҳояшон боз мемонанд.

Аммо мулҳидоне, ки аслан ақида надоранд  ба ин, ки Худое ва офарандае болои сарашон вуҷуд дорад ва аз корҳое, ки мекунанд, пурсише хоҳад шуд, ба тавре, ки агар кори хубе карда бошанд, Худо ба онҳо подош хоҳад дод  ва агар корҳои баде аз онҳо содир шуда бошад онҳоро муҷозот хоҳад кард, худашонро дар дунё озод медонанд ва ба қонуне, ки аз тарафи мофавқ содир шуда, муқайяд нестанд, шаҳавоти нафсонӣ Худои ин ашхос ва онҳо бандаи он ҳастанд!

5. Касе, ки гуяндаи ин калима аст, дар ҳеҷ ҳолате дучори яъсу ноумедӣ намешавад, зеро ба касе имон дорад, ки

хазинаҳои замину осмон дар ихтиёр ӯст ва неъматҳову бахшишҳои ӯ қобили шумурдан нест ва тавоноии ӯро наметавон бо ҳеҷ миқёс ва андозае санҷид, ин имон ба қалби инсон итминони беандоза медиҳад ва қалбро лабрез аз сукуну оромиш менамояд, агар чӣ соҳиби ин чунин имон ба зоҳир хор ва аз ҳар даре ронда шуда бошад ва роҳҳои зиндагӣ бар ӯ танг ва ҳамаи васоилу асбоби моддӣ аз ӯ салб ва мунқатеъ шуда бошад, зеро яқин дорад, ки назари Худо аз ӯ ғофил нест ва ӯро ба худаш вогузор нахоҳад кард.

Ин чунин касе бо таваккал бар Худо аз саъю ва кӯшиши бардавом худдорӣ накарда ва дар ҳар ҳоле муовинат ва кӯмак аз Худо хоҳад талабид.

Таҳсили чунин сукуни қалбӣ ва итминони рӯҳӣ, ҷуз ба василаи ақидаи тавҳид имконпазир нест ва аз он ҷое, ки дили кофирон ва мушрикону мулҳидон заъифу нотавон аст ва эътимодашон бар неруҳои маҳдуд ва муайян аст, ба зудӣ дӯчори ноумедӣ мешаванд ва ба маҳз ин, ки бо мушкилот мувоҷеҳ мешаванд, дӯчори ноумедӣ мегарданд ва бисёре аз ин ноумедӣ ба худкушӣ мунҷар мегардад.

6. Вақте, ки инсон ба манзури ризои Худо ба корҳои бузург даст мезанад, имон ба ин калима ба ӯ нерӯи тасмим ва азму иқдом ва пойдорӣ медиҳад, зеро мӯмин бо ин калима итминон ва яқини томму тамом дорад, ки тамоми нерӯ ва қудрате, ки осмону заминро фаро гирифта, пушти сари ӯ дар ҳар марҳалае аз мароҳил дастгири ӯст. Онгоҳ русуху пойдорӣ ва истиқомат ва пушти кореро, ки аз чунин тасаввуре касб мекунад, камтар аз русуху сабот ва пойдориву сарсахтии кӯҳ нест; то ҷое, ки ҳеҷ мусибате аз мусибатҳои дунё ва ҳеҷ нерӯе аз нерӯҳои мухолиф ӯро аз азму тасмим боз нахоҳанд дошт.

7. Ин калима ба инсон шуҷоъату диловарӣ медиҳад ва қалбро аз ҷуръат лабрез мекунад, ба ин далел, ки боъиси тарс дар мардум, дар асл ду чиз мешавад.

1. Дӯстдороии зоту мол ва зану фарзанд.

2. Эътиқод ба ин, ки касе ғайр аз Худо метавонад, шахсро бимиронад ва тасаввур ба ин, ки дигаре ғайр аз Худо метавонад бо ҳилаву тадбире, пеши маргашро бигирад. Вале

имони инсон ба калимаи "لا إلا إله الله" ин ду иллатро аз дили шахс дур месозад ва дилро аз олӯдагиҳо поку покиза месозад.

Омил ва иллати аввал ба ин хотир аз дили инсон хориҷ мешавад, ки шахс яқин мекунад, ба ин, ки танҳо молики нафсу моли ӯ, Худо аст. Дар натиҷаи ин таваҷҷӯҳ ва яқин то сарҳади фидокорӣ ҳар чӣ дорад барои ризои Худои мутаъол медиҳад.

Омилу иллати дуввум ба он хотир аз дили инсон берун меравад, ки ба қалбаш хутур мекунад, ки на ҳайвон ва на инсон ва на бомбу на туп ва на шамшеру санг ва на чуб, ҳеҷ кадом наметавонанд аз инсон салби ҳаёт кунанд, балки танҳо касе, ки тавоноии онро дорад, Худои ягона аст ва ӯст, ки барои марги инсон вақте муайян карда, ки агар тамоми қувваҳои дунё ҷамъ шаванд, наметавонанд дар он шитоб кунанд ва аз инҷост, ки дар саросари ҷаҳон шуҷоъаттар ва бо ҷуръаттар аз он касе, ки ба Худои ягона имон дорад, ёфт намешавад. Ва чунин марде на аз лашкарҳои омода хоҳад тарсид ва на аз шамшерҳои кашида ва на аз регбори мусалсал ва на аз резиши бомб ва ҳангоме, ки барои ҷиҳод дар роҳи Худо гом бар медорад, нерӯеро, ки даҳ баробари нерӯи ӯ бошад, аз пой дармеоварад.

Ин ҷо бояд пурсид: мушрикону мулҳидон ва кофироне, ки нафсҳояшонро азизтарин дороии хеш медонанд ва касоне, ки муътақиданд ба ин, ки марг бо пеш омадани душман фаро мерасад ва бо ақабнишинии душман бармегардад, аз куҷо метавонанд, дорои чунин қудрат ва нерӯе бошанд?

8. Имон ба "لا إلا إله الله" қадри инсонро боло мебарад ва баландҳимматӣ ва қаноъату инсиғно меомӯзад ва қалби мӯминро аз чирки тамаъ ва ҳирсу ҳасад ва соири сифоти зишт ва авотифи палид, пок мекунад ва ҳеҷгоҳ ба дилаш хутур нахоҳад кард, ки барои бадаст овардани муваффақияту пирӯзӣ ба васоили номашруъ даст занад.

Марди бо имон муътақид аст, ки рӯзӣ фақат ба дасти Худои ягона аст, ки ба ҳар кас бихоҳад медиҳад ва ба ҳар касе нахоҳад намедиҳад ва низ медонад, ки иззату қувват ва шӯҳрату султа ва нуфузу ғалаба, ҷуз ба дасти Худои ягона нест ва ба ҳар касе бо иқтизои ҳукмаш ҳар чӣ бихоҳад медиҳад ва

инсон вазифае надорад ҷуз ин, ки ба қадри тавоноӣ бикӯшад ва комёбию нокомӣ, ҳарду дар ихтиёри ӯст ва ҳеҷ кас наметавонад монеъи рӯзии касе ё рӯзидиҳандаи дигаре шавад.

Локин мулҳидон ва мушрикону кофирон, комёбӣ ё нокомии худашонро дар кӯмак, ё мухолифати қувваҳои дунявӣ медонанд. Ин чунин касоне бандаи тамаъ ва ҳирсанд ва барои комёбии худашон аз тариқи ришва ва тамаллуқу тавтиъа ва пушти ҳамандозӣ ва амсоли ин васоили паст, худдорӣ намекунанд ва бар комёбӣ ва муваффақияти дигарон, ҳасад мебаранд ва барои аз байн бурдани мухолифин ё маҳсудинашон, бо камоли бешармӣ ба ҳар ҳилаи машрӯъ ё номашрӯъ, даст мезананд.

9. Он чӣ дар ин бора аз ҳама муҳимтару бештараст, ин аст ки имон ба "لا إله إلا الله" инсонро муқайяд ба ҳифзи қонуни Илоҳӣ месозад, зеро мӯмин ба воситаи эътиқод ба ин калима яқин дорад, ки Худо аз ҳар чизе хабар дорад ва аз "ҳабли варид" яъне риштаи шоҳраги ӯ ба ӯ наздиктар аст, ва низ медонад, ки ҳар кореро хоҳ дар торикии шаб ё дар ҳолати танҳоӣ бикунад, Худо мебинад ва агар матлаби норавое дар дили ӯ хутур кунад, Худо, ки ба ҳама чиз иҳота дорад, огоҳ мешавад.

Ва инсон имкон дорад, ки ба таври пинҳонӣ корҳое бикунад, ки дигарон надонанд, вале ҳеҷ вақт нахоҳад тавонист онро аз Худои Азза ва Ҷалла пинҳон созад. Инсон метавонад ба ҳудуде, ки написандад, маҳдуд намонад, магар ҳудуди салтанати Худои мутаъол, ки берун аз онҳо натавонад сар барорад. Ӯ аз ҳар, ки бихоҳад худро ба ҳифозат нигоҳ дорад, магар ҳазар аз гирифти Худои Азза ва Ҷалла номумкин аст.

Ба ҳар ҳол, ҳарчанд имон дар зеҳни инсон росихтар бошад, бештар мутеъи аҳкоми Худо хоҳад буд ва ҳудуду аҳакомро бештар риъоят хоҳад кард. Дар он сурат ҷуръат нахоҳад кард, он чиро Худо ҳаром карда муртакиб шавад, балки баръакс дар корҳои хайр хоҳад кӯшид ва дар иҷрои амри Худо мувозибат хоҳад кард, чӣ дар торикии шаб ва хилват бошад ва чӣ дар равшании рӯз ва дар байни мардум, зеро пӯлисе ҳамроҳи ӯст, ки дар ҳеҷ ҳолате аз ӯ ҷудо

намешавад ва ҳамеша он маҳкамаи олие, ки ҳеҷ башаре аз доираи ҳисобу гирифти он наметавонад берун биравад, дар пеши назари ӯ хоҳад буд.

Ба ҳамин хотир аст, ки имон ба "لا إله إلا الله" барои касе, ки бихоҳад мусалмон бошад, аввалин ва муҳимтарин шарт аст, зеро ба тавре, ки дар фасли аввали ин рисола тавзеҳ додем, маънои калимаи (муслим) ё мусалмон ин аст, ки ӯ бандаи мутеъ ва мунқоди Худои мутаъол аст ва имкон надорад, ки бандаи мутеъу мунқоди Худои мутаъол бошад, яъне ин, ки аз таҳи дил имон дошта, ки "لا إله إلا الله", яъне Худо нест магар Худои воҳид, ки номи ӯ Аллоҳ аст, бояд донист, ки ин имон ба "لا إله إلا الله", рукни муҳимми асоси таълимоти Расули акрам, Муҳаммад (салаллоҳу алайҳи ва саллам) ва маркази Ислом ва решаву манбаъи нерӯи онаст ва тамоми муътақидот ва аҳкому қавонини Ислом бар ҳамин асос устувор аст ва аз ҳеҷ куҷо ҷуз ҳамин марказу манбаъ нерӯ намегирад ва агар ин асос ва поя аз ҷо бардошта шавад, аз Ислом чизе боқӣ нахоҳад монд.

## Имон ба фариштагони Худо

Дувумин амреро, ки Расули акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам) муқаррар дошта, ки баъд аз имон ба Худои Азза ва Ҷалла бадон имон дошта бошем, вуҷуди фариштагон аст ва бузургтарин фоидаи ин имон ин аст, ки ақидаи тавҳид аз ҳамаи олӯдагиҳои ширк ва олоишҳову хатароти он пок шавад.

Қаблан донистед, ки мушрикин ду навъ махлуқро шарики Худои мутаъол медонистанд.

**Навъи аввал**; Махлуқоте буданд, ки вуҷуди ҷисмӣ дошта ва чашм метавонад онҳоро бубинад, монанди офтоб ва моҳу ситорагон ва оташу об ва мардони бузург ва ғайра.

**Навъи дуввум**; Махлуқоте, ки вуҷуди ҷисмонӣ надоранд ва аз анзор пӯшидаанду ва дар пушти парда умури ҷаҳони ҳастиро идора мекунанд. Масалан баъзе ҳаво ва бодро мефиристанд ва баъзе абрҳоро ба пеш мебаранд ва борон мебоup ва баъзе нур таҳия мекунанд ва ғайра.

Офаридагони навъи аввал ҳамонҳое ҳастанд, ки дар пеши назари инсон қарор доранд ва Улуҳияти онҳо ба муҷарради лафзи “لا إله إلا الله" мунтафӣ мешавад ва аз байн меравад, локин офаридагони навъи дуввум аз назарҳо пӯшидаанд ва таҳти ҳавос қарор намегиранд ва ҳамин навъ офаридагон ҳастанд, ки ҳамаи мушрикон ба онҳо ба шиддат алоқа меварзанд ва Худоёну маъбудон аз миёни онон барои худ интихоб мекунанд. Ё ин, ки ононро фарзанди Худои мутаъол медонанд ва барои онҳо суратҳои хаёлӣ тасвир мекунанд ва барои онҳо саҷда мекунанд ва барои тақарруб ба онҳо назрҳое тақдим медоранд. ба ҳамин хотир Ислом барои ин, ки ақидаи мардумро аз ин шӯъбаи дуввуми ширк пок сохта ва афкори мардумро ба нури тавҳиди холис мунаввар намояд, ақидаи мустақили дигареро баён карда аст.

Расули акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам) барои мо тавзеҳ дод, ки он офаридагони нурониро, ки баъзе барои худ Худо қарор дода, ё ин, ки онҳоро фарзанди Худои мутаъол мепиндоранд, дар ҳақиқат фариштагони Худои мутаъоланд, ки дар Улуҳият, яъне дастгоҳи Худоии ӯ мудохилае надоранд, балки ҳама мутеъи амри Худои мутаъоланд ва бар хилофи амри ӯ коре намекунанд ва Худои мутаъол ба василаи онҳо умури кишварашро идора мекунад ва фариштагони ӯ амри ӯро ба хубӣ анҷом медиҳанд ва аз худ ҳеҷ қудрате ва нерӯе надоранд ва дар сояи қудрат ва тавоное, ки ба онҳо дода шуда аст, наметавонанд дар баробари Худои мутаъол тарҳе ва пешниҳоде дошта бошанд ва низ тавоноии онро надоранд, ки дар пешгоҳи ӯ барои касе шафоъат кунанд ва барои инсон мояи саршикастаги ва нанг аст, ки онҳоро ибодат кунад ё аз онҳо ёрӣ бихоҳад, зеро Худои мутаъол рӯзе, ки Одамро офарид, ба онҳо амр кард, ки ӯро саҷда кунанд ва ба Одам илме дод, ки ба онҳо нададааст ва Одамро халифа ва ҷонишини худаш қарор дод ва барои онҳо чунин унвоне қоил нашуд. Дар ин сурат барои инсон чӣ нангест болотар аз ин, ки дар баробари фариштагоне саҷда кунад, ки қаблан дар баробари Одам саҷда кардаанд?

Расули акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам) моро аз ибодат кардани фариштагон ва аз шарик қарор додани онҳо ба Худо аз тарафе манъ фармуда ва аз тарафи дигаре барои мо ташреҳ карда, ки онҳо бандагони баргузидаи Худоянд ва аз гуноҳу иштибоҳ муназзаҳанд ва фитраташон тавре қарор дода шуда аст, ки амри Худоро пушти сар намеандозанд ва ба он чӣ аз боло ба онҳо амр мешавад иҷро кунанд ва онҳо ҳамеша дар ҳоли ибодатанд ва Худои мутаъол аз ҳамонҳо фариштаи каримеро баргузида ва ӯ Ҷибрил (алаҳиссалом) аст, ки барои фиристодагону Паёмбарони Худо ваҳй меоварад. Ҳамин фаришта аст, ки Қуръонро бар Паёмбари мо, Муҳаммад (салаллоҳу алайҳи ва саллам) нозил карда ва як даста аз ин фариштагон дар ҳар оне бо инсон ҳамроҳанд ва ҳар ҳаракате, чӣ хубу чӣ бад, ки аз инсон содир шавад, онҳо мебинанд ва мешунаванд ва ҳатто ҳар ҳарферо, ки аз даҳони инсон берун ояд, чӣ писандида ва чӣ нописанд сабту забт мекунанд ва сиҷли аъмоли ҳар инсон ба он фариштагон маҳфуз мемонад ва он рӯзе, ки шахс назди Худои таъоло дар маҳкамаи Худои ба по меистад, парвандаи ӯро бар ӯ арза медоранд ва дар бораи ҳар коре, ки дар давраи зиндагии ин дунё , ниҳонӣ ё ошкор, чӣ хубу чӣ бад анҷом дода, шаҳодат хоҳанд дод.

Роҷеъ ба ҳақиқати фариштагон ва чигунагии хилқати онҳо, ҳеҷ гуна хабаре ба мо дода нашуда аст ва фақат ба сифоти онҳо хабар додав ва ба мо амр шуда, ки ба вуҷуди онон имон дошта бошем ва барои шинохтани чигунагии онон роҳе надорем ва агар дар хусуси чигунагии онон чизе аз пеши худамон бисозем, албатта далели нодонии мо маҳсуб хоҳад шуд.

Вале инкори вуҷуди онон куфр аст ва ҳеҷ кас низ наметавонад далеле бар инкори вуҷуди фариштагон биёварад ва инкори вуҷуди фариштагон дар сурате, ки аз тарафи Паёмбар таксиб нашуда амре аст, бе маъно.

## Имон ба китобҳои Худо

Саввумин мавзӯъе, ки ба воситаи Расули акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам) ба мо амр шуда, ки ба он имон дошта

бошем китобҳои Худо аст, ки бар фиристодагону паёмбарони Худо нозил гардида аст.

Ҳамон тавре, ки Худои мутаъол Қуръони каримро бар Паёмбари мо, Муҳаммад  нозил карда, китобҳои дигареро қабл аз он бар Паёмбаронаш нозил карда ва номи баъзе аз он китобҳоро ба мо хабар додааст.

Суҳуфи Иброҳим ба Иброҳим (а) ва Таврот бар Мусо (а) ва Забур ба Довуд(а) ва Инҷил ба Исо (а) нозил шуда аст.

Вале аз номи китобҳои дигаре, ки бар соири Паёмбарон нозил шуда, хабаре ба мо нарасидааст ва ба таври қатъу яқин аз китоби динии дигаре, ки аз тарафи Худо буда ё набуда хабаре надорем, ҷуз ин, ки ин қадар имон дорем, ки ҳар китобе, ки аз тарафи Худои мутаъол омада бошад, ҳақ аст.

Аз китобҳое, ки номаш ба мо хабар дода шуда аст, бояд бигӯем, аз Суҳуфи Иброҳим асаре дар дунё нест, локин дар бораи Таврот ва Забуру Инҷил дар Қуръон хабар дода шуда аст, ки онҳо ҳар чанд назди Яҳуду Насоро мавҷуд аст, вале ҳамаи ин китобҳоро таҳриф карда ва матлаби онро ҷо ба ҷо ҳазф карда ва назариётеро аз худ бар он афзудаанд. Ҳатто худи яҳудиёну масеҳиён имрӯз эътироф доранд, ки китобҳои аслие, ки бар Мусо ва Исо ва Довуд (а) нозил шуда дар дастрасашон нест, балки тарҷумаи он китобҳоро доранд.

Ва ҳамин тарҷумаҳо низ дар таи асрҳову қарнҳо дучори тағйиру табдил ва зиёдаву нуқсон гардида аст ва ҳамчунин ба маҳзи хондани ин китобҳо ба хубӣ ошкор мешавад, ки бисёре аз матолибе дар онҳо ба чашм мерасад, ки имкон надорад аз назди Худо омада бошад.

Ба ҳар ҳол, ин қадар мусаллам аст, ки ин китобҳое, ки феълан дар дунё мавҷуд аст, айни он китобҳое, ки Худои мутаъол ба Мусо ва Исову Довуд (а) нозил карда, нест. Ва каломи Худо дар ин китобҳо бо каломи махлуқ омехта шуда аст ба тавре, ки барои тамйизи каломи Худо аз каломи мардум василае дар даст нест.

Ва ин, ки мо имон ба китобҳои гузашта дорем, фақат аз ин хотир аст, ки қабл аз нузули Қуръони Карим Худои мутаъол паёмбаронашро бо аҳкоми муъайян назди ҳар як аз

миллатҳои гузашта фиристода аст ва ин аҳком ҷуз аз назди Худое, ки Қуръонро бар Муҳаммад (салаллоҳу алайҳи ва саллам) нозил карда, набуда аст ва Қуръони Карим фақат ба ин манзур омада, ки он ҳидоятеро, ки мардум дар замони гузашта аз он бархурдор будаанд ва сипас онро зоеъ сохта ё иваз карда ё бо каломи башар омехта кардаанд, зинда кунад.

Қуръон охирин китобест, ки аз тарафи Худои мутаъол нозил шуда ва фарқ байни он ва китобҳои гузашта аз чанд роҳ аст:

1. Китобҳое, ки қабл аз Қуръон нозил шуда, нусхаҳои аслии он аз байн рафта ва ба тавре, ки қаблан донистед ҷуз тарҷумаҳо асаре аз онҳо боқӣ нест. Дар сурате, ки Қуръон бо ҳамон калимоту ҳуруфе, ки аз назди Худои мутаъол нозил шуда, то кунун маҳфуз монда ва ҳеҷ гуна тағйире дар ҳарфе аз ҳуруф, ё ҳаракате аз ҳаракоти он роҳ наёфтааст.

2. Дар соири китобҳо мардум каломи худро бо каломи Худо омехта кардаанд, ба ин маъно, ки дар ҳар як аз ин китобҳо каломи Худо ва таърихи қавмӣ ва миллӣ ва сирати мардони бузург ва Паёмбарон ва тафсиру масоили шаръӣ, ки фуқаҳо истинбот кардаанд, дида мешавад, ба тавре, ки каломи Худо аз каломи ғайри Худо шинохта намешавад. Локин Қуръон ба ҳамон сурате, ки буда боқист ва мулоҳиза мекунед, ки саросари он каломи холиси Худои мутаъол аст ва ба каломи дигаре олӯда нагардида ва он чиро мусалмонон дар тафсир ё ҳадис ё фиқҳ ё сирати Расули акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам), ё сирати саҳоба, ё таърихи Ислом навиштаанд, бо Қуръон махлут накардаанд ва саросар ин матолиб дар китобҳои ғайр аз Қуръон мудаввину маҳфуз аст.

3. Ҳамаи китобҳое, ки имрӯз назди умматҳо ва миллатҳои мухталифи ҷаҳон дида мешавад имкон надорад, ки касе бо асноди таърихӣ битавонад собит кунад, ки бар паёмбари мансуб илайҳӣ нозил шуда аст, балки бисёре аз китобҳои дини мавуҷуд аст, ки аслан маълум нест бар чӣ касе ва дар чӣ замоне нозил шуда аст. Локин вазъи Қуръон ин тавр нест, зеро шавоҳиди таърихии бисёр қавӣ ва далоили қатъӣ дар даст аст, ки ин китоб бар Муҳаммад (салаллоҳу алайҳи ва

саллам) нозил гардида ва ҳеҷ кас кӯчактарин шаке дар ин бора надорад, балки болотар аз ин бигӯем: маълуму мусаллам аст, ки ҳар ояте аз оёти Қуръони карим дар чӣ вақту маҳалле бар он ҳазрат (салаллоҳу алайҳи ва саллам) нозил шуда аст.

4. Забонҳое, ки китобҳои қадим ба он нозил шуда аст, рӯзгор онҳоро аз байн бурда ва нобуд карда аст ва фақат хабаре роҷеъ ба он забонҳо аз даврони бисёр қадим боқӣ мондаву бас, ба тавре, ки дар ҳеҷ гӯшае аз кишварҳои ҷаҳон касе ба он забонҳо сухан намегӯяд ва касоне, ки битавонанд он забонҳоро бифаҳмад, афроди муайян ва маъдуде ҳастанд. Ва ҳаргоҳ ин китобҳо ба ҳамон шакли аввала боқӣ мемонд ҳам, имрӯз маҳол буд, ки мардум онро фаҳмида ва аҳкоми онро пайравӣ кунанд. Локин забоне, ки Қуръон карим ба он нозил шуда, забонест зинда, ки даҳҳо миллион афроди башар ба он сухан мекунанд ва садҳо миллион мардуми ҷаҳон онро мефаҳманд ва дар ҳар кишваре тадвин мешавад ва мардум онро ёд мегиранд ва ҳар кас бихоҳад метавонад бо камоли суҳулат ва асонӣ онро биомӯзад ва ҳар гоҳ маҷоли омӯхтани онро надошта бошад, метавонад ба касе муроҷиъат кунад, ки маъонӣ ва аҳкоми Қуръонро ба ӯ бифаҳмонад.

5. Вақте, ки ба тамоми китобҳои динӣ, ки назди миллатҳои мухталифи ҷаҳон ёфта мешавад, муроҷеъат кунед хоҳед дид, ки равияи сухан дар ҳар яке аз ин китобҳо ба миллати муайяну махсусест, на ба ҳамаи миллатҳо ва ҳамчунин вақте, ки ба аҳкоми дарҷшуда дар ин китобҳо муроҷиъат кунед, мулоҳиза мекунед, ки бидуни шак аксари он аҳком барои замони хосе буда, ки ба иқтизои шароит ва мақосиду эҳтиёҷоти он замон омада, вале дар замони ҳозир на мардум ба он аҳком ниёзе доранд ва на амал кардан ба он имкон дорад. Дар ин сурат маълум мешавад, ки ин китобҳо махсуси замони муайяну миллати муайяне буда, на ин, ки барои ҳамеша ӯ барои ҳамаи миллатҳо омада бошад ва ҳеҷ як аз ин китобҳо барои ҳамаи мардум набуда аст.

Нуктаи дигар ин, ки аҳкоми ин китобҳо барои ҳамон миллатҳое, ки омада барои муддати маҳдуде буда, на ин, ки аҳкоми ҷовиду ҳамешагӣ бошад. Локин вақте, ки бо ин назар

ба Қуръон нигоҳ кунед мулоҳиза хоҳед намуд, ки дар ҳар ҷои Қуръон равияи сухан ба таври куллӣ бо инсон аст ва ҳеҷгоҳ дар хондани ҳеҷ ояте ба хотири хонандагон хутур намекунад, ки он оят махсус ба уммати муайяне бошад ва шомили ҳамаи миллатҳо набошад.

Ва ҳамчунин амал кардан ба аҳкоме, ки дар Қуръон зикр шуда, дар ҳар асру замон ва дар ҳар маҳаллу маконе, ки бошад мумкин аст ва ин маъонӣ ҳама шоҳиди нотиқу гуёест бар ин, ки Қуръон барои ҳамаи ҷаҳониён омада то абадудаҳр.

6. Ҳарчанд китобҳои қадим ҳар як муштамил бар корҳои хайр ва дурустиву ростӣ аст ва мабодии ахлоқу салоҳро ба инсон талқин карда барои иршоди вай ба тариқи мустақим ва баровардани ҳоҷатҳо ва ниёзмандиҳояш мутобиқи ризои Худо таълимоте медиҳад, вале ҳеҷ китобе нест, ки шомили тамоми фазоилу ҳасанот бошад ва тавре нест, ки нуктае аз он нукот фурӯгузор нашуда бошад. Вале чизе, ки Қуръонро дар ин бора аз соири китобҳои қадим бартар қарор медиҳад ин аст, ки он чӣ аз фазоил дар китобҳои қадим нигошта шуда ва дар он китобҳо дида намешавад, дар Қуръони Карим ҷамъан баён шуда аст, ба иловаи муҳсаноту хайроте, ки дар он китобҳо дида намешавад.

7. Аз он ҷое, ки инсон дар китобҳои динии қадим тасарруфоте кард, бисёре аз умуре, ки мувофиқи ақлу ҳақиқат нест ва бар зулму таъадди устувор аст ва ақида ва амали инсонро фосиду табоҳ месозад, дар он китобҳо роҳ ёфтааст, балки баъзе аз китобҳо дарбаргирандаи матолибест аз қабили фаҳшо ва мункару инҳитоти ахлоқӣ. Локин Қуръон аз ҳар ҷиҳат аз инчунин матолибе муназзаҳ аст ва чизе, ки мухолифи ақл ё ба тавон ё бурҳон ё таҷриба онро хато шумурд, дар он вуҷуд надорад ва дар ҳеҷ як аз авомиру аҳкоми Қуръон зулм ё таҷовузе эҳсос намешавад ва ҳамчунин чизе, ки муҷиби гумроҳии инсон бошад, дида намешавад. Ва низ асаре аз фаҳшо ва мункару беқайдӣ ва беқуюдии ахлоқӣ вуҷуд надорад, балки аз аввал то охир пур аз ҳикматҳои олӣ ва мавъизаҳои хубу судманд аст ва ба мардум адл меомӯзад ва

онҳоро ба роҳи мустақим ва ба беҳтарин аҳкому қавонин иршод мекунад.

Инаст мазоё ва хусусиятҳое, ки ба хотири он мардуми саросари замин маъмуранд, ки ба Қуръон имон биёваранд ва фақат тобеъи ҳамин китоб бошанд, на китобҳои дигар, зеро ҳадди аксар он чиро мумкин аст инсон барои зиндагӣ мутобиқи ризои Худои мутаъол аз лиҳози иршод ва ҳидоят эҳтиёҷ дошта бошад, Қуръони карим онро бидуни каму зиёд баён карда аст ва дигар бо будани Қуръон инсон ҳоҷате ба китоби дигар нахоҳад дошт.

Ҳоло, ки фарқ байни Қуръон ва соири китобҳоро донистед, ба осонӣ метавонед фарқ байни имон ба Қуръон, бо имон ба соири китобҳоро бидонед.

Мақсуд ин аст, ки имон ба китобҳои қадим то ҳадде тасдиқ дошта бошем, яъне иқрор кунем, ки ин китобҳо аз тарафи Худо аст ва дар асл дуруст буда ва фақат барои ҳамон манзуре омада, ки Қуръон барои такмили он нозил шуда ва имон ба Қуръон аз ин лиҳоз аст, ки ин каломи холиси Худо асту ҳақ ва ҳар як аз алфози он ба ҳамон сурати аввал маҳфуз монда ва ҳар калимаи он саҳеҳ ва дуруст аст ва иҷрои ҳар амре аз авомири он фарз асту воҷиб ва он чӣ мухолифи аҳкоми Қуръон бошад, бояд онро рад кард.

## Имон ба паёмбарони Худо

Ба мо амр шуда, ки баъд аз имон ба китобҳои Худо имон ба паёмбаронаш ҳам дошта бошем.

Дар фасли собиқ барои шумо тавзеҳ додем, ки барои ҳамаи мардуми рӯи замин паёмбароне аз тарафи Худо омадаанд ва мардумро ба **Ислом**е даъват кардаанд, ки барои таълими он дар поёни кор, Муҳаммад (салаллоҳу алайҳи ва саллам) омада аст. Ба тавре, ки гӯё ҳамаи фиристодагон ва паёмбарони Худо аз як силсилаи муайяне будаанд. Дар ин сурат агар касе яке аз онҳоро дурӯғ шуморад, мисли ин аст, ки ҳамаро дурӯғ шуморида бошад ва ҳар он касе, ки ки яке аз онҳоро тасдиқ кунад, бар ӯ лозим ояд ҳамаро тасдиқ кунад.

Тавзеҳи гуфтор ин, ки фарз кунед бо даҳ нафар сару кор доред, ки гуфтори ҳама яксон аст, дар ин сурат агар ҳарфи яке аз он даҳ нафарро тасдиқ карда бошед ва ҳарфи якеро таксиб кардед, мисли ин аст, ки ҳамон ҳарфро таксиб кардед, ки ҳама даҳ нафар баён мекунанд ва бадин тавр таксиби ҳар даҳ нафар лозим хоҳад омад, зеро ҳама ҳамон ҳарферо мегӯянд, ки яке мегӯяд. Бинобар ҳамин, имон ба ҳамаи паёмбарон дар Ислом лозими ва ҳатмӣ шумурда шудааст. Касе, ки байни паёмбарони Худо фарқ бигузорад ва ба яке имон биёварад ва ба дигаре ё ба дигарон имон наоварад, чунин одаме дар ҳақиқат кофир аст.

Дар ривоёт аз Паёмбари мо (салаллоҳу алайҳи ва саллам) гуфта шуда аст, ки ададди паёмбаронеро, ки Худо барои умматҳо ва миллатҳои мухталифи ҷаҳон фиристода, яксаду бисту чаҳор ҳазор нафар буда аст. Ва агар дар умри ин ҷаҳон фикр кунед ва ақвому миллатҳое, ки дар ин ҷаҳон буда ва аз байн рафтаанд, аз назар бигузаронед, мулоҳиза хоҳед кард, ки ин адад барои паёмбарон зиёд нест ва ба паёмбароне, ки достони онҳоро Қуръон барои мо баён карда, бояд ба таври сареҳ имон дошта бошем ва нисбат ба соири паёмбароне, ки достони онҳо ба мо нарасида, моро амр карда шуда аст, ки ақида дошта бошем, ки он ҳама касонеро, ки Худои мутаъол барои таълими бандагонаш фиристода ва мардумро ба роҳи рост ҳидоят кардаанд, ҳама ростгӯ будаанд. Ба ҳамин хотир ба тамоми касоне, ки умед меравад, ҷуз паёмбарони Худо бошанд ва ба кишварҳои Ҳинду Чин ва Эрону Миср ва Африқову Аврупо ва соири кишварҳои ҷаҳон фиристода шудаанд, мо бояд имон дошта бошем. Локин ба таври қатъ наметавонем бигӯем; фалон Паёмбар ё он Паёмбари ғайри машҳур фиристодаи Худо буда ё набуда аст, зеро хабаре дар бораи ӯ ба мо нарасидааст.

Вале ҳеҷ вақт ҳақ надорем ба яке аз он касоне, ки мардум пайрави дини ӯ ҳастанд иҳонат кунем, ё номи ӯро ба зишти бибарем, зеро чӣ медонем шояд ба ростӣ аз паёмбарони Худо будаанд ва мардум пас аз даргузашти онон динашонро иваз кардаанд, ҳамон тавре, ки пайравони Мусо ва Исо

(алайҳимуссалом) кардаанд ва ҳаргоҳ ақидаву назаре иброз кунем, бояд дар мавзӯъи одоту русуму ташрифоти диниашон ба вазъе, ки ҳаст бошад, вале дар бораи касоне, ки ин динҳоро таъсис кардаанд, бояд комилан сокит бошем, барои ин, ки дар бораи фиристодае аз фиристодагони Худо амале, ки мухолифи одоб бошад аз мо содир нашавад.

Байни Муҳаммад (салаллоҳу алайҳи ва саллам) ва соири паёмбарони Худо дар замони гузашта бадин лиҳоз фарқе нест, ки ҳама ростгӯёне буда, аз тарафи Худо фиристода шудаанд ва роҳнамои роҳи рости Худоӣ будаанд ва ба мо амр шуда аст, ки ба ҳар як аз онон имон дошта бошем.

Вале бо ин, ки дар ин ҳайсиёт, ки баён кардем, ҳама паёмбарон яксон будаанд, фарқе ҳам аз се ҷиҳат дар миёни ӯ (салаллоҳу алайҳи ва саллам) ва соири Паёмбарон вуҷуд дорад, он се ҷиҳат ин аст ки:

1. Он паёмбарони дигар барои умматҳои хос ва барои замонҳои муайян омадаанд, локин Муҳаммад (салаллоҳу алайҳи ва саллам) барои ҳамаи ҷаҳониён фиристода шудааст, то рӯзи қиёмат, ба тавре, ки дар фасли гузашта донистед.

2. Таълимоти он паёмбарон ё ба куллӣ аз байн рафта ва ё агар аз баъзе осоре боқӣ монда бошад, ба суратҳои аслӣ нест ва ҳамчунин аз сират ава рафтору аҳволашон чизе дар даст нест ва ҳақиқати он дар миёни ривоятҳо ва афсонаҳову достонҳое, ки мардум аз пеши худ сохтаанд, гум шудааст ва ҳатто агар касе бихоҳад ва бикӯшад низ имкон надорад, ки ҳақиқати онро ба даст оварад, пайравии он кунад ва дар сурате, ки таълимот ва сирату рафтор ва гуфтору кирдор ва ахлоқу одот ва хислатҳои Муҳаммад (салаллоҳу алайҳи ва саллам) аз ҳар ҷиҳат дар китобҳо сабту забт ва дар дастраси мардум аст.

Бас ҳақиқати амр ин аст, ки дар миёни тамоми фиристодагону Паёмбарони Худо танҳо фарди зинда Муҳаммад (салаллоҳу алайҳи ва саллам) аст ва ӯ танҳо касе аст, ки ҳамаи мардум метавонанд пайрави ӯ бошанд ва аз ҳидояту роҳнамои ӯ бархурдор бошанд.

3. Таълимоти исломиро, ки Паёмбарони қадим овардаанд таълимоти комиле набуда, ба ҳамин ҷиҳат ҳар паёмбаре, ки омад, ҷуз ин набуд, ки таълимоти паёмбарони қадим ва аҳкому қавонин ва равишҳои ҳидояту раҳбарии ононро ислоҳ кунанд ва қисматҳоеро ҳазф кунанд ва чизҳое бар он биафзоянд. Бадин тариқ омили тараққӣ ва такомулу ислоҳ қабл аз Муҳаммад (салаллоҳу алайҳи ва саллам) корашро анҷом дода, лиҳозо Худои мутаъол пас аз гузаштани даврон, он таълимоташонро ҳифз накард, зеро пас аз омадани таълими комили ҷадид, дигар мардум ниёзманди таълими ноқиси собиқ набуданд.

Ва дар поёни кор Паёмбар Муҳаммад (салаллоҳу алайҳи ва саллам) таълими комили исломӣ аз ҳар ҷиҳат ҷомеъеро овард ва бадин тариқ шароеъи соири паёмбарон бо рисолати Муҳаммад (салаллоҳу алайҳи ва саллам) мансух гардид ва далели он ин аст, ки пайравӣ аз ноқис дар баробари комил, мухолифи ақл аст ва касе, ки аз Муҳаммад (салаллоҳу алайҳи ва саллам) пайравӣ кунад, аз ҳамаи паёмбарон пайравӣ кардааст, ба хотири он, ки он чӣ хайру салоҳ дар таълимоти паёмбарони қадим буда, дар таълимоти Муҳаммад (салаллоҳу алайҳи ва саллам) вуҷуд дорад ва ҳар он кас, ки аз иҷрои ин таълимот рӯй баргардонад ва пайрави паёмбари дигаре бишавад, аз чандин хайру баракат ва имтиёзот маҳрум хоҳад монд, зеро он хайрҳо ва баракатҳо, ки баъд омаданд, дар он таълими қадим набуда ва ба хотири ҳамин имтиёзот аст, ки ҳамаи афроди башар ногузиранд ба Муҳаммад (салаллоҳу алайҳи ва саллам) имон биёваранд ва аз таълимоти ӯ пайравӣ кунанд. Ба ҳар ҷиҳат вазифаи муслим ва ба таъбири форсӣ" мусалмон" ин аст, ки ба се ҷиҳат ба Муҳаммад (салаллоҳу алайҳи ва саллам) имон дошта бошад:

Аввал ин, ки ӯ (салаллоҳу алайҳи ва саллам) содиқу ростгӯ аст, ки аз тарафи Худо омадааст.

Дуввум ин, ки ҳидояту роҳнамоии ӯ (салаллоҳу алайҳи ва саллам) комил аст ва нақсу хато ва иштибоҳе надорад.

Саввум ин, ки охирин паёмбаре аст, ки аз тарафи Худои мутаъол барои ҳар миллате ва ҳар уммате аз миллатҳову

умматҳои ҷаҳон фиристода шуда аст, то рӯзи қиёмат каси дигаре, ки имон ба ӯ шарти Ислом бошад ва касе, ки ба ӯ имон наоварад кофир шинохта мешавад, нахоҳад омад.

## Имон ба Рӯзи охират

Ҳамчунин матлабе, ки моро Муҳаммад (салаллоҳу алайҳи ва саллам) амр фармуда, ки мо бояд ба он имон дошта бошем, мавзӯъи рӯзи охират аст ва ба он чӣ дар бораи он рӯз имон бояд дошта бошем, ин аст ки:

1. Худои мутаъол ин ҷаҳон ва ҳамаи офаридаҳоеро, ки дар ин ҷаҳон вуҷуд дорад, дар он рӯзе, ки маъруф ба "**Рӯзи қиёмат**" аст, маҳву нобуд хоҳад кард.
2. Сипас Худои мутаъол якбори дигар мардумро зинда мекунад ва онҳоро назди худаш ҷамъ мекунад ва он рӯз ба номи "**ҳашр**" яъне ҷамъ шудан, ё ба номи "**баъс**" ки ба маънои барангехтан аст, номида мешавад.
3. Сипас он чиро мардум касб кардаанд, чӣ хубу чӣ бад, бидуни каму зиёд ба маҳкамаи Худои мутаъол тақдим мешавад.
4. Худои мутаъол корҳои хубу бади ҳар фарде аз афроди башарро вазн мекунад, онгоҳ ҳар кас палаи корҳои хуби ӯ бартарӣи дошта бошад, ӯро омӯрзад ва ҳар кас палаи корҳои бади ӯ бартарӣ дошта бошад, ӯро муҷозот мекунад.
5. Он касоне, ки омӯрзида мешаванд ба биҳишт мераванд ва касонеро, ки Худо муҷозот мекунад, ба оташ мераванд.

## Эҳтиёҷ ба имон ба рӯзи охират

Ақида ба охиратро ҳамон тавре, ки Муҳаммад (салаллоҳу алайҳи ва саллам) пешкаш кардааст, ин ақидаи охират барои ҳар аср ва замоне шарте аз шароити **Ислом** дониста ва тамоми паёмбарон касеро, ки ба ин мавзӯъ ақида надошта ё дар он шак кунад, кофир шумурдаанд, зеро имон ба Худо ва китобҳову фиристодагони ӯ бидуни ин ақида маъно надорад ва дар ин сурат соири зиндагонии инсон табоҳу хароб мемонад ва бояд донист, ки ин мавзӯъ амрест возеҳ ва фаҳмидани он ишколе надорад, ба далели ин, ки, агар аз

шумо бихоҳанд, ки кореро анҷом диҳед, аввалин суоле, ки ба зеҳни шумо хутур мекунад ин аст, ки бигӯед:

Агар ин корро бикунам, чӣ фоидае барои ман хоҳад дошт? Ва агар ин корро накунам, чӣ заpаре ба ман хоҳад расид? Чаро ин пурсиш дар зеҳни шумо хутур мекунад? Иллати он ин аст, ки инсон ба собиқаи фитрату ангезаи дарунии худаш мефаҳмад, ки ҳеҷгоҳ ба коре, ки барои ӯ суд надошта бошад, набояд иқдом кунад ва бадин хотир шумо низ ба коре, ки умеди суде аз он надошта бошед, даст нахоҳед зад ва аз коре,  итминон дошта бошед ба шумо зарару зиёне нахоҳад дошт, боз нахоҳед монд.

Ҳолати шаку тардид низ чунин аст; ба ин маъно, ки агар дар муфид будани коре шак доштед, бо майлу рағбат дар анҷоми он иқдом нахоҳед кард ва ҳамчунин дар ҳар коре, ки дар зарари он шак дошта бошед имкон надорад, ки аз анҷоми он эътироз кунед ва дурӣ ҷӯед.

Ба кӯдакҳо нигоҳ кунед, чаро худашон даст дар оташ меандозанд? Ба хотири ин, ки ба таври илмулъяқин намедонанд, ки оташ чизи сӯзанда аст.

Ва ҳамчунин чаро бачаҳо аз дарсу донишомӯзи фарор мекунанд? Иллаташ ин аст, ки фавоиди илмиро, ки бузургтарон мехоҳанд дар зеҳни онон талқин кунанд, нуфуси кудакон қабул намекунад ва дар дилашон ҷой намегирад. Инак таammул бикунед касе, ки ба рӯзи охират имон намеоварад, низ чунин аст, зеро имон ба Худо ва пайравӣ аз аҳкоми Худоро кори абасу беҳуда меангоранд, дар натиҷа тоъати Худоро бефоида ва маъсияти Худоро безарар медонад. Аз чунин касе чӣ умеде метавон дошт, ки ӯ амре, ки Худо бар паёмбаронаш нозил карда ва дар китобҳояш тавзеҳ дода, иҷро кунад ва ҳаргоҳ чунин касе ба Худо низ имон биёварад, имони ӯ бемаъно хоҳад буд, зеро ӯ Худоро итоат нахоҳад кард ва ҳеҷгоҳ дар зиндагӣ мутобиқи ризои Худои мутаъол гоме барнахоҳад дошт.

Матлаб ба ҳамин ҷо хатм намешавад, балки инкор ва иқрори инсон ба зиндагии охират, таъсири амиқу қотеъе дар ҳаёти ӯ медорад, балки ба тавре, ки қаблан тавзеҳ додем,

фитрати инсон ба ӯ ҳукм мекунад, ки даст ба кори ҳеҷ амал ва иқдоме нашавад, магар ин, ки фоида ё зарари онро ҳисоб кунад, дар ин сурат аз касе, ки ҷуз ба ҳамин нафъ ва зарари дунявӣ назаре дорад, чӣ гуна метавон умедвор буд, ки ба амали солеҳе иқдом кунад, ки дар ин дунё умеди фоидае аз он надошта бошад, ё аз амали зишт ва норавое, ки дар ин дунё ба ӯ зараре надошта бошад, иҷтиноб намояд?

Локин он касе, ки ба зоҳири корҳо эътиное надорад ва назараш мутаваҷҷеҳи натоиҷи корҳост, нафъ ё зарари ин ҷаҳонро амри оризӣ меангорад ва ҳақро бар ботил ва хайрро бар шар тарҷеҳ медиҳад , зеро назари ӯ ба фоида ё зарари абадии он аст, гӯё ин, ки анҷоми амали хайр, мусталзами бузургтарин зиёнҳо  ва иртикоби амали зишт, бузургтарин фоидаҳоро дар бар дошта бошад.

Ҳоло шумо фарқи **калон ва** тафовути беандоза байни ин ду шахсро дар назар бигиред ва бисанҷед...

Хайр ё некӣ дар назари шахси аввал ҳамонест, ки нафъаш дар ҳамин зиндагонии фонӣ ба даст ояд, мисли ин, ки сарватеро таҳсил кунад, ё заминеро молик шавад, ё мансаберо сарафроз шавад, ё дар миёни мардум ба як номе машҳур гардад ва ё ба лаззату масаррате бирасад, ки миқдоре аз хостаҳои нафсонии ӯро таъмин кунад ва ба ҳамин тавр шар ё бадӣ дар назари ӯ чизе аст, ки дар ҳамин дунё барои ӯ эҷоди нороҳатӣ кунад ва ё ин, ки аз натиҷаи он битарсад, монанди нақс дар амвол ва нуфусу меваҳо ё инҳироф дар сиҳат ё бадном шудан дар миёни мардум ё муҷозоти давлат ё ҳузну андӯҳ ва дилтангиву ногуворӣ дар баробари ин.

Хайр ё некӣ дар назари шахси дуввум он чизе аст, ки Худоро ба хашм оварад ва шар он чизест Худоро ба хашм оварад. Ва дар ҳол чунин шахсе, хайру некиро хайр медонад, агар чӣ дар ин дунё барои ӯ суде надиҳад ва ӯро ба зарару зиён мубтало созад, вале яқин дорад, ки Худо дар охират нафъи абадӣ ва сӯди ҷовидонӣ ба ӯ хоҳад дод. Ва низ ақида дорад ба ин, ки бадӣ дар ҳар ҳол бад аст, агар чӣ дар ин дунё аз зиштиву шумии он садамае ба ӯ нарасад ва навъи суде низ насиб гардаду ба таври "илмулқин" медонад, ки агар дар ин

дунё аз азоб ва муҷозоти корҳои зишташ наҷот ёбад, дар озхират роҳи фароре нахоҳад дошт.

Ба муҷиби ин ду масири мухталиф, инсон яке аз ду роҳро дар зиндагии худаш ихтиёр мекунад, ба ин тавзеҳ ки он касе, ки ба охират имон наоварад мумкин нест, ки ӯ як қадам дар роҳи Ислом бардорад, зеро вақте, ки Ислом ба ӯ бигӯяд: "Ба хотири ризои Худо закоти молатро ба бенавоён ва дар мондагон бидеҳ", хоҳад гуфт: закот аз дороии ман мекоҳад, беҳтар ин аст, ки ба ҷои додани закот, "**рибо**" бигирам ва хилофи касоне, ки аз ман қарз мегиранд, ба маҳкама арзи ҳол хоҳам дод ва ҳамин, ки ҳукми маҳкама ба нафъи ман содир шуд, хона ва дороии асоси байти ононро мусодара хоҳам кард. Ва ҳангоме, ки Ислом ба ӯ бигӯяд "ростгӯ бош ва аз зур гӯйи дурӯғ бипарҳез, агар чӣ дар ростгӯи бузургтарин зарарҳо ва дар дурӯғ бузургтарин манфиъатҳо бошад" хоҳад гуфт: Агар ростгӯй барои ман зарар дошта бошад, чаро рост бигӯям? Ва агар зур гӯйи ё дурӯғ гӯйи барои ман фоида дашта бошад ва маро дар он хавфи бадноми ҳам набошад, чаро аз он парҳез кунам?

Шахсе аз роҳгузари ғайри обод убур мекунад ва чизи гаронбаҳоеро мебинад, Ислом ба ӯ мегӯяд: "Ин чизеро, ки ёфтаи, моли ту нест, ҳаргиз магир", вале ӯ мегӯяд: Чаро ин чизеро, ки бемуқаддима ва бидуни ранҷу заҳмат ба даст овардаам ва пуле барои он надодаам, аз даст бидиҳам? Касе ҳам нест, ки маро бубинад ва посбони кунад, ё дар маҳкама шаҳодат бидиҳад, ё маро дар миёни мардум бадном кунад, дар ин сурат чаро аз он истифода накунам? Ва онро дар роҳи маслиҳати худ масраф накунам?

Касе амонатеро ба ӯ месупораду сипас мемирад, Ислом ба ӯ мегӯяд: "дар моли дӯстат хиёнат макун, амонаташро ба хонаводааш таслим кун", локин ӯ мегӯяд: Чаро ин корро бикунам? оё шоҳиде вуҷуд дорад бар ин, ки фалон марди мурда, амонате ба ман супурда аст? Ва оё ворисони ӯ аз чунин амонате хабар доранд? Дар сурате, ки бо камоли суҳулат барои ман имкон дорад, ки ин молро бихурам ва касе нест, ки маро ба маҳкама ҷалб кунад ва бадномӣ ҳам барои ман бабор

нахоҳад овард, пас агар ин амонатро ба соҳибонаш бирасонам сафоҳат ва беақлӣ хоҳад буд.

Хулосаи гуфтор ин, ки Ислом ӯро дар ҳар гоме аз гомҳо ва дар ҳар марҳалае аз мароҳили зиндагӣ ба сайр дар хати мустақим иршод мекунад, вале ӯ хилофварзӣ мекунад ва ҷуз роҳе, ки мутобиқи ҳаво ва ҳавасаш бошад, ҳеҷ роҳи дигареро интихоб намекунад, зеро арзиши ҳар чизе дар Ислом тобеъи натоиҷи абадӣ дар охират аст, вале назари чунон касе аз таваҷҷӯҳ ба натоиҷи ҳосила дар ин дунё, таҷовуз намекунад.

Аз инҷо аст, ки мефаҳмем ба чӣ далел барои инсон мумкин нест, бидуни ақида ба охират, мусалмон бошад, балки ҳақ ин аст, ки бигӯем: Инкор кардани ҳаёти охират, яъне зиндагӣ дар ҷаҳони дигар, инсонро аз дараҷаи инсоният ба пастарин дараҷоти ҳайвоният, суқут медиҳад, чӣ расад ба ин, ки мусалмон бошад!

## Ростӣ ва дурустии ақида ба охират

Ақида ба охират ва эҳтиёҷи инсон ба он ва фоидаи онро донистед. Инак ба таври ихтисор барои шумо тавзеҳ медиҳам, ки ақидаи марбут ба охиратро тавре, ки Расули акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам) баён фармуда, ба ҳукми ақл низ, ҳақ асту дуруст ва ин ақида ҳарчанд ношӣ аз имон аст, ки ба Паёмбари Худо (салаллоҳу алайҳи ва саллам) дорем ва он чиро овардааст дуруст медонем ва дар ин бора мадор бар ақл нест, локин агар қадре фикрамонро ба кор андозем, ташхис медиҳем, ки дар боби охират ин ақида аз ҳар ҷиҳат наздик ба ақл аст, ба далели ин, ки дар дунё роҷеъ ба охират ва зиндагони дар он ҷаҳон ,се ақида вуҷуд дорад:

1. Гурӯҳе мегӯяд: Зиндагӣ ҷуз ҳамин ҳаёти дунё нест. Зинда мешавем ва мемирем ва дигар баъд аз марг ҳаёте даркор нест. Албатта ин ақидаи мулҳидон, яъне касоне, ки ба номи уламои улуми табиъи (scientist) шинохта мешавандя, аст.

2. Ҷамъи дигар мегӯяд. Барои ин, ки инсон ба сазои аъмолаш бирасад, дар ҳамин дунё чанд бор мемирад, ба ин маъно, ки агар корҳояш дар давраи зиндагонии аввал зишт

бошад, дар давраи дуввум ба шакли яке аз ҳайвонот дархоҳад омад, монанди саг ё гурба. Ё ин, ки ба сурати дарахте дар хоҳад омад, ё ба шакли яке аз ҳақиртарин ва пасттарин афроди башар, вале агар корҳои хуб анҷом дода бошад, тараққӣ хоҳад кард ва дараҷаи болотареро хуруҷ хоҳад кард. Бадеҳист касоне, ки тарафдори чунин ақидае ҳастанд, фикри диниашон норасо ва хом аст.

3. Ҷамъияати саввум касоне ҳастанд, ки ба рӯзи охират ва ҳашр ва ба ҳозир шудан дар пешгоҳи Худо ва муҷозоти инсон барои корҳое, ки карда, имон доранд. Ин ақидаест, ки паёмбарон (алайҳимусалом) ҳама онро таблиғ кардаанд.

Инак нигоҳи кӯтоҳе ба ин ақоиди сегона меандозему мегӯем; Ҳарферо, ки гурӯҳи аввал бар забон меронанд ва дар исботи ақидаашон бар он эътимод мекунанд, ин аст, ки мегӯянд: то кунун инсонеро надидаем, ки пас аз мурдан ду бора зинда шуда бошад, балки хок ҳамаро мехӯрад ва баъд аз вафот ҳамаро нобуд мекунад. Ва аз ҳамин ҷо медонем, ки зиндагӣ баъд аз марг нест.

Бояд пурсид: Оё чунин далеле ҳуҷҷат шуморида мешавад? Агар ҳеҷ касро надидаед, ки пас аз марг зинда шавад, охирин ҳарфе, ки дар ин замина метавон гуфт, ҷуз ин нест, ки баъд аз марг намедонем чӣ хоҳад пеш омад, вале даъваои шумо доир бар ин, ки медонед пас аз марг ҳаёте нест, ҳарфест, ки далеле барои он надоред! Фалон марди деҳотие, ки ҳавопайморо надида, мумкин аст бигӯяд: ман намедонам ҳавопаймо чист? Вале агар бигӯяд: ман медонам, ки дар ин ҷаҳон чизе, ки ба номи ҳавопаймо маъруф шуда бошад, вуҷуд надорад, ҳамаи мардум ӯро аҳмақ хоҳанд донист, зеро маънои надидани чизи муъаян он нест, ки аслан чунон чизе вуҷуд надорад, балки агар мардуми саросари ҷаҳон бигӯянд, ки чунон чизеро ба он ному нишон надидаанд, ба ин ҳол ҷоиз нест даъвокунанда, ки чунон чизе аслан вуҷуд надорад ё бигӯянд: Имкон надорад, ки чунон чизе вуҷуд дошта бошад!

Аммо ақидаи дуввум, ки мегӯяд: Башаре, ки дар зиндагии феълӣ, инсон дида мешавад, ба хотири он аст, ки дар давраи

зиндагии собиқ, ки ҳайвон буда, корҳои хуберо анҷом дода аст ва ҳайвон аз он хотир дар зиндагии феълӣ ҳайвон аст, ки дар давраи зиндагии собиқ, ки инсон буд, корҳои бадеро анҷом дода ва ба иборати дигар ин, ки инсон, инсон аст ва ҳайвон ҳайвон аст ва дарахт, дарахт аст. Натиҷаи корҳои хуб ё корҳои бади даврони зиндагии гузаштаи ӯст ва бадинтариқ маргу зиндагӣ дар ин дунё пушти сари ҳам дар ҷараён аст!.

Пурсише, ки дар ин бора пеш меояд инаст ки: "Дар оғози амр чӣ чизе вуҷуд дошта аст?" Агар бигӯед: "инсон", ба ночор бояд гуфт: ин инсон қабл аз инсон шудан, ҳайвон ё дарахте будааст ва гарна, ба поси чӣ амали солеҳе дар қолаби инсон рехта шудааст.

Ва агар бигӯед: пеш аз он ки ба сурати инсон дарояд "ҳайвон ё дарахт буда", боз ногузиред бигӯед: Қабл аз он инсон буда ва гарна пас он корҳои зиштеро, ки муртакиб шуда ва ба муҷозоти он, дар қолаби ҳайвон ё дарахт даромада, чӣ буда аст?

Ҳақиқати амр ин аст, ки тарафдорони ин ақида наметавонанд оғози офариништро аз як табақаи муайяне шурӯъ кунанд, зеро ҳар табақае бояд масбуқ ба табақаи дигаре бошад то ин, ки табақаи дигар натиҷаи аъмоли табақаи собиқ шинохта шавад.

Ва ин вазъ мухолифи ақл аст ва ба ҳеҷ ваҷҳ бо ақл созгор нест.

Ҳоло ақидаи саввумро дар назар бигиред: Аввалин матлабе, ки дар ин ақида баён шуда, ин аст, ки: Худои мутаъол рӯзи муайянеро муқаррар дошта, ки ин ҷаҳон дар он рӯз ба поён бирасад ва Худо ин корхонаи худро дарҳам барҳам кард,а як корхонаи дигар, ки аълотар аз аввал бошад халқ кунад. Замину осмон ҳар як ба сурати дигаре дарояд, ҳеҷ оқиле дар ин мавзӯъ шаке надорад ва ҳар чӣ инсон дар бораи дастгоҳи ин ҷаҳон бештар фикр кунад , бештар бар маърифаташ хоҳад афзуд, ки ин ҷаҳон бақое надорад, зеро ҳамаи қувва ва абзору адавоте, ки дар ин дастгоҳ вуҷуд дорад, маҳдуд аст ва ба ночор ҳар маҳдуде рӯзе бояд нобуд шавад, ба ҳамин хотир аст, ки уламои улуми табиъат иҷмоъ доранд, ки ин хуршед рӯзе сард

хоҳад шуд ва нураш аз байн хоҳад рафт ва ин ситорагону сайёраҳо рӯзе бо якдигар бархӯрд хоҳанд дошт ва он вақт ин дунё нобуд хоҳад шуд.

Сипас дар зимни ҳамин ақида, чунин омада аст, ки ба инсон ҳаёти дигаре дода хоҳад шуд.

Оё чунин амре маҳол аст?

Агар гуфта шавад, бале маҳол! мегӯем: Ин зиндагии дунё, ки акнун инсон аз он бархурдор аст, чӣ гуна барои инсон омода шуда аст? Бидуни тардид он Худое, ки инсонро дар ин ҷаҳон офаридааст, албатта метавонад пас аз марг дубора ӯро халқ кунад.

Матлаби дигаре, ки дар хилоли ин ақида ба чашм мехӯрад, инаст, ки корҳои хуб ё баде, ки аз инсон содир шуда, ба сурати санад маҳфуз аст ва ба  рӯзи ҳашр арза хоҳад гашт. Ин матлабест, ки имрӯз дар дунё ҳам ба мушоҳада меояд.

Қаблан мардум гумон мекарданд, ки овозе, ки аз даҳонашон берун меояд, баъд аз чанде дар ҳаво махлут шуда, дар фазо фано мешавад. Вале ҳоло маълум шуд, ки ҳар як овоз асаре бар чизҳо гирду арофи худ мегузорад ва он дубора онро сабт ва эҳё кардан мумкин аст ва бар асоси ҳамин мабда инсон громуфунро эҷод кард ва аз инҷо маълум шуд, ки санади ҳар ҳаракате, ки аз мо содир мешавад, манқуш мешавад бар он ҳама чизҳое, ки ба онҳо тасодуми ин ҳаракат ба вуқӯъ меояд ва агар сурати ҳол чунин аст, ин амр яқинист, ки номаи аъмоли мо ба тамому камол маҳфуз аст ва мумкин аст дубора пешкаш карда шавад.

Дар зимни ин ақида матлаби чаҳорум чунин аст, ки "**Худо ба рӯзи ҳашр маҳкамаи инсоф қоим хоҳад кард ва ҳар амали неку бадро муҷозот хоҳад кард**". Касе, ки имкони ин матлаб инкор кунад, бояд пурсид, чӣ чизе дар он хилофи ақл аст? Ақл худ металабад, ки  Худованд маҳкамае барпо кунад то инсоф қоим шавад ва ба дурусти ва ростӣ тамоми ҳамаи умур файсала шавад. Мо мебинем, ки дар ин дунё як шахси муайян кори нек мекунад, вале ҳеҷ фоидаи аз он ба ӯ намерасад ва шахси дигаре кори бад мекунад, вале  ҳеҷ зараре ба ӯ дучор намешавад. Ҳатто мебинем ҳазорон амсоли ин чунин, ки

шахсе кори нек карду дучори зарару хасорат шуд ва шахси дигаре кори бадро муртакиб шуд ва ҳеҷ зараре ба ӯ нарасид. ҳар ақле дар чунин шароите ҳукм мекунад, ки лозиман ҷаҳоне бошад, ки он ҷо накукоронро ҷазои кори нек дода шавад ва бадкорон сазои кори бадро бичашанд.

Охирин мавзӯъи марбут ба ин ақида, вуҷуди биҳишту ҷаҳаннам аст. Дар ин бора низ бояд гуфт: вуҷуди ин ду маҳол нест, зеро Худои мутаъол, ки метавонад хуршеду моҳ ва мирриху заминро халқ кунад, чӣ гуна аз офаридани биҳишту ҷаҳаннам оҷиз бошад? Ва Худои мутаъол вақте, ки мардумро дар маҳкамаи адлаш ҷамъ мекунад, бар онон муҷозоти аъмоли неку бад медиҳад. Шоиста ва сазовор ин аст, ки ба касоне, ки подоши нек медиҳад, мақоми иззат ва каромату неъмат ва масаррат муқаррар кунад ва барои касоне, ки сазовори азобу шиканҷаанд мақоми хорию зиллат ва шиканҷаву андӯҳ ва дард муқаррар кунад.

Агар касе, ки дар ин заминаҳо фикр кунад, бидуни тардид хоҳад донист, ки аз миёни ҳамаи ақоиде, ки имрӯз дар дунё вуҷуд доранд, ин ақида, ки инсон баъд аз марг зинда мешавад, аз ҳар ҷиҳат ба ақл наздиктар аст ва дар ин ақида нуктае, ки мухолифи ақл ва ба вуҷуди он маҳол бошад, ба назар намерасад.

Илова бар ин вақте, ки чунин амре ба забони Муҳаммад (саллалоҳу алайҳи ва саллам), ки ростгӯӣ ва амонату ифофашро тасдиқ дорем, ба мо расида ва ин амр аз ҳар ҷиҳат ба хайруислоҳи мост, ақли мо ҳукм мекунад, ки бояд имон дошта бошем ва набояд бидуни далелу ҳуҷҷат дар он шакку тардид дошта бошем.

## Калимаи Тайбаҳ

Инҳо ақоиди панҷгонаест, ки бинои Ислом бар асоси он устувор шуда аст[9] ва ҳамаи ин маъони дар як калимае хулоса

[9]: Дар ин маврид панҷ матлабро ёдовар шудам, ки бояд ба он имон дошта бошем ва ин матолиб гирифташуда аз ояти воҳиде, ки иборат аз "لا إله إلا الله" ва "محمد رسول الله" бошад؟ ояти 285 аз сураи Бақара, ки Худои мутаъол фармудааст: "آمَنَ الرَّسُولُ بِمَا أُنزِلَ إِلَيْهِ مِنْ رَبِّهِ وَالْمُؤْمِنُونَ" ( البقرة ٢٨٥), яъне (Паёмбару мӯминон ба он чӣ Худо бар ӯ нозил карда имон овардаанд) ва ояти

шуда аст. Бинобарин вақте, ки гуфтед "لا إله إلا الله" ба бандагии Худои ягона иқрор кардаед ва соири Худоёни ботилро канор задаед. Ва ҳамчунин вақте,ки гуфтед:"محمد رسول الله" тасдиқ кардаед ба ин, ки Муҳаммад (саллалоҳу алайҳи ва саллам) Паёмбаре аст, ки Худо ӯро ба сӯи бандагонаш фиристода аст ва чизе, ки бо тасдиқи шумо ба рисолати муҳаммадӣ лозим мешавад, инаст, ки шумо ба он чӣ Муҳаммад (саллалоҳу алайҳи ва саллам) аз вуҷуди Худои мутаъол ва сифоти ӯ таълим гирифтед ва ба он чӣ аз фариштагону китобҳо ва Паёмбаронаш ва рӯзи охират баён карда, имон доред ва дар ҳамон роҳе сайр кунед, ки Муҳаммад (саллалоҳу ъалайҳи ва саллам) он роҳро ба шумо нишон дода ва амр карда аст, ки Худоро ба ҳамон тариқ ибодат кунед ва аҳкому авомири ӯро пайравӣ намоед.

---

136 аз сураи Нисо, ки фармудааст "وَمَنْ يَكْفُرْ بِاللَّهِ وَمَلائِكَتِهِ وَكُتُبِهِ وَرُسُلِهِ وَالْيَوْمِ الآخِرِ" (النساء ١٣٦), яъне «Ҳар кас ба Худо ва ба фариштагони ӯ ва ба китобҳояш ва ба фиристодагонаш ва ба рӯзи охир кофир шавад...» ва бидуни тардид дар ҳадиси Паёмбар "...و القدر خيره و شره"ро ҳам дар имониёт шомил дошта шуда аст ва бадин тавр теъдоди ақоиди бунёдӣ ба адади шаш мерасад, вале ҳақиқати амр ин аст, ки имон ба "тақдир" чизе нест, ки мустақил бошад, балки ҷузъе аст, аз аҷзои имон ба Худо ва бадин муносибат Қуръони карим онро дар зимни баёни тавҳид, зикр фармуда ва ба ҳамин ҷиҳат онро зимни шарҳе, ки барои калимаи "لا إله إلا الله" овардаам, зикр кардаам. Ва ҳамчунин зикри биҳишту ҷаҳаннам ва оташу сирот ва мизон дар баъзе аҳодис, мустақил аз умури дигаре, ки имон ба он воҷиб аст, омадааст. Ва дар воқеъ ин маъони низ аҷзое ҳастанд, аз имон ба охират.

# Фасли панҷум
# Ибодот
## Маънои ибодат. Намоз. Рӯза. Закот. Ҳаҷ. Ҳимоят аз Ислом.

Дар фасли гузашта тавзеҳ додем, ки Паёмбар, Муҳаммад (салаллоҳу алйҳи ва саллам) ба мо амр фармудааст, ки ба панҷ матолиби зер имон дошта бошем:

1. Ба Худои мутаъол, ки шарике надорад.
2. Ба фариштагони Худо.
3. Ба китобҳои Худо, махсусан ба Қуръони карим.
4. Ба Паёмбарони Худо, ба вижа ба хотами Паёмбарон, Муҳаммад (салаллоҳу ъалйҳи ва саллам) .
5. Ба ҳаёти охират, яъне зиндагӣ дар ҷаҳони дигар.

Ин панҷ чиз, бунёди Ислом шумурда мешаванд. Шумо вақте, ки ба ин умури панҷгона имон дошта бошед, дар зумраи мусалмонон ворид шуда ва фарде аз афроди онон шинохта мешавед, вале бо инҳол исломи шумо комил нахоҳад буд, зеро исломи шахс комил намешавад магар ин, ки аҳком ва авомиреро, ки Муҳаммад (салаллоҳу алйҳи ва саллам) аз назди Худо оварда, итоат кунад. Ногуфта намонад, ки имони шумо ба чизе, лозим мешавад, то аз он чиз итоат кунед ва итоати баъд аз имон, Ислом аст.

Шумо иқрор кардаед, ки "**Аллоҳ**" ба танҳои Худои шумо аст. Маънои он ин аст, ки Худо оқои шумо ва шумо бандаи ӯ ҳастед ва Худо молику соҳиб ва амркунандаву наҳйкунандаи шумо аст ва шумо мутеъи амру наҳйи ӯ ҳастед ва шумо ҳудудеро, ки ӯ муқаррар дошта, риъоят мекунед. Вале агар баъд аз ин иқрор боз саркашӣ кардед, ба муҷиби иқроре, ки қаблан кардаед, бар оқои худатон хуруҷ кардаед. Сипас иқрор кардаед ба ин, ки Қуръон китоби Худо аст ва маънои он ин аст, ки эътироф кардаед ба ин, ки он чӣ ин китоб оварда, аз тарафи Худо асту ҳақ. Пас ҳамин эътирофи шумо муҷиби он мешавад, ки дар ҳар амре аз ӯ амри Қуръон ва дар ҳар наҳйе

аз навоҳии он, мутеъ ва фармонбардор бошед. Баъд аз он, эътироф кардаед, ки Муҳаммад (салаллоҳу алайҳи ва саллам) фиристодаи Худост. Маънои ин эътироф ин аст, ки ба он чӣ Паёмбар (салаллоҳу алайҳи ва саллам) амр карда ва аз он чӣ наҳй карда, аз тарафи Худо омада ва ин тасдиқу эътироф муҷиби итоати шумо аз Паёмбар (салаллоҳу алайҳи ва саллам) мешавад, ба ин хотир модоме, ки амали шумо мувофиқи имони шумо набошад, ҳеҷ вақт **Ислом**и шумо комил нахоҳад буд, вагарна ҳар қадар имони шумо бо амали шумо фарқ дошта бошад, ба ҳамон андоза имони шумо ба Худо ноқис ва ғайри комил хоҳад буд.

Ҳоло ба шарҳу тафсили тариқа ва равише, ки Паёмбар, Муҳаммад (салаллоҳу алайҳи ва саллам) амр фармуда ва дӯстур дода, ки ҳаёти худро мувофиқи ризои Худо баргузор кунем, мепардозем ва мегӯем. Аввалин матлаб дар ин боб, ибодоти мактуба, яъне ибодатҳое, ки муқарраршуда ва рӯи коғаз омада, мебошад.

### Маънои ибодат

Маъно ва ҳақиқати ибодат, бандагист. Ту банда ва Худо маъбуди туст. Пас он чиро, ки банда дар роҳи итоати маъбудаш анҷом диҳад, ибодат аст. Масалан вақте, ки бо мардум ҳарф мезанед, агар аз дурӯғгӯӣ ва ғайбат ва фаҳшу таҳқири дигарон, ба далели ин, ки Худо наҳй карда, худдорӣ кунед ва ростгӯи ва адл ва хайру некхоҳиро, ба далели ин, ки Худо ин равишро дӯст медорад, риъоят кунед, ин каломи шумо ба ҳисоби ибодати Худои мутаъол маҳсуб мешавад, агар чӣ ҳамаи ин корҳо марбут ба шуъуни дунёи шумо бошад. Ҳамчунин дар муъомила ва доду гирифт бо мардум, чӣ харидор бошед ва ё фурӯшанда ва дар муъошират бо падару модар ва бародарону хоҳарон ва муҷолисат бо дӯстону хешовандон, вақте, ки аҳкому қавонини парвардигоратонро муроъот кунед ва ҳаққи ҳар соҳиби ҳақро адо кунед, ба далели ин, ки Худо ба шумо амр карда аст ва аз ҳаққи ҳеҷ кас чизе фурӯгузор накунед, ба далели ин, ки Худо чунин амр карда аст, чунон аст, ки саросари ҳаётатонро дар ибодати Худои

мутаъол сипарӣ кардаед. Ҳамчунин агар ба дармонда ва бенавое эҳсон кунед, ё ба мазлуме кӯмак кунед, ё ба гуруснае таоме бидиҳед, ё аз беморе иёдат кунед ва дар беҳбудияш бикӯшед ва дар тамоми ин маворид бидуни таваҷҷӯҳ ба ҷалби нафъ ё касби эҳтиром ё шӯҳрат, фақат ризои Худоро дар назар гирифта бошед, ҳамаи ин корҳо ба ҳисоби ибодати шумо гузошта хоҳад шуд.

Ва низ агар ба тиҷорат ё саноъат пардохтед, ё даст ба кори хидмати шадид ва бо камоли амонату ростӣ, ба манзури ҷалби ризои Худо, анҷоми вазифа кардед ва сипас саъй кардед рӯзии ҳалолро ба даст овардед ва аз таҳсили моли ҳаром иҷтиноб кардед, ин касбу кӯшиши шумо дар ин роҳ, ибодати Худои мутаъол шинохта хоҳад шуд, агар чӣ ин корҳоро ба манзури касби ризқу рӯзии худатон анҷом додаед.

Хулосаи гуфтор ин, ки тарси шумо аз Худои мутаъол дар ҳар вақте аз авқот ва дар ҳар шаъне аз шуъуни ҳаёт, бо дар назар гирифтани ризои Худои мутаъол ва пайравӣ аз қонуни Худо ва худдориӣи шумо аз ба даст овардани фоидае, ки хилофи ризои Худо хоҳад буд ва сабру истиқомати шумо дар баробари зараре, ки ба хотири тоъати Худо таҳаммул кардаед, ҳамаи ин, маъонӣ, ибодати Худои мутаъол шинохта мешавад ва зиндагии шумо бар ин минвол аз аввал то охир, ибодат маҳсуб мешавад. Ва ҳамчунин, хӯрдану нӯшидан ва хобу бедорӣ ва нишастану истодан ва роҳ рафтан ва калому сукути шумо, дар чунин ҳаёте ҷуз ибодат, чизи дигаре нест.

Инаст ибодат ва ин аст маънои ҳақиқии он ва мақсуди Ислом ҷуз ин нест, ки инсонро бандае қарор диҳад, то дар ҳар вақт Худоро бадин шаън ибодат кунад ва ба ин хотир аст, ки маҷмӯъае аз ибодатҳоро барои инсон фарз қарор дода, то ин, ки ӯро барои чунин ибодати бузурге омода созад, ба тавре, ки гӯё ин ҳама ибодатҳоеро, ки воҷиб шумурда, ҷуз ин набуда, ки ба масобаи тарбияте бошад барои ибодати бузурге, ки камоли матлуб, ё армони инсонист. Пас ҳар он кас, ки чунин тарбиятеро ба беҳтарин ваҷҳ фаро гирад, ибодати ҳақиқиро ба таври матлуб анҷом хоҳад дод ва ба ин хотир ин ибодатҳо дар Ислом фарзӣ ва айни вазифа шинохта шуда ва гуфта шуда аст,

ки ин ибодатҳо аркони дин аст, яъне пояҳоест, ки бинои дин рӯи он устувор аст ва ҳамон тавре, ки ҳеҷ биное ҷуз бар маҷмӯъае аз пояҳо наметавонад устувор бошад, бинои Ислом ҳаёти исломӣ низ, ҷуз бар асоси ин пояҳо наметавонад пойдору устувор бимонад. Пас ҳар он кас, ки ин пояҳоро тахриб кунад, мисли он аст, ки бинои Исломро тахриб кардааст.

## Намоз

Рукн ё пояи аввали Ислом, намоз аст. Дар ҳақиқат намоз ҷуз ин нест, ки дар шабона рӯз панҷ бор зикри он чиро, ки қаблан ба он имон овардаед ба василаи забон ва аъмоле, ки ба ҷой меоваред, такрор кунед ва ба хотир биёваред, ки чӣ вазоиферо бар ӯҳда гирифтаед.

Ҳар субҳ, ки бедор мешавед, қабл аз он, ки ба коре бипардозед, бо бадани поку покиза, назди парвардигоратон ҳозир мешавед ва сипас чӣ истода ё нишаста, чӣ дар ҳоли рукӯъ ё дар ҳоли суҷуд, назди Худои мутаъол ба бандагии худатон иқрор мекунед ва аз ӯ ёрӣ металабед ва ҳидояту роҳнамоӣ мехоҳед ва аҳду паймони тоъату бандагии худатонро ба ризои ӯ таҷдид мекунед ва ҳар бор орзӯи худатонро дар расидан ба ӯ ва дур шудан аз хашму ғазаби ӯ, такрор мекунед ва дарси китоби ӯро такрор менамоед ва ба ростии рисолати паёмбари ӯ шаҳодат медиҳед ва он рӯзеро ба ёд меоваред, ки дар маҳкамаи ӯ ҳозир хоҳед шуд, то аз корҳое, ки кардаед аз шумо бипурсанд ва подошеро, ки мустаҳиқи он бошед, ба шумо бидиҳанд. Бо ин амал рӯзатонро шуруъ мекунед, сипас ҳамин, ки машғули коре шудед ва таи чанд соат коратонро анҷом додед, сипас муаззин ба шумо эълон мекунад, ки биёед ва боз Худоро баёд оваред ва якбори дигар дарсатонро такрор кунед, ки мабодо онро фаромӯш карда ва ғофил бимонед. Онгоҳ аз ҷое, ки ҳастед, бармехезед ва пас аз он, ки имонатонро таҷдид кардед, дубора ба корҳои дунё машғул мешавед. Сипас барои мартабаи саввум, пас аз чанд соат, муаззин шуморо барои намози аср даъват мекунад. Ва шумо имонатонро тоза мекунед. Ҳамин, ки рӯз ба поён ёфт ва

шаб фаро расид, аз ибодате, ки шумо субҳи худро оғоз карда будед, шабро ҳам аз ҳамон ибодат оғоз мекунед ва намози мағриб мехонед. Барои ин, ки дар шаб ҳам дарсатонро фаромӯш накунед  ва онро фаромӯш карда бероҳ нашавед, баъди чандин соат намози ишо омад ва вақти хобидани шумо фаро расид, барои охирин бор соири таълимоти имон ба ёдатон тоза карда шуд, зеро ин вақти сукун ва итминон аст. Агар дар тӯли рӯз бо ғавғои кору ғавғои маъош таваҷҷӯҳи томро роҳ надодаед, акнун бо итминон дарсатонро таваҷҷӯҳ кунед.

Тааммул бикунед намоз танҳо омилест, ки пайваста асоси исломии шуморо ҳар рӯз панҷ бор тақвият медиҳад ва шуморо барои ибодати ҳақиқии пурдоманае, ки ахиран баён кардем, омода месозад ва боз ҳамон омил аст, ки шуморо ҳамеша ба ақоъиде, ки таҳорати нафс ва иртиқои рӯҳ ва ислоҳи ахлоқу аъмолатон мунҳасир дар он  аст, мутазаккир мешавад.

Оё ҳеҷ вақт фикр кардаед, чаро дар вузӯ ҳамон тариқи хосеро, ки Муҳаммад (салаллоҳу алайҳи ва саллам) ба шумо дастур додааст, пайравӣ мекунед? Ва чаро дар намоз ҳамон калимоти муайяну махсусеро, ки Муҳаммад (салаллоҳу алайҳи ва саллам) ба шумо таълим додааст, мехонед? Оё ҷуз ин аст, ки тоъати Паёмбар (салаллоҳу алайҳи ва саллам) ро бар худатон воҷиб медонед? Ва чаро Қуръонро, ки чун мехонед амдан иштибоҳ намекунед? Оё иллати он ғайр аз ин аст, ки шумо яқин доред ба ин, ки Қуръон китоби Худо аст? Агар дар намозатон калимоте ғайр аз калимотеро, ки Паёмбар (салаллоҳу алайҳи ва саллам) таълим дода бихонед, ё аслан он калимотро нахонед ва ҳеҷ башаре ҳам назди шумо набошад, ки гӯш бидиҳад чӣ мехонед, ё чӣ намехонед, аз кӣ метарсед? Оё на ин аст, ки медонед, Худо мешунавад ва медонед ҳангоме, ки он калимотро ба таври ниҳонӣ низ мехонед Худо медонад? Аз ҳар ҳаракати ниҳонӣ ва пӯшида аз мо дар илми Худо аст.

Чӣ омиле дар танҳоӣ шуморо аз хоб бедор мекунад ва ба намоз водор месозад, дар ҳоле, ки ҳеҷ кас шуморо намебинад?. Оё ғайр аз эътиқоди шумо ба ин, ки Худо шуморо мебинад,

омили дигаре дар кор аст? Ва боз чӣ омиле шуморо водор мекунад, то вақте, ки мавқеи намоз фаро мерасад, даст аз коратон бикашед ва барои намоз бишитобед? Оё ҷуз ин аст, ки эҳсос мекунед, ки Худо ин намозро бар шумо воҷиб карда аст? Чӣ чиз дар субҳи замистон ва вақти зуҳри тобистон ва вақти бозӣ ва тафреҳу тараб ва тафриҳоти шаб, шуморо водор месозад, ки дар вақташ намозатонро бихонед? Оё ин амал ношӣ аз эҳсоси вазифашиносии шумо нест? Ва онгоҳ агар намоз нахонед, ё ин, ки дар намозатон иштибоҳ кунед, аз кӣ метарсед? Оё иллати он ғайр аз ин аст, ки аз Худо метарсед ва медонед, ки рӯзи қиёмат ба ӯ руҷӯъ хоҳед кард ва дар маҳзари ӯ бапо хоҳед хост?

Бо таваҷҷӯҳ ба ин маъони мегӯем: Шуморо ба Худо қасам, оё мумкин аст дар дунё василаи тарбиятии беҳтар аз намоз вуҷуд дошта бошад, ки инсонро мусалмони ҳақиқӣ бигардонад? Ва оё барои мусалмон, чӣ тарбияте аз он беҳтар бошад, ки дар шабонарӯз чандин бор зикри Худои мутаъол ва тарс аз ӯ ва яқин ба хабиру басир буданаш ва низ эътиқоди ҳозирияш дар маҳкамаи Худоро, тоза кунад ва дар шабонарӯз чандин бор пайравӣ аз Расули акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам)ро ба таври  лозим ба кор барад ва аз субҳ то шаб баъди ҳар чанд соат ин вазифаро пайдарпай анҷом медиҳад ва такрор мекунад.

Албатта аз чунин инсоне баъд аз хориҷ шудан аз масҷид ва машғул шудан ба умури маъош, ин умед аст, ки аз Худо битарсад ва қонуни Худоро иҷро кунад ва ҳар вақт шайтон ӯро ба амали хатое таҳрик кунад ва дилашро бо фикри хатое зинат диҳад, мутазаккир хоҳад буд, ки Худо нозири ӯст ва ҳеҷ амре аз умур бар ӯ пушида нест. Аммо агар касе пайдо шавад, ки баъд аз ин тарбияти олӣ аз Худо натарсад ва аз маъсияту мухолафати аҳкоми ӯ худдорӣ накунад, шакке нест, ки дар асли тарбияти ӯ иллате бошад, балки иллати он ҷуз ин нест, ки дар ниҳод ва тарбияти чунин касе фасоду палидӣ ва шарорат реша давонидааст.

Илова ба он чӣ гуфта шуд, Худои мутаъол таъкиди шадид фармуда, ки мусалмонон фаризаи намозро ба ҷамоъат анҷом

диҳанд ва ба хусус муқаррар фармуда, ки намози ҷумъаро ҳар ҳафта ба сурати муъайян ва шакли хосе бихонанд.

Намози ҷамоъат дар миёни мусалмонон эҷоди ягонагӣ ва муҳаббату бародарӣ мекунад ва аз ҳамаи афрод “**тӯдаи мутарокиму фишурда**” ба вуҷуд меоварад, зеро вақте, ки ҳама дастаҷамъӣ дар баробари Худо қунут мехонанд ва суҷуд мекунанд ва ба рукуъ мераванд, дилҳояшон ба якдигар наздик мешаванд ва ин эҳсос дар онҳо бедор мешавад, ки ҳама бародаранд. Сипас ҳамин намози ҷамоъат ин хосиятро дорад, ки мусалмононро бар итоат фармонравое, ки миёни худ интихоб кунанд, муҷаҳҳазу омода месозад ва онҳоро барои риояти назму тартиб ва муҳофизат дар авқот, тарбият мекунад ва аз ҳамин ҳиси ҳамдардӣ ва эътилофу унс ва ҳамкорию баробарӣ ва ягонагӣ ба вуҷуд меоварад. Мулоҳиза мекунед, ки ҳамаи афрод чӣ доро ва чӣ фақир ва чӣ сағиру чӣ кабир, чӣ болотарин фард ва чӣ нозилтарин фард, паҳлӯ ба паҳлӯи якдигар меистанд. Онгоҳ дигар на ашрофӣ вуҷуд дорад ав на ғайри ашрофӣ ва на баландӣ ва на пастӣ.

Инҳо қисмати мухтасарест аз манофее, ки намоз барои шумо дарбар дорад, на барои Худои шумо ва Худои мутаъол низ намозро фақат барои масолеҳи худатон воҷиб карда аст ва ин, ки барои тарки намоз хашм мекунад, на аз ин хотир аст, ки ба ӯ зараре ворид мешавад, балки аз он хотир аст, ки шумо бар худ зулм мекунед.

Бубинед! Худои мутаъол ба василаи намоз чӣ неруи азиме ба шумо ато мекунад. Аммо бо ин ҳол шумо аз он гурезонед! чӣ қадар шармовараст. Шумо ба забони худатон улуҳияти Худо ва тоати Пайғамбар (салаллоҳу алайҳи ва саллам) ва масулияти охиратро иқрор мекунед, вале ҳаракати амалии шумо чунин бошад, ки бузургтарин фариза, вазифаеро, ки бар ӯҳдаи шумо қарор дода, анҷом намедиҳед! Ин амали шумо ду сурат дорад; ё ин аст, ки қабул надоред, ки намоз аз тарафи Худо воҷиб шинохта шудааст ва ё ин, ки бо вуҷуди фарз будани он аз тарафи Худо, шумо аз адои он рӯ мегардонед. Агар мункири воҷиб будани намоз бошед, пас Қуръон ва Пайғамбар (салаллоҳу алайҳи ва саллам)ро такзиб мекунед!

Дар ин сурат даъвои имон дар шумо дуруғ аст. Вале агар бо иқрор ба ин, ки намоз фаризаест ва воҷиб ва аз адои он сар мепечед, ҳамин қадар кофист, ки эътиқоди мардум бо амонати шумо аз дилҳо биравад ва ҳама бигуянд: шумо, ки дар адои фариза ва вазифаи Худоӣ хиёнат мекунед, аз шумо чӣ умеде аст, ки дар ҳуқуқу амонатҳои мардум хиёнат накунед?

## Рӯза

Рукни дуввуми аркони Ислом рӯза аст. Шумо аз рӯза ва натоиҷи он чӣ медонед? Дарсеро, ки панҷ маротиба намоз дар шабонарӯз ба шумо ёдоварӣ мекунад, рӯза дар ҳар дақиқа ва ҳар вақте барои мудати якмоҳ дар ҳар соли комил, ба шумо ёдоварӣ мекунад.

Ҳамин, ки моҳи Рамазон фаро мерасад, шумо аз тулуъи фаҷр то шаб, на чизе мухуред ва на менушед. Шабона ҳамин, ки машғули хурдану нушидан будед, ба ногоҳ субҳи содиқ тулуъ кард ва садои муаззин ба гуши шумо расид! Бо шунидани садои муаззин як якбора даст аз хурдану нушидан кашидед, сипас ҳар навъ ғазои лазиз ва шарбати гувороеро ки ба шумо бидиҳанд, ҳарчӣ гурусна ё ташна бошед, то ҳангоми шаб фаро расад, нахоҳед хурд ва нахоҳед нӯшид.

Шумо аз хурдану нушидан на фақат дар анзори мардум худдорӣ мекунед, балки дар танҳои низ, ки ҳеҷ кас шуморо намебинад, аз хурдану нушидан худдорӣ мекунед.

Боре ҳам дар тули ин соатҳо – аз тулуъи фаҷр то мағриб-на як қатра об менушед ва на як луқма таъом мехуред.

Лекин, ин худдорӣ аз хурдану нушидан маҳдуд ба вақти муъаяанест, зеро ба тавре, ки медонед пас аз расидани вақти мағриб бо шунидани садои азони муаззин, фавран ифтор мекунед ва дигар дар тули шаб ҳар чӣ бихоҳед, мехуреду менушед.

Фикр кунед чаро ин корро мекунед?

Бидуни шаку тардид, аз тарси Худои мутаъол ва бо яқин ба ин, ки Худо донову бино ва имон ба рӯзи охир ва ҳузур дар

маҳкамаи Худовандӣ ва тоъати шадиди Қуръон ва пайғамбар ва эҳсоси қавии вазифашиносӣ ва варзидагӣ дар сабру истиқомат ва қудрати ғалаба бар шаҳватҳои нафсонӣ муҷиби ин амал асту бас.

Соле якбор моҳи Рамазон ба суроғи шумо меояд, барои ин, ки сӣ рӯз тамоми шуморо бо ин сифоту ахлоқи олӣ тарбият кунад, то ин, ки ҳаққан мусулмони комиле бошед. Ва ба даст овардани чунин сифоту ахлоқ метавонад шуморо лоиқи қиём ба ибодати ҳақиқӣ намояд. мақсад аз ибодати ҳақиқӣ анҷоми ҳамон воҷиботу вазоифест, ки мусулмон бояд дар ҳар лаҳзае аз лаҳзаҳои ҳаёташ онро анҷом диҳад, на фақат дар моҳи муайян ва соати муайян.

Имтиёзи дигаре, ки моҳи Рамазон дорад ин аст, ки Худои мутаъол рӯзаи ин моҳро бар ҳама воҷиб фармуда, ки ҳама дастаҷамъӣ, на мутафарриқу чудо аз як дигар рӯза бигиранд ва ин амал низ фоидаҳои бисёре дарбар дорад, зеро ҳамин, ки моҳи Рамазон меояд, саросар муҳити иҷтимоъии исломиро таҳорату назофат ва имону тарс аз Худо ва итоъат аз аҳкоми Худо ва хушахлоқӣ ва некрафторӣ фаро мегирад ва бозори мункарот касоду беравнақ мешавад ва интишори хайроту ҳасанот умумият пайдо мекунад ва бандагони некӯкор ба корҳои хайру эҳсон ва некӯкорӣ мепардозанд ва ба якдигар кӯмак мекунанд. Бадкорон аз иртикоби мункарот дар хиҷолат мешаванд ва дар дороёну сарватмандон отифаи мусоидату кӯмак нисбат ба бародарони бенаво ва дармондагонашон бедор мешавад ва дороишонро дар роҳи Худо инфоқ мекунанд ва билохира ҳамаи мусалмонон дар як вазъ қарор мегиранд ва хулосаи калом ин, ки ин вазъи як навохт дар миёни мусалмонон эҳсоси муштараке эҷод мекунад ва ин эҳсоси муштарак ба сурати афкори умум дармеояд ва ҳама эътироф мекунанд, ки мусалмонон ҷамияти якпорча ҳастанд ва ҳамин маъонӣ василаи муассиру қотеъе мешавад, то дар миёни мусалмонон отифаи дӯстӣ ва муҳаббату бародарӣ ва ҳамдардию ҳамкорӣ ва ягонагӣ ба вуҷуд ояд.

Ногуфта намонад, ки бозгашти ҳамаи ин фоидаҳо ба худи мост ва гурусна нигоҳ доштани мо барои Худо абадан фоидае

надорад ва Худои мутаъол аз воҷиб қарор додани рӯзаи моҳи муборакИ Рамазон, ҷуз маслиҳати худи мо, манзури дигаре надошта аст, дар ин сурат касоне, ки бидуни сабаб ва бидуни узри шаръӣ ин фаризаро ба ҷо намеоваранд, фақат бар худ зулм мекунанд. Ва боз бешармтару палидтар аз чунин касоне, ашхосе ҳастанд, ки бо камоли беҳаёӣ бидуни ин, ки барои худашон қадру қимате қоил шаванд, дар гушаву каноре ошкоро рӯза мехуранд, гӯё ин ашхоси беҳаё касоне ҳастанд, ки бо камоли бепарвоӣ эълон мекунанд, ки ҷузъи ҷамъияти мусалмонон нестанд ва ба аҳкоми дини **Ислом** эътиное надоранд ва ба забони ҳол мегуянд, мо касони бебок ҳастем, ки Худое, ки ба ӯ имон овардаем, аз тоъаташ ошкор ругардонӣ кунем.

Тааммул бикунед касоне, ки хуруҷ аз миллати худро осон пиндоранд ва аз бағоват ба хилофи офаринанда ва ризқдиҳандаи худ, ҳеҷ шарме маҳсус накунанд ва касоне, ки аз мухолифат ба қонуни пешвои бузург ва раҳбари муъаззамашон боке надоранд, Аз чунин касоне чӣ ӯмед ва чӣ таваққуъе метавон дошт, ки риоят ап вафову амонат ап ахлоқ ва эҳсоси вазифашиноси кунанд ва ҳофиз ва нигаҳбони қонун бошанд?

## Закот

Рукни саввуми аркони Ислом "**Закот**" аст, ки Худои мутаъол бар ҳар фарде аз афроди мусалмон, ки доройяш ба ҳадди чиҳил риёл[10] бирасад ва як соли комил бар он бигзарад, воҷиб қарор дода ва амр фармудааст, ки закоташро- яъне, як риёл аз он чиҳил риёлро- ба яке аз фуқаро ё масокин ё дармондаи роҳ ё касоне, ки ӯмед меравад ба дини Ислом ҳидоят шаванд ё қарздорон ва ё дар роҳе аз роҳҳои Худои бирасонад.

[10]: Закот фақат дар риёл нест, балки дар зару сим ва моли тиҷорат ва дар чахорпоҳо низ воҷиб қарор дода шуда аст- миқдори закоти тамоми зикршуд аз кутуби фиқҳ маълум хоҳад шуд- мо маҳз баёни маслиҳату фавоиди закотро мақсуд дорем ва риёолро ба таври мисол зикр кардаем.

Бадин тариқ Худои мутаъол дар дороии сарватмандони мусалмон барои фуқаро миқдореро, ки иборат аз 2.5 фоиз ҳаст, ҳаққи маълум ва муъайян муқаррар фармуда аст[11] вале агар касе агар ба хоҳиши худ ба мизони болотаре инфоқ кунад, барои худаш беҳтар хоҳад буд ва аҷру подоши зиёдтаре хоҳад дошт.

Ин ҳақ бо саҳми муъайяну маълум ба Худои мутаъол намерасад ва Худо низ эҳтиёҷе ба он надорад, локин Худои мутаъол ба бандагонаш мегуяд: "Агар шумо ба хоҳиши худ, яъне бо ризои қалби ва довталабона ба номи ман ва барои ризои ман чизе аз дороитонро ба бародари муҳтоҷ ва бенавои худатон садақа кунед, мисли ин аст, ки ба ман додаед. Ман аз тарафи ӯ ба шумо дар иваз чандин баробар хоҳам дод, албатта ба шарте, ки бар он касе, ки чизе ба ӯ медиҳед, миннат нагузоред ва ӯро азият накунед ё таҳқираш нанамоед ва ё подошу ташаккуре аз ӯ нахоҳед. Ва низ бояд садақа кардани шумо ба сурате набошад ки мардум бидонанд ва дар бораи он бо якдигар гуфтугу кунанд ва аз шумо тамҷид намоянд ва шуморо ба як дигар нишон диҳанд ва ҳар гоҳ ин саҳмеро, ки фуқаро ва масокин, яъне бе навоёну дармондагон ва ниёзмандон дар дорои шумо доранд, ба онҳо бирасонед ва дилҳои худатонро аз ин фикрҳои ботил ва пиндорҳои паст пок кунед, Худо аз дороиҳои азими худаш ба шумо саҳму баҳрае хоҳад дод, ки тамом шуданӣ ва куҳна шуданӣ набошад!

Худои мутаъол ин закотро бар мо фарз қарор дода, ҳамон тавре, ки намозу рӯзаро воҷиб кардааст.

Закот рукни бузурге аз аркони Ислом аст, зеро мусалмононро маҳз ба хотири Худо ба сифоти фидокорӣ ва исор, яъне аз худгузаштагӣ ва бартари додани дигарон бар худ, музайян месозад ва худписандӣ ва худхоҳиву кутоҳназарӣ

[11]: Бояд донист, ки расули Худо (салаллоҳу алайҳи ва саллам) барои афроди хонадони худаш яъне барои содоту ҳошимиён закот хурданро ҳаром қарор дода аст- барои содоту бани Ҳошим адо кардани закоти муъайян воҷиб аст, вале қабул кардани моли закот барои худашон ҷоиз қарор надода касе ки хоҳад ки шахси нодор аз содоту бани Ҳошимро кӯмак кунад бояд ки ҳадия бидиҳад на ки садақа ва хайроту моли закот.

ва молпарастӣ ва аз ин қабил сифатҳои пастро аз дил мусалмон дур менамояд.

Ислом ба пайравони бахил ва ҳарис ва афроде, ки молро мепарастанд ва барои ба даст овардани он сару даст мешикананд, эҳтиёҷе надорад, зеро аз вуҷуди чунин касоне барои Ислом ҳеҷгуна суде нахоҳад буд, балки танҳо касоне метавонанд ба ҳидояти Ислом раҳбарӣ шаванд ва роҳи мустақими Исломро дар пеш гиранд ва мустамирран дар ин роҳ сайр кунанд, ки агар амре аз ӯ амри Худо ба онҳо иблоғ шавад молеро ки ба арақи чабин ба даст овардаанд бидуни кучактарин ғарази шахси онро дар роҳи Худо фидо кунанд. Закот ҳар фарди мусалмонеро барои ингуна фидокорӣ варзида ва омода месозад ва ин қобилиятро ба ӯ медиҳад, ки ба молаш дилбастаги пайдо накунад, то ҳар вақте зарурат пеш ояд, на фақат молашро дар роҳи Ислом харҷ кунад, балки бо хоҳиши худ ва дили кушод тамоми онро садақа кунад.

Яке аз фавоиди закот дар дунё инаст, ки мусалмонон якдигарро ёрӣ кунанд ва ба василаи закот кафил ва зомини харчи якдигар бошанд, то ин, ки на гуруснае дар миёни эшон пайдо шавад ва на бараҳнае ва на сарафкандаву залиле ва зимнан сарватмандашон кафили фақирашон бошад ва фақирашон аз дароз кардани дасти ҳочату истимдод ба тарафи сарватмандон мустағнӣ бошад ва ҳеҷ фарде аз афродашон дороияшро дар роҳи аёшӣ ва хушгузарониҳои номашруъ сарф накунад ва бидонад, ки афроди ятиму бева ва бенавову дармондаи уммат ва миллати ҳамкеши ӯ дар дорои вай ҳақи муъайяну маълуме доранд ва ҳамчунин касоне, ки тавоноии кор доранд, вале ба василаи надоштани пул қодир бар таҳсили маъош нестанд, дар дорои ӯ саҳм доранд ва низ кудакони бо ҳушу истиъдоде, ки ба воситаи фақр қодир бар таҳсили илм нестанд ва ашхоси оҷизе, ки қодир бар амале нестанд, ҳам дар дорои ӯ ҳаққи муъайяне доранд. Бинобар ин ҳар сарватманде, ки ба ин ҳуқуқ қоил набошад ва табақоти номбурдаро дар моли худаш саҳим надонад, золим аст.

Бояд пурсид: чӣ зулме зиштару шаниътар аз ин, ки шумо дорои сарвати анбуҳе бошед ва асбоби айшу ишрат ва рафоҳу

осоиши бешуморе дар ихтиёр шумо бошад ва дар қасрҳои баланд ба хушгузаронӣ саргарм бошед ва бар мошинҳои луксу зебо савор шавед ва дар атрофи шумо ҳазорон нафар бародарони бенавои шумо бо тангдастию фақр даст ба гиребон бошанд ва барои таҳсили пораи ноне муъаттал бошанд ва ҳазорон нафар қодир ба кор бошанд ва бекору саргардон бигарданд?

Ислом бо чунин касонеро душманӣ дорад ва ба отифаи худхоҳӣ ва худкомии ашхос мубориза мекунад.

Ин худхоҳию худкомӣ фақат дар хуру шева ва равиши кофиронест, ки маданияташон ба онҳо омухтааст, то ҳарчӣ метавонанд молу сарват ҷам кунанд ва бо рибохурӣ бар сарваташон бияфзоянд ва ҳарчӣ дар дасти дигарон мебинанд онро бирабоянд[12], лекин мусалмонон наметавонанд чунин бошанд, зеро динашон амр карда, ки агар Худо рӯзии бештар аз эҳтиёҷашон ба онҳо дод, онро захира накунанд, балки онро ба бародарони бесармоя бидиҳанд, то ба василаи он рафъи ҳоҷат кунанд ва қодир бар касби маъишат гарданд, ҳамон тавре, ки худи сармоядорон қодир бар касби маъишат ҳастанд.

## Ҳаҷ

Чаҳорумин рукни Ислом Ҳаҷ аст ва Ислом онро бар касоне воҷиб қарор додааст, ки сарвате дошта бошанд ва битавонанд ба Макка бираванд ва ин сафарро низ фақат барои якбор дар умр воҷиб донистааст.

Бинои Каъбаро чанд ҳазор сол қабл Иброҳими халилуллоҳ (алайҳиссалом) ба сурати хонаи кучаке дар маҳалле, ки феълан Макка номида мешавад, барои ибодати Худо сохт. Худои мутаъол саъю кушиши ӯро қабул кард ва ихлосашро пазируфт ва бадин васила подоши амалашро дод, ба ин маъно, ки он хонаро ба худаш нисбат дод "Байтуллоҳ",

---

[12]: Ахиран дар яке аз ҷароиди Теҳрон ба нақл аз ахбори хориҷа мехондам, ки бар асари ҳамин равиш сармоядории золимона дар миёни чамъияти дусад милюнии Амрико болиғ бар бист милион афроди мустаманд ва мустаҳиқ вуҷуд дорад. (Мутарчим)

яъне хонаи Худо номида шуд ва Худо гуфт: “Ҳар кас бихоҳад маро ибодат кунад, бояд дар вақти ибодат руй ба Каъба бошад ва ҳар кас тавоноии ибодат дошта бошад, бояд ақаллан як бор дар умр барои зиёрати «Хона” биёяд ва гирди хона бигардад, ҳамон тавре, ки банда ва дӯсти ман Иброҳим (алайҳиссалом) бар асари муҳаббату ишқе, ки ба ман дошт, даври ин хона гардиду тавоф кард”.

Бадин тариқ Худои мутаъол амр карда аст, ки ҳаргоҳ қасди Ҳаҷ кардед ва аз хонаи худатон ба нияти зиёрати ин хонаи муҳтарам, берун омадед, дилҳои худатонро пок кунед ва шаҳавоти нафсониро аз худ бизудое ва аз фусуқу ҷидол ва хунрезию бадгуй бипарҳезед ва бо чунин ҳоле ба ин хона биёед. Ба тавре, ки гуё бо адабу эҳтиром ва аҷзу хушуъ дар ҳузури парвардигоратон ҳозир мешавед ва бидонед, ки шумо ба суй он подшоҳи муқтадире, ки фармонравоии осмонҳо ва замин ба дасти ӯст, руй меоваред ва ӯ касест, ки ҳама муҳтоҷи ӯ ҳастанд ва бидонед вақте, ки шумо бо чунин ҳолати аҷзу тазарру ва хушуъу ихлос назди ӯ ҳозир шавед ва ибодатеро, ки бар уҳда доред бо ҳузури қалб ва сафои ният анҷом диҳед, ӯ низ аҷри азим ва подиши бузурге ба шумо хоҳад дод.

Ошкораст, ки ҳамон қасду нияти инсон барои Вақте, ки ба назари дигаре ба мавзуъи Ҳаҷ нигоҳ кунед, хоҳед дид, ки ин масала муҳимтарин ибодати Худои мутаъол аст ва шаъни азиме дорад, зеро агар қалби инсон холӣ аз муҳаббати Худои мутаъол бошад , чӣ чи чиз ӯро маҷбур месозад то касбу кор ва тиҷорат ва хонаводаву дӯстонашро тарк кунад ва ранҷу машаққати сафари тулониро бар ӯҳда бигирад?

Ҳаҷ далили ихлос ва ишқи ӯ ба Худои мутаъол аст. Аз ин гузашта ҳамин, ки шахс аз хонааш берун меравад ва ба тарафи хонаи муҳтарами Худо ҳаракат мекунад ва эҳсос мекунад, ки ин сафар ғайр аз сафарҳои дигар аст, зеро тамоми ғамаш мутаваҷҷеҳи Худои мутаъол аст ва ҳар чӣ бештар мераваду эҳсос мекунад ки ба “Каъба” наздиктар мешавад, ҷозибаи шавқаш зиёд мегардад ва дилаш аз гуноҳу маъсият бештар безор мешавад ва аз гуноҳони гузаштааш пушаймон гардида ва ба Худо наздик мешавад ва барои замони оянда ба дуъо ва

розу ниёз мепардозад ва аз Худо дархост мекунад, ки ӯро барои тоъату ибодати рӯзгори ояндааш тавфиқ диҳад. Дар чунин ҳоле аз зикри Худои мутаъол ва ибодаташ лаззати фавқулъодае эҳсос мекунад ва саҷдаҳои тулонитаре мекунад, то ҷое, ки дилаш намехоҳад сар аз сачда бардорад. Ҳамчунин вақте, ки Қуръон тиловат мекунад, эҳсос менамояд, ки ин лаззат аз лаззатҳои қаблӣ тафовути зиёде дорад ва ҳатто вақте, ки дар Макка рӯза мегирад ҳаловатеро, ки дар ин рӯза эҳсос мекунад, дар мавқеъҳои дигар эҳсос намекард[13].

Сарфи назар аз ин маъонҷ вақте, ки шахс вориди сарзамини Ҳичоз мешавад ва қадам дар он ҷо мегузорад, тарихи садри Ислом пеши назараш муҷассам мешавад ва осори вуҷуди касонеро, ки "**Худо аз онҳо розҷ шуд ва онҳо аз Худо розҷ шуданд**" дар ҳар як аз нуқоти он сарзамини муқаддас мушоҳида мекунад. Оре онҳо касоне буданд, ки Худо дӯсташон медошт ва онҳо низ Худоро дӯст медоштанд ва молу ҷонашонро дар роҳи ӯ нисор карданд. Оре ҳар зарраи реге дар он сарзамини муқаддас ба азамати Ислом гувоҳӣ медиҳад ва ҳар санге аз сангҳои он ба забони ҳол гуёи ин маъност, ки "Ин сарзамини муқаддас ҳамон ҷойгоҳест, ки Ислом аз он ҷо сар даровард ва нури ин офтоби дурахшон аз он ҷо дурахшон шуд ва калимаи он аз он ҷо улувву рифъат гирифт".

Ба ин тариқ қалби инсон аз ишқи Худо ва алоқа ба динаш лабрез мешавад ва пас аз он, ки ба ватанаш бар мегардад, он

---

[13]: Илова аз он чи муаллиф тавзиҳ фармуда, ҳамин, ки шахс муҳрим мешавад тамоми кардаҳояш монанди филми синамо дар назараш муҷассам мешавад ва эҳсос мекунад, ки ҷуз ашки надомат чизе инҳирофоти гузаштаашро шустушӯ намекунад ва роҳи тавба ва истиғфор ба руяш боз мешавад ва зимни анҷоми аъмоли Ҳаҷ ба хубӣ дарк мекунад, ки шахсияти воқеъии ӯ дигарест ва ваҳдати умумӣ низ дар назараш муҷассам мегардад ва эҳсос мекунад, ки вазифаи асосии ӯ сулҳу салоҳ вабародарию баробарист, на бартариҷӯӣ. Ва чун дар он иҷтимоъи бузург роҳи тафоҳум ба руй ҳама кушуда шуда, бо ҳама ба забони дил, ки забони фитрати башар аст, гуфтугу мекунад. Ва чун дар муҳити сулҳу сафо зиндагӣ мекунад ва аз чанги наждию имтиёзоти табақотӣ ва тайиноти ҷаълию сохтагӣ хайре нест, Худро ҳамон тавре, ки халқ шуда ва бояд бошад мешиносад ва ба тавре, ки ишора шуд аз он ҷое, ки роҳи тафоҳум ба василаи дил боз шуда-мардуми ҳарф назада-забони якдигарро мефаҳманд ва аворизи иҷтимоии номаъқулро аз ёд мебаранд, вале ҳазор афсус, ки дар бозгашт ба ватан ин идрокот кам мешавад! (Мутарҷим).

чунон асаре аз осори Ислом дар дилаш эҳсос мекунад, ки то зинда аст маҳв намешавад.

Фаризаи Ҳаҷ илова аз ин манофеъи динӣ, дорои манофеъи дунявии зиёде аст. Аз ҷумлаи ин манофеъ яке ин аст, ки Маккаи Мукаррама марказ барои мусалмонон қарор дода шудааст, ки ки дилҳои тамоми мусалмонони ҷаҳон -бо ҳамаи ихтилофи нажодӣ ва миллию ватанӣ- ошиқи он ҷо ҳастанд. Аз ҳар гушаи ҷаҳон тамоми мусалмонон ба як вақт дар он ҷо ҷамъ мешаванд ва ҳама эҳсос мекунанд, ки бо якдигар бародаранд ва ҷамъан ҷуз як уммат, чизи дигаре нестанд.

Ҳаҷ аз тарафе ибодати Худои мутаъол ва аз тарафи дигар маҷмаъи ҷаҳонӣ ё конфаронси байналмилалии солонаи исломиаст, ки аз тамоми атрофи замин мусалмонон дар ин маркази воҳид даври ҳам ҷамъ мешаванд ва аз тарафи дигар бар асоси иттиҳоду муҳаббат ва ҳамкорӣ барои тарбияти ухуввати ҷаҳонӣ, бузургтарин васила ва муассиртарин тариқ аст[14].

## Ҳимоят аз Ислом

Охирин марҳалаи фаризаҳои Худоӣ, ки бар зиммаи бандагони Худо,ст ҳимояти Ислом аст. Ҳар чанд ин фариза, ки онро ҳимоят меномем, аз аркони Ислом нест, вале аз фаризаҳои муҳимми Ислом аст ва дар китобу суннат дар ҷойҳои мутаъадде зикри он ба миён омада аст.

Бояд пурсид: Ҳимояти Ислом чист? Ва чаро Худои мутаъол онро бар мусалмонон воҷиб қарор дода аст? Мумкин аст ин маъноро бо мисоле равшан карда шавад ва он ин аст ки тасаввур кунед фулон шахси муъайян даъво мекунад, ки дӯст ва рафиқи шумо аст, вале вақте, ки гирифторӣ ва мушкиле барои шумо рух медиҳад, амали ӯ шаҳодат медиҳад, ки дӯстдори шумо нест ва ба гирифтории шумо эътиное надорад ва ба нафъу зарари шумо алоқае нишон намедиҳад ва ҳатто

[14]: Агар ҷавонони пешоҳанги мо тавфиқ дошта бошанд, ки дар мавқеъи анҷоми фаризаи Ҳаҷ ширкат ҷӯянд, ба хубӣ ташхис хоҳанд дод, ки пешоҳангӣ чист ва вазифаҳои муқаддаси он чӣ гуна оғоз ва анҷом мешавад. (Мутарҷим).

агар нафъи шахсии ӯ иқтизо кунад боке надорад аз ин, ки хасорату гирифтории шуморо зиёдтар кунад, ва чӣ басо ки аз анҷоми ҳар амале, ки ба нафъи шумо бошад ба воситаи ин, ки барои худаш суде дар он кор мутасаввир нест, худдорӣ кунад ва дар ҳангоми вуқуи мусибате барои шумо низ кӯмаку мусоъидате иброз накунад, балки дар мазаммат ва таън задан бар шумо бо дигарон шарик мешавад ва ононро ташвиқ намояд ё дасти кам аз ҷилавгирии дигарон дар мазамати шумо сукут кунад ва ё ин, ки дар мавқеъе, ки душманони шумо барои шумо нақшаҳои макру фиреб тарҳ мекунанд, бо онҳо ҳамкорӣ кунад, ё алалақал барои наҷоти шумо аз макру фиреби онон қадаме бар надорад. Оё чунин касеро дӯст ва рафиқи худ хоҳед донист? Ва оё ӯро дар даъвоҳои дӯстӣ ростгу хоҳед шумурд?

Бадеҳист чунин касеро наметавонед дӯсти худатон бидонед, зеро собит карда аст, ки дӯстии ӯ забони аст ва дар ҳақиқат қалбан дӯстдори шумо нест.

Маънои дӯстӣ ин аст, ки инсон дӯсташро қалбан дӯст бидорад ва нисбат ба ӯ ихлос биварзад ва ҳамдардӣ кунад ва дар ғаму шодӣ шарикаш бошад ва дар баробари душманонаш низ ёру мададгораш бошад ва розӣ нашавад, ки ҳеҷ кас аз ӯ бадгӯӣ кунад, вале агар дар касе ҳамаи ин сифот набошад ва бо ин ҳол даъвои дӯстӣ кунад, албатта дар даъвои худаш мунофиқу дуруғгӯ аст.

Вақте, ки шумо даъво мекунед, ки мусалмонед, барои исботи мусалмонии худатон ҳамин мисолро дар назар бигиред. Даъвои мусалмонии шумо маънояш ин аст, ки шумо дорои ҳамияти исломӣ ҳастед ва ғайрати имонӣ доред ва дӯстдори дин ҳастед ва нисбат ба бародарони мусалмонон носиҳ ва дӯст ва мушфиқ ва дар ҳар коре, ки дар ин ҷаҳон анҷом медиҳед, нафъи Ислом ва хайри мусалмонон ҳадафи шумост ва барои анҷом додан, маслиҳате аз масолеҳи худатон ва дафъи офате аз офатҳои зотии амале, ки бар зарари Ислом ва мухолифи аҳком ва мақосиди Ислом бошад, аз шумо содир нашавад ва ҳамчунин вазифаи шумо ҳукм мекунад, ки дар ҳар амале, ки хайри Ислом ва мусалмонон дар он бошад бо ҷон ва

мол ширкат кунед ва аз ҳар амале, ки барои Исломуу мусалмонон зарар дошта бошад, дурӣ кунед ва иззати худатонро ҷуз дар иззати Исломуу мусалмонон надонед ва ҳамон тавре, ки таҳаммули хорӣ ва зиллати худатонро надоред, хории Исломуу мусалмононро таҳаммул накунед ва ҳамон тавре, ки бо душманонатон ҳамкорӣ намекунед, бо душманони Исломуу мусалмонон ҳамкорӣ накунед. Ва боз ҳамон тавре, ки дар мавриди масолеҳи худатон аз ҳеҷ гуна дифо то сарҳади фидокориӣ худдорӣ намекунед, барои дифо аз Ислом ва ҳимоят аз мавҷудияти мусалмонон бо ҷону мол омодаи фидокорӣ бошед.

Ҳар касе, ки мегуяд ман мусалмонам, бояд дорои чунин сифоте бошад ва илло аз ҷумлаи мунофиқон шумурда хоҳад шуд ва амали чунин касе шоҳид хоҳад буд, ки дар даъвое, ки ба забон дорад, козиб, яъне дуруғгӯ аст.

Бояд донист, ки яке аз шуъбаҳои ҳимояти Ислом “ҷиҳод фи сабилиллоҳ”, яъне ҷиҳод дар роҳи Худост, ки дар Ислом маъруф аст.

Калимаи “ҷиҳод” дар луғат ба маънои кушиш ва ба кор бурдани тамоми қудратҳо ва нерӯҳоаст дар ҳар коре аз корҳо.

Пас дар ин сурат ҳаргоҳ касе барои эълои калимаи Ислом чӣ бо молу ҷон ва чӣ бо қаламу забон кор кунад, бидуни шакку тардид ба маънои оми калима дар роҳи «ҷиҳод фи сабилиллоҳ” гом бардоштааст.

Вале маънои хоси калимаи “ҷиҳод” иборатаст аз ҷанге, ки мусалмонон дар баробари душманони Ислом хос ба манзури ризои Худо бидуни ҳеҷ ғарази дунявӣ, бар уҳда мегиранд.

Ҷиҳод дар шариъати Ислом барои мусалмонон воҷиби кифоист, яъне бо ин ки натиҷа ва осори чунин ҷиҳоде мутаваҷҷеҳи ҳамаи мусалмонон мешавад, вале вақте, ки гуруҳи муайяне ин вазифаро уҳдадор шуданд, аз зиммаи дигарон соқит мешавад. Вале агар душманони Ислом ба яке аз кишварҳои Исломӣ ҳуҷум биёваранд, ин ҷиҳод монанди рӯза ва намоз бар ҳамаи мардуми он кишвар воҷиб мешавад ва агар мардуми он кишвари мавриди ҳуҷум, қодир бар дифо аз

худ набошанд, бар ҳамаи афроди мусалмоне, ки дар ҳамсоягии он кишвар ҳастанд, ширкат дар ҷиҳод воҷиб мегардад ва бояд бо молу ҷон дифо кунанд. Ва агар баъд аз кӯмак расондани он кишвари ҳамсоя боз ҳам мусалмонон пирӯз нашуданд, он вақт "ҷиҳод" монанди намозу рӯза бар ҳамаи мусалмонони ҷаҳон воҷиб мешавад ва агар гоҳо дар чунон марҳалае яке аз мусалмонон дар ҷанги дифоӣ ширкат накунад, гунаҳкор шинохта мешавад.

Дар чунин мавқеъе аҳамияти "ҷиҳоди фи сабилиллоҳ" аз аҳамияти намозу рӯза бештар аст, зеро он вақт, вақтест барои имтиҳони имони мусалмонон. Касе, ки Исломро дар ҳангоми шиддати ибтило ва гирифторӣ ёрӣ накунад, имони ӯ машкук аст ва дар чунон ҳангомае намозу рӯзаи ӯ чӣ фоидае хоҳад дошт? Дар он вақт агар мусалмоне бо ин қадр шақӣ ва бадбахт бошад, ки ба душманони Ислом кӯмак кунад, албатта мунофиқ аст ва шакке дар нифоқи ӯ боқӣ намемонад ва дигар Намозу Рӯза ва Закоту Ҳаҷҷи ӯ, арзише нахоҳад дошт.

# Фасли шашум
# Дин ва Шариъат
## Фарқ байни дин ва шариъат. Васоили маърифати аҳкоми шариъат. Фиқҳ. Тасаввуф.

Он чӣ дар фаслҳои гузашта баён кардем роҷеъ ба дин буд. Инак мухтасаре дар бораи шариъати Муҳаммад (салаллоҳу алайҳи ва саллам) баҳс мекунем, вале қабл аз вуруд дар ин баҳс бояд фарқ байни дину шариъатро бидонем.

## Фарқ байни Дин Ва Шариъат

Қаблан тавзеҳ додем, ки тамоми паёмбаронеро, ки Худои мутаъол фиристода, ҷуз ин, ки Исломро ба мардум таълим диҳанд, маъмурияте надоштаанд ва таълими Ислом иборат аз ин аст, ки ба зоту сифоти Худои мутаъол ва ба рӯзи охират, ба сурате, ки Паёмбарон ҳидоят кардаанд, имон дошта бошем ва ҳамчунин ба китобҳои Худо мумин бошем ва онҳоро тасдиқ кунем ва ҷуз ҳамон роҳи мустақимеро, ки ин китобҳо нишон медиҳанд, роҳи дигареро пайравӣ накунем. Ва пайрави Паёмбарони ростгӯи Худо бошем ва ҷуз онон касеро пайравӣ накунем ва ягонагии Худоро тасдиқ кунем ва дар ибодати ӯ шарике қоил нашавем ва ҷуз ӯ ҳеҷ касро итоат накунем ва ҳамин имону ибодат аст, ки ба “**Дин**” номгузорӣ шудаст ва ин аст, ки дар таълими соири Паёмбарон муштарак аст.

Баъд аз мавзӯъи “Дин” ба шарҳе, ки ишора кардем мавзӯъи дигаре пеш меояд ва он “**Шариъат**” аст, яъне туруқи ибодату мабодӣ ва усули маъишату иҷтимоъ ва қавонини муомалот дар миёни бандагони Худо ва алоқаҳо ва равобити иҷтимоъӣ ва ҳудуд байни ҳалолу ҳаром ва ҳудуди ҷоизу ноҷоиз.

Дар оғоз ин шариъатҳо бо Паёмбарон ба лиҳози замон ва миллатҳои мухталиф будаанд, барои ин, ки Паёмбарони ҳар як миллатеро ҷудо ҷудо таълими шоистагӣ ва таҳзибу ахлоқ дода ва тарбиятшон карда, барои пайравии қонуни

азиме омода ва таёр бикунанд- чун ин амри муҳим ба такмил расид, Худои мутаъол Паёмбари мо, Муҳаммад (салаллоҳу алайҳи ва саллам) ро бо ҳамон қонуни азим ба дунё фиристод ва ҳама дафаъоти он қонунро барои тамоми афроди дунё нофиз қарор дод. Акнун дин албатта ҳамон аст, ки Паёмбарони гузашта таълим карда буданд, вале соири шариъатҳои гузашта мансух гардидаанд ва дар ивази онҳо чунин шариъате қоим карда шуда аст, ки дар он тариқаҳои ибодат ва асосҳои муъоширату қавонини муомалот борои ҳама ва ҳудуди ҳалолу ҳаром барои ҳар яке аз инсонҳо яксон ҳастанд.

## Васоили шинохти аҳкоми шариъат

Барои шинохти мабодии шариъати Муҳаммадӣ ва аҳкоми он ду васила дорем: яке **Қуръо**н ва дигаре **Суннат.** Ва тавре, ки медонед Қуръони Карим каломи Худост ва як як алфози он аз назди Худои мутаъол омада аст, вале мақсуд аз Суннат ривоятҳоест, ки аз Расули Акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам) ба мо расидааст.

Саросари ҳаёти Расули акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам) аз аввал то охири он, шарҳу тафсири амалии Қуръони Карим буда ва Паёмбари бузургвор (салаллоҳу алайҳи ва саллам) аз оғози беъсат, яъне аз аввалин рӯзе, ки ба рисолат барангехта шуд, машғули таълиму иршод буд, то он, ки мардум зиндагонишонро мутобиқи ризои Худо ва мувофиқи тариқ ва барномае, ки ӯ таъйин фармуда, бигузаронанд ва Расули акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам) муддати 23 сол бо ин кор машғул буд ва дар тӯли ин муддат Асҳоби он ҳазрат – чӣ зану чӣ мард- ва хешону наздикон ва ҳамсарони ҳазрат бо камоли диққат ва алоқамандӣ ба каломи ӯ гӯш медоданд ва рафтори ӯро пайравӣ мекарданд. Ва дар бораи куллтиёт у ҷузъиёти шуъун ва муъомалоташон дар тамоми даврони зиндагӣ аз ӯ дӯстур мегирифтанд. Гоҳе онҳоро бо иҷрои амре маъмур мефармуд ва гоҳе аз кори дигаре онҳоро наҳй мекард. Касоне, ки ҳозиру шоҳид буданд, он амр ё наҳйро фаро мегирифтанд ва ин аҳкомро ба дигарон, ки ғоиб буданд

мерасониданд ва ҳам чунин вақте, ки Паёмбар (салаллоҳу алайҳи ва саллам) амали хоссеро анҷом медод, касоне, ки шоҳид буданд, онро ёд мегирифтанд ва  ба дигарон, ки ғоиб буданд, онро иблоғ мекарданд. Ва низ вақте, ки касе ҳамроҳи ӯ (салаллоҳу алайҳи ва саллам) буд ва амалеро анҷом медод он ҳазрат (салаллоҳу алайҳи ва саллам) сукут мефармуд ё бар ӯ изҳори писандидагӣ мекард, ё ӯро аз он амал наҳӣ мефармуд, мардум он мавзӯъро дар хотир ҳифз мекарданд. Касоне, ки баъд аз ин ашхос меомаданд ва бо камоли алоқамандӣ ва некрафторӣ тобеъи онҳо буданд. Он чиро аз собиқину гӯяндагони аввалӣ шунида буданд, ки онҳо он матолибро аз Расули акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам) ривоят мекарданд, ҳамаи он матолибро баъзе ҳифз мекарданд ва баъзе дигар ҳамаи ин гуфтаҳо ё ҳадисҳоро забт мекарданд ва рӯй коғаз меоварданд ва инро ҳам забт карданд, ки хабар аз Паёмбар ба мо аз чӣ касе расида аст. Сипас ин ҳамам гуфтаҳо ва ривоятҳо дар китобҳои мухталиф ба тадриҷ ҷамъ карда шуд. Бадин тариқ маҷмӯъаи бузурге аз ҳадисҳои Паёмбар (салаллоҳу алайҳи ва саллам) ба дасти мардум расид.

Машҳуртарини ин китобҳо ва китобҳое, ки бештар қобили эътимод шинохта шуда ҳамонҳое аст, ки имом Бухорӣ ва имом Муслим ва имом Молик ва имом Тирмизӣ ва имом Абӯдовуд ва имом Ибни Моҷҷа ва имом Насой, тадвин кардаанд.

### Фиқҳ

Ҷамъе аз бузургтарин пешвоёни Ислом, аҳкоми Қуръон ва Суннатро мавриди расидагӣ қарор дода ва бар асоси он, қавонини муфассали Исломиро мураккаб карда ва дар китобҳо нашр карданд ва назарашон аз ин амал ин буд, ки ин қавонинро ба суҳулат дар дастраси мусалмонон гузошта бошанд.

Ин қавонин, ки аз аҳкоми Қуръону Суннат истинбот шуда, ҳамон қавонинест, ки ба номи “**фиқҳ**” шинохта мешавад.

Барои ин, ки ҳар фарде аз афроди уммати Ислом иститоати онро надорад, ки ҳамаи нуқоти Қуръонро ба

дурусию ростӣ бифаҳмад ва ҳамчунин на ҳар яке аз афроди башар илми ҳадисро ба ин қадр бидонад, ки аҳкоми шариъатро маълум кунад, бадин хотир аст, ки ҳамаи мусалмонони ҷаҳон наметавонанд аз ӯҳда бароянд, аз сипосгузории он пешвоёни бузурге, ки он ҳама заҳмату машаққатро барои назму тартиби қавонин ва таҳияи китобҳои фиқҳ – баъд аз таҳқиқи мустамиру кӯшишҳои мутаволии хастакунанда бар ӯҳда гирифтаанд- бидуни шакку тардид, ин ки тамоми муслимини ҷаҳон, дар ҳозир бо ин осонӣ метавонанд бо аҳкоми шариъати Ислом ошно шуда ва пайрави ин шариъат бошанд, кӯшишҳои он пешвоёни бузургвор аст.

Дар оғози амр, бисёре аз риҷоли Ислом китобҳои фиқҳро ба сабку услуби ин донишмандон тартиб додаанд, вале дар охири кор, чаҳор мазҳаби фиқҳи боқӣ мондааст ва қисмати аъзами мусалмонони ҷаҳон дар ҳоли ҳозир пайрави ин мазҳабҳои чаҳоргона ҳастанд, бадин қарор:

1. **Фиқҳи ҳанафӣ**, ки ба василаи имом Абӯҳанифа (р) бо кӯмаку машварати асҳобаш, аз қабили Абуюсуф ва Муҳаммад ва Зуфар ва соири уламои бузург мураттаб шудааст.
2. **Фиқҳи моликӣ,** ки онро имом Молик бини Анас (р) тартиб дода аст.
3. **Фиқҳи шофеъӣ**, ки имом Муҳаммад бини Идрис Шофеъӣ (р) онро мураттаб сохтааст.
4. **Фиқҳи ҳамбалӣ**, ки ба василаи имом Аҳмад бини Ҳамбал (р) тартиб дода шуда аст.

Танзиму тартиби ин мазҳабҳои чаҳоргона баъд аз реҳлати Расули акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам) дар қарни аввалу дуввуми ҳиҷрӣ сурат гирифтааст ва бояд донист, ки ихтилофоте, ки дар ин чаҳор мазҳаб дида мешавад, ношӣ аз ихтилофоти фикрист, зеро ҳар мавзӯъе, ки дар баробари назари риҷоли мутаъаддид қарор гирифт ва ҳар як бихоҳад ҳақиқати онро бидонад, ба ночор орову афкор ва назариёти ҳар як, валав ночиз бошад, бо дигарон фарқ хоҳад дошт ва локин аз он ҷое, ки ҳамаи онҳо пешвоёни некӯкору содиқ ва

зоҳид будаанд, ки мехостаанд пайрави ҳақ бошанд ва ҳеҷ чизро ҷойгузини он қарор надиҳанд. Ба ин хотир ҳамаи мусалмонон ба ростӣ ва дурустии мазҳабҳои онҳо муътақиданд ва онҳоро барҳақ медонанд.

Зоҳири амр ин аст, ки ҳар кас дар ҳар амре аз умур ҷуз ин, ки пайрави яке аз ин мазҳабҳои чаҳоргона бошад, роҳе надорад ва назари бештари уламои Ислом ин аст, ки, мусалмонон бояд пайрави яке аз ин чаҳор мазҳаб бошанд. Вале дар айни ҳол бархе аз уламо ҳастанд, ки мегӯянд: эҳтиёҷ надорад, ки касе ҳатман тобеъи яке аз мазоҳиби чаҳоргона бошад, балки ҳар касе ба миқдори кофӣ илми истинбот аз афкори Қуръон ва Суннатро амалан ба даст овард, бояд барои худ амал кунад[15]. Локин касоне, ки илм надоранд ва наметавонанд шахсан аҳкомро аз Қуръону Суннат истинбот кунанд, мувазафанд, ки ҳар яке аз уламои муслиминро, ки барҳақ медонанд ва ба ростиву тақвои ӯ итминон доранд, пайравӣ кунанд. Ин даста бо аҳли ҳадис маъруфанд ва онҳоро низ, монанди чаҳор тоифаи мазкур бояд барҳақ донист.

## Тасаввуф

Алоқаи фиқҳ фақат ба зоҳири амали инсон аст ва назаре надорад ҷуз ин, ки шумо бар ваҷҳи матлуб ба он чи маъмур будаед, амал кардаед ё на? Ва агар қиём ба ин амр карда бошед, дигар ба ҳоли қалби шумо ва кайфияти он коре надорад. Аммо чизе, ки мутаъаллиқ ба қалб аст ва дар бораи кайфияти он баҳс мекунад, "тасаввуф"[16] номида мешавад.

Он чӣ дар фиқҳ мавриди назар аст ин аст, ки оё масалан, дар муқадимоти намоз мутобиқи дастур ва ба шакли матлуб вузӯи худро анҷом додаед ё на? ва ё дар мавқеъи намоз рӯй ба (Каъба) масҷиди Ҳаром истодаед ё на ва ё ҳамаи аркони намозро ба ҷо овардаед ё на? ва оё дар намозатон хондани он чиро воҷиб шумурдаанд, анҷом додаед ё на? ва оё дар намоз

---

[15] : Яъне, иҷтиҳод ҷуз ин чизи дигаре нест. (Мутарҷим)

[16] : Қуръони карим инро тазкия ва ҳикмат меномад ва дар Ҳадис ин ба номи эҳсон зикр шудааст ва дар миёни мардумони мобаъд ҳамин чиз ба номи **тасаввуф** маъруф гашт.

ракаъатҳое, ки ба лиҳози вақти намоз муъайянанд мутобиқи он, онҳоро адо кардаед ё на?

Агар ҳамаи ин корҳоро карда бошед, ба ҳукми фиқҳ намози шумо дуруст аст. Вале он чӣ дар тасаввуф муҳим аст, он ҳолатест, ки қалби шумо бояд дар мавқеъи намоз дошта бошад. Ба ин маъно, ки оё дар ҳоли намоз назди Худои мутаъол тавба ва инобат кардаед ё на? ва оё қалби шумо аз таваҷҷӯҳ ба матолиби дунявӣ ва шуъуни марбут ба он холӣ гардидааст ё на? ва оё ин намоз тарс аз Худои мутаъолро дар шумо эҷод карда ва яқин кардаед, ки Худо аз ҳама чиз хабар дорад ва донову биност ва отифаи ҷалби ризои ӯ ба танҳоӣ дар шумо бедор шуда ё на? Ва то чӣ ҳад ин намоз рӯҳи шуморо поку покиза кардааст? Ва то чӣ ҳад ахлоқи шуморо ислоҳ карда аст? Ва то чӣ ҳад шуморо мӯмини содиқ қарор дода, то ба иқтизои имон амал кунед? Аз назари тасаввуф ба ҳар андозаи ин умур, ки ҳадафу мақсади ҳақиқи намоз аст- дар намози шумо- таҳсил шуда бошад- ба ҳамон нисбат намози шумо комил хоҳад буд ва ҳар чӣ аз ин ҷиҳот накс дошта бошад, ба ҳамон нисбат аз лиҳози тасаввуф ноқис хоҳад буд ва ҳамчунин фиқҳ дар соири аҳкоми шаръӣ бештар аз ин аҳамият намедиҳад, ки оё шахс аъмоли мазҳабиро ба наҳве, ки амр шуда анҷом дода аст ё на?

Локин тасаввуф хулуси қалбӣ ва сафои нияту сидқи тоъатро дар қиём ба ин аъмол мавриди баҳс қарор медиҳад.

Фарқ байни фиқҳу тасаввуфро мумкин аст, бо мисоле рушан кард ба ин шарҳ: Агар касе назди шумо ояд аз ду ваҷҳ ба ӯ нигоҳ мекунед, ваҷҳи аввал ин аст, ки оё дорои бадани солиму аъзои комил аст ё ин, ки нақсе аз қабили кӯрӣ ё лангӣ дар ӯ вуҷуд дорад? Ва оё хушшаклу зебост ё бадшаклу қабиҳсурат? Ва оё либоси фохире пӯшида ё ҷомаи кӯҳна? Ваҷҳи дуввум ин аст, ки мехоҳед ахлоқ ва одоту хисол ва миқдори илму ақл ва салоҳияти ӯро ташхис диҳед. Ваҷҳи аввал гӯё фиқҳ аст ва ваҷҳи дуввум, гӯё тасаввуф, чун бихоҳед касеро ба дӯстӣ бигиред, бадеҳаст, аз ҳарду ваҷҳ хусусиёти ӯро мавриди расидагӣ қарор хоҳед дод ва албатта дӯст хоҳед дошт, ки зоҳиру ботин ва сурату сирати ӯ ҳарду хуб бошад.

Назари Ислом низ ҷуз ин нест ва он чунон ҳаётеро меписандад, ки аҳкоми шариъат аз лиҳози зоҳиру ботин ба таври комил иҷро шавад. Мисли касе, ки ба ҳасби зоҳир тоъаташ дуруст бошад, вале рӯҳи тоъати ҳақиқи дар ботини ӯ набошад, монанди баданест, ки зоҳираш ороставу зебост, вале рӯҳ надорад.

Ва боз мисли касе, ки камолиёти ботини ҳама дар ӯ ҷамъ шуда, вале тоъати саҳеҳи ӯ дар худи зоҳири ӯ нест, монанди марди солеҳест, ки бадқиёфа ва лучу ланг бошад.

Бо таваччӯҳ ба ин мисол, ба суҳулат метавонед алоқа ва робита байни фиқҳу тасаввуфро дарк кунед.

Локин чизе, ки дилро мегудозад ва чашмро ашкбор месозад, ин аст, ки дар давраҳои ахир, пас аз он ки улуму ахлоқ рӯ ба завол ва инҳитот гузошт ва дар натиҷа ин ҳама мафосид ва зиштию палиди рух дод, сарчашмаи софи тасаввуф низ мағшушу касиф шуд ва мусалмонони бисёре аз фалсафаҳои ғайри Исломиро аз умматҳои гумроҳ омухтаанд ва ба номи тасаввуф онро дохили Ислом кардаанд ва номи тасаввуфро бар бисёре аз ақоиду равишҳои бегона, ки дар китобу суннат асле надошт, итлоқ карданд ва сипас ба тадриҷ ҳамин ашхос, худашонро аз қуюди Ислом озод сохтанд ва гуфтанд тасаввуф бо шариъат робита ва алоқае надорад, ба ин маъно, ки тасаввуф дар водии хосе сайр мекунад ва шариъат дар водии хоси дигаре ва суфӣ мувazzаф нест, ки худашро ба қонуну аҳкоми шариъат муқайяд созад!

Шумо ғолибан ин гуна авҳому хурофотро аз бисёре суфиёни ҷоҳил мешунавед, вале дар ҳақиқати амр, ин ҳарфҳо ҷуз хурофоту акозиб чизи дигаре нест. Тасаввуфе, ки бо аҳкоми шариъат робита ва алоқа надорад, дар Ислом ҳеҷ маъно надорад. Ҳеҷ суфӣ наметавонад қайди Намоз ва Ҳаҷҷу Закотро бишиканад ва ҳеҷ суфӣ ҳақ надорад, бо ҳукме аз аҳкоме, ки Худои мутаъол ва Расули акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам) дар иқтисоду иҷтимоъ ва муъоширату ахлоқ ва муъомалоту ҳуқуқ ва воҷиботу ҳудуд ва ҳалолу ҳаром, баён кардаанд, мухолифат кунад ва касе, ки ба таври саҳеҳ пайрави Расули акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам) набошад ва ба

роҳи росте, ки ҳидоят фармуда, муқайяд набошад, шоистаи он нест, ки худашро суфии исломӣ биномад, зеро чунин тасаввуфе ба ҳеҷ ваҷҳ дар Ислом нест.

Ва ҳақиқат тасаввуф иборат аст, аз дӯстии Худову Паёмбари содиқу масдуқи ӯ (салаллоҳу алайҳи ва саллам) то сарҳади ишқу фидокорӣ дар роҳи Худову Паёмбар (салаллоҳу алайҳи ва саллам) ва он чӣ муқтазои ин ишқу фидокорӣ аст, ин аст, ки мусалмон ба қадри мӯе аз пайравии аҳкоми Худо ва Паёмбар (салаллоҳу алайҳи ва саллам) мунҳариф нашавад.

Хулосаи гуфтор ин, ки тасаввуфи исломии холис чизе нест, ки мустақил аз шариъат бошад, балки тасаввуфи холиси исломӣ иборат аст, аз пайравии аҳкоми шариъат бо ихлосу сафои ният ва таҳорати қалб ва низ мафҳумест, аз муҳаббату хавфи Худои мутаъол дар итоаташ.

# Фасли ҳафтум
# Аҳкоми шариъат
## Мабодии шариъат. Ҳуқуқ ва ақсоми чаҳоргонаи он. Ҳуқуқи Худо. Ҳуқуқи шахсӣ. Ҳуқуқи мардум (Ҳуқуқул-ибод). Ҳуқуқи соири махлуқот. Шариъати доимии ҷаҳонӣ.

Дар ин фасл мабодии шариъат ва аҳкоми муҳими онро ташреҳ мекунем, то бидонед, чӣ гуна шариъати Ислом ҳаёти инсонро ба зобитаи маҳкаме ва беҳтарин муқайяд месозад ва чӣ ҳикматҳо ва маслиҳатҳое дар ин зобита гунҷонида шудааст.

### Мабодии шариъат

Вақте, ки дар вазъи худатон таъаммул кунед, хоҳед донист, ки шумо дар ҳоле ба ин дунё омадаед, ки бисёре аз нерӯҳо аз ҷониби Худованди мутаъол дар ниҳоди шумо ба вадиъат гузошта шудааст ва талаб дорад, ки ҳар як аз ин нерӯҳоро дар роҳи худаш бакор баред ва ҳеҷ як аз онҳоро бекор нагузоред.

Шумо ба хубӣ мебинед, ки дар ниҳоди шумо ақлу тасмим ва майлу рағбат ва нерӯи диду шунид ва нерӯи чашидан вуҷуд дорад ва дасту пойи шумо ҳар як нерӯе доранд ва ҳамчунин отифаи нафрату ғазаб ва шавқу муҳаббат ва тарсу тамаъ дар худ эҳсос мекунед ва ба хубӣ ташхис медиҳед, ки ҳеҷ як аз ин нерӯҳо бефоида нест ва ин нерӯҳо беҳуда ба шумо дода нашудаанд, балки мӯҳтоҷ ба ҳамаи ин нерӯҳо будаед.

Нуқтае, ки бояд ба он таваҷҷӯҳ дошт ин аст, ки: Растагорӣ ва муваффақияти шумо дар ин дунё вобаста ба ин аст, ки он чӣ фитрату табиъати зоти шумо металабад, онро амалӣ созед. Локин иҷрои ин манзур анҷомпазир нест, ҷуз ин, ки нерӯҳое, ки ба шумо дода шудааст масраф шавад. Яъне ҳар як аз ин нерӯҳоро ба мавқеъ ва дар роҳи худаш ба кор баред.

Ин маъно бар шумо пӯшида нест, ки васоиле низ дар даст доред ва барои шумо имкон медиҳад, ки ин нерӯҳоеро, ки дар ниҳоди шумо ба вадиъат гузошта шудааст, бо ин васоил бакор

баред. Аввалин васила аз ин васоил бадани шумо аст, ки тамоми асбобу абзореро, ки лозим доред, дар бадани шумо ҳаст. Гузашта аз ин асбобу абзорҳо, васоилу асбоби бешуморе дар ин дунёи васеъ ба суратҳои гуногун пахш шуда ва ҳама дар ихтиёри шумо аст. Мулоҳаза мекунед, ин ҳама афроди башар, ки ҳама аз ҷинси шумоянд, барои мусоъидати шумо омодаанд ва ин ҳама чаҳорпоён муҳайёи хидмати шумо ва ин ҳама гиёҳову ҷамодот ва замину об ва ҳаво ва ҳарорату нур ва амсоли ин васоил, ки шумораи онро ғайр аз Худо касе намедонад, ҳама дар ихтиёри шумо гузошта шудаанд ва Худои мутаъол ин ҳама ашёро дар ин ҷаҳон фақат барои ин манзур офарида, ки онҳоро истихдом карда ва барои баргузор кардани эҳтиёҷоти худатон аз онҳо истифода намоед.

Сипас дар воқеъияти амр аз манзури дигар нигоҳ кунед. Шумо метавонед ба хубӣ ташхис диҳед, ки ин ҳама нерӯҳо фақат барои нафъу истифодаи шумо ба шумо дода шуда аст, на барои зарари шумо. Пас шакли саҳеҳ барои истихдоми ин нерӯҳо, ҳамон сурати нафъу истифода аст, на шакли зарар ва агар аҳёнан дар мавориде сурати зарар дошта бошад, бояд талош варзид хештанро аз он нигоҳ дошт.

Ақл мегӯяд: ҳар шаклу сурате ғайр аз ин, ки ҳаст, дуруст нест. Аз ҳар чиз бояд истифодаи дуруст шавад. Масалан, вақте, ки амали зарароварееро дар бораи худатон муртакиб мешавед, хатое муртакиб мешавед ва ҳамчунин вақте, ки ҳар як аз нерӯҳоеро, ки доред ба сурате ба кор баред, ки ба дигарон зарар бирасонед, албатта аз хатокорон маҳсуб хоҳед шуд ва низ агар яке аз нерӯҳоеро, ки дар ихтиёр доред ба сурате бакор баред, то яке аз васоилеро, ки дар ниҳоди шумо ба вадиъат гузошта шуда, беистифода бигузоред, боз хатокор шинохта хоҳед шуд.

Ақли шумо гувоҳӣ медиҳад, ки зарар ҳар навъе, ки бошад, бояд аз он дурӣ кунед ва агар дурӣ кардан аз он барои шумо ғайри мумкин бошад, ё дар баробари он фоидаи зиёде бошад, бар таҳаммули зарар сабр кунед, сипас, ки гоме ба пеш бардоштед, медонед, ки дар дунё мардум ду навъанд: Навъи аввал аз мардум касоне ҳастанд, ки порае аз нерӯҳояшонро

амдан дар роҳҳое ба кор мебаранд, ки қуваташонро фосиду табоҳ мекунад, ё ин, ки боиси зарару зиёни афроди дигар мешавад, ё ин ки нерӯҳо ва асбобу абзор ва адавоте, ки дар ниҳодашон ба вадиъат гузошта шуда, муҳмил (бебаҳра) мегузоранд. Навъи дуввум касоне ҳастанд, ки ҳамаи ин корҳоро анҷом медиҳанд, магар бидуни қасди эшон маҳз аз роҳи хатокорӣ муртакиби ин ҳамаи корҳо мешаванд.

Мардуми навъи аввал ашрору бадкоронанд ва барои ҷилавгирӣ аз шарорату бадкории онҳо қавонини сахте лозим аст, то онҳоро аз шарорат боз доранд.

Афроди навъи дуввум мардуми нодоне ҳастанд, ки ҳеҷ чиз намедонанд, зеро сурати саҳеҳи ба кор бурдани нерӯҳоеро, ки доранд намедонанд. Онҳо мӯҳточ ба илму донише ҳастанд, ки роҳи ба кор бурдани саҳеҳи нерӯҳоро ба онҳо биёмӯзанд.

Шариъати Ислом ба ин мақсад омадааст, ки ин ҳоҷатро пур кунад ва ин мақсадро амалӣ созад, зеро аз шумо намехоҳад, ки ҳеҷ нерӯе аз ин нерӯҳоро нодида бигиред ва муҳмил бигузоред ё рағбате аз рағбатҳои худатонро маҳв кунед ё ин, ки авотифатонро аз байн бибаред.

Шариъати Ислом ба шумо намегӯяд: дунёро тарк кунед ва дар кӯҳу ҷангал ва ғор басар бибаред ва зиндагиро бар худ сахт бигиред ва нерӯи ҳаётро дар ҳам шиканед ва нафсҳои худро ба василаи масоибу шадоид хор кунед. Ва намегӯяд: зинати ҳаёти дунё ва лаззатҳову неъматҳои онро бар худ ҳаром кунед. Ҳеҷ вақт чунин чизе нест, зеро он Худое, ки ҳамаи ин дунёро барои инсон офарида, ин шариъатро вазъ кардааст, дар ин сурат чӣ гуна розӣ мешавад, ки дунёеро, ки ӯ офарида, хароб кунад ва нобуд созад ва аз байн бибарад?

Худои мутаъол дар ниҳоди инсон нерӯе ба вадиъат нагузоштаат, ки дар он нафъе набошад ва эҳтиёҷе ба он набошад ва ҳамчунин дар осмонҳову замин чизеро беҳуда наёфаридааст, балки мехоҳад ин дастгоҳи олами вуҷуд бар асоси низоми омехта бо тадбир сайри мустамирре дошта бошад, то ин, ки инсон аз ҳар чизе истифода кунад ва асбобу васоили гуногуни ин ҷаҳонро истихдом кунад. Локин ин истихдом бояд ба сурате бошад, ки на касе ба худ зараре

бирасонд ва на ба дигаре. Ба ҳамин манзур аст, ки Худои мутаъол қавоъиди шариъат ва завобити онро вазъ карда аст ва аз инҷост, ки ҳар чизеро, ки барои инсон зараровар бошад, ин шариъат ҳаром карда ва он чиро барои инсон нафъе дарбар дошта бошад ва ба дигаре зараре надошта бошад, ҳалол карда аст. Корҳое, ки аз иртикоби онҳо инсон ба худ зарар расонад ё ба дигаре зиён медиҳад, шариъат он ҳама корҳоро мамнуъ қарор додааст ва ҳамчунин шариъат он ҳама корҳоеро, ки дар фоидаи инсонанд ва ба ҳеҷ ваҷҳ зараррасон нестанд, дурусту рост қарор медиҳад.

Он мабдаъе, ки қавоми бинои шариъат Ислом бар он устувор аст, ин аст, ки инсон ҳақ дорад барои амалӣ кардани рағбатҳо ва хостаҳову иҳтиёҷоташ бикӯшад ва дар роҳи таҳсили манфиъати зотии худаш ҳар тавр бихоҳад талош кунад. Вале дар айни ҳол бар ӯ воҷиб аст, ки аз ин ҳақ истифода накунад, магар ба шакле, ки ҳуқуқи дигаре бар асари нодонии ӯ зоеъ нашавад, балки бояд то ҷое, ки метавонад ёру мададгорашон бошад.Локин дар корҳое, ки ҷанбаи нафъу ҷанбаи зарар ҳарду дар он мушоҳида шуда бошад, шариъати Ислом мегӯяд: инсон бояд зарари камро барои фоидаи зиёд таҳаммул кунад ва барои парҳез аз зарари шадид, аз фоидаи ҷузъӣ сарфи назар кунад.

Мусаллам аст, ки барои ҳеҷ инсоне имкон надорад, ки дар ҳар замоне, роҷеъ ба ҳар чизе ё ҳар амале, тамоми ҷанбаҳои нафъу зарари онро бидонад. Бадин ҷиҳат Худои мутаъол, ки донову хабир аст ва ҳеҷ сире аз асрори олами вуҷуд бар ӯ пӯшида нест, низоми комил саҳеҳро барои зиндагӣ гузоштааст ва мардум дар қарнҳои қадим барои пай бурдани бисёре аз масолеҳи ин низом огоҳӣ надоштанд, локин пешрафти илм дар ин замон парда аз рӯи он бардоштааст. Бо ин ҳол ҳанӯз мардуми бисёре масолеҳи онро намедонанд ва ба ҳар андоза илм пешрафту рушд кунад, масолеҳи ин низом дар назари мардум равшан хоҳад шуд. Касоне, ки бар илми ноқис ва уқули заифи худашон такя доштанд, пас аз ин, ки қарнҳо ҳайратзадаву дармонда дар торикии ҷаҳолату хато ва гумроҳӣ

фурӯ рафта буданд, дар охири кор ноҷор шуданд, қоидае аз қавоиди ҳамин шариъатро интихоб кунанд.

Локин касоне, ки бар Паёмбари Худо (салаллоҳу алайҳи ва саллам) эътимод карданд ва ба ҳидояту иршоди ӯ пайравӣ карданд ва аз нури ӯ рӯшной гирифтанд, аз оқибати нодонӣ ва зарарҳои он дар амон монданд.

Ин ашхос ҳамеша дар иҷрои қонуне, ки бар асоси қавоиди илми саҳеҳ ва холис вазъ шуда, чӣ масолеҳи онро دониста ва манофиъи пайравии онро дарк карда бошанд ва чӣ дарк накарда бошанд, мувозиб ва кӯшон будаанд.

## Ҳуқуқ ва ақсоми чаҳоргонаи он

Ба ҳукми шариъати Ислом, ба ҳар фарде аз афроди башар риъояти чаҳор қисми ҳуқуқ воҷиб аст:

1. Ҳуқуқи Худо (ҷ).
2. Ҳуқуқи шахсӣ.
3. Ҳуқуқи мардум.
4. Ҳуқуқи марбут ба он чӣ дар ин дунё истихдоми шахс қарор гирифта, то аз он истифода мекунад.

Ба ҳар мусалмони воқеъӣ воҷиб аст, ки ин чаҳор қисми ҳуқуқро бидонад ва бо камоли ихлосу амонат ва сидқ онро риъоят кунад ва анҷом диҳад.

Шариъати Ислом, ҳар як аз ин ақсомро ҷудогона ташреҳ карда ва барои иҷрои он тариқи возеҳ ва барномаҳои равшане вазъ кардааст то ин, ки башарро дар иҷрои тамоми моводи он дар як вақт кӯмак кунад, ба тавре, ки дар ҳудуди имкон, ҳеҷ гуна ҳақе аз ин ҳуқуқ зоеъ нашавад.

## Ҳуқуқи Худо

**Аввалин ҳақ** аз ҳуқуқи Худои мутаъол бар зиммаи мусалмон ин аст, ки ба Ӯ имон дошта бошад ва ба ӯ ширк наварзад ва ҳеҷ кас ғайр аз ӯро “Илоҳ” ва Парвардигори худ қарор надиҳад ва ин ҳаққи имонӣ ба василаи калимаи “ لا إله إلا الله” адо мешавад, ки тафсили онро қаблан баён кардаем.

**Ҳаққи дуввум** аз ҳуқуқи Худо ин аст, ки мусалмон комилан эътироф кунад ба ин, ки он чӣ аз ҷониби Худо омадааст ҳақ асту ҳидоят. Адои ин ҳақ ба тавре, ки қаблан тавзеҳ додаем, ба такмил мерасад, аз имон ба ин ки: Муҳаммад (салаллоҳу алайҳи ва саллам) фиристодаи Худо аст.

**Ҳаққи саввум** аз ҳуқуқи Худо ин аст, ки итоати ӯ ба ҷо оварда шавад ва адои ин ҳақ ба амал меояд аз иҷрои қонуне, ки китоби Худои маҷид, яъне Қуръони Карим онро баён карда ва ба тавре, ки қаблан ишора кардаем: Суннати Расули акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам) онро тавзеҳ дода ва ташреҳ кардааст.

**Ҳаққи чаҳорӯм** аз ҳуқуқи Худо ин аст, ки (ӯро парастиш карда шавад ва барои адои ин ҳақ фароизу воҷиботе, ки зикри он дар фасли панҷӯм гузашт, бар инсон воҷиб қарор дода шуда аст ва чун риъояти ин ҳақ нисбат ба порае аз ҳуқуқи дигар авлавият дорад, барои адои он бояд то ба ҳадде соири ҳуқукро фидои он кард.

Масалан инсон вақте, ки барои адои фаризаи намоз ё рӯза қиём мекунад, бисёре аз ҳуқуқи нафс ё ҳуқуқи шахсиро аз қабили бедор шудани субҳ ба мавқеъ ва вузӯ гирифтан бо оби сард ва сарфи назар кардан аз бисёр корҳои муҳимму гирифториҳои зарурии рӯз ё шаб, барои чанд бор бояд фидои фаризаи намоз кунад ва ҳамчунин дар мавриди рӯза, ки аз хӯрдану нӯшидан  худдорӣ мекунад ва як моҳи тамом дар Рамазон лаҷом бар сари нафс мезанад, чунон аст, ки аз бисёр ҳуқуқи шахсӣ сарфи назар карда ва онро фадои рӯза менамояд.

Дар масалаи закот, низ қисмате аз ҳуқуқи шахсӣ фидои он мешавад, бо ин маъно, ки дӯстии Худоро бар дӯстии мол тарҷеҳ медиҳад ва дар мавриди сафари Ҳаҷ низ мулоҳиза мешавад, ки машаққати сафарро бар ӯҳда мегирад ва моли зиёдеро дар ин роҳ харҷ мекунад ва ҳам чунин вақте, ки пойи ҷиҳод дар кор меояд, ҷону молашро фидои он менамояд.

Сарфи назар кардан аз ҳуқуқи шахсӣ барои адои ҳуқуқи Худованди мутаъол ва каму беш ба нафъи мардум низ аз ҳамин қабили фидокориҳост.

Дар масъалаи намоз, масалан фалон хидматгор, ки хидмати шахси муайянеро бар ӯҳда дорад ва аз ӯ музд мегирад, дар мавқеъи муайян аз хидматгузории оқое, ки дорад сарфи назар мекунад, барои ин, ки оқои бузургашро (ки Худост) ибодат кунад, то ба ин васила ҳаққи ӯро адо карда бошад ва дар сафари Ҳаҷ низ аз шуъун ва масруфиятҳои маъошу тиҷораташ даст мекашад ва зану фарзандашро мегузорад ва ба хонаи Худо мусофират мекунад.

Гоҳо бидуни тардид, адои ҳаққи Худо бо бисёре аз ҳуқуқи шахсӣ тамос дорад ва дар мавзӯъи ҷиҳод низ, ки инсон даст ба кори ҷанг мешавад, куштан ё кушта шудани ӯ сирфан барои ризои Худост ва ҳамчунин инсон барои адои ҳаққи Худо, бисёре аз чизҳоеро, ки дорад ва дар ихтиёри ӯст, фидо мекунад, монанди ҳайвоне, ки моли шахсии ӯст ва онро қурбонӣ мекунад, ё пуле, ки моли ӯст ва аз он сарфи назар мекунад ва онро дар роҳи Худо инфоқ менамояд.

Вале бояд донист, ки Худои мутаъол барои ҳуқуқи худаш ҳудуде муайян карда аст, то ин ки ҳуқуқи дигарон фидои ҳаққи ӯ нашавад, магар дар ҳадди муайяне, ки аз он гузире (гурезе) нест.

Масалан мавзӯъи намозро дар назар бигиред, мулоҳиза мекунед, ки Худо дар ин кор назари сахтгирӣ надорад, балки “**юср**” яъне суҳулату осоиши бандаашро мехоҳад. Ба ин маъно, ки агар барои вузӯ об дар дастраси шумо набошад ё мариз шавед, ивази об аз хоки пок метавонед истифода кунеду таяммум бигиред ва агар мусофир будед, бояд намозатонро “**қаср**” яъне кӯтоҳ бихонед ва мавқеъе, ки мариз бошед метавонед нишаста ё дарозкашида намоз бихонед ва он чӣ дар намоз хонда шавад, он ҳам чунин миқдор камтар аст, ки намози шумо чанд дақиқа бештар тӯл накашад.

Шариъати Исломӣ мегӯяд: Вақте, ки фурсат доред ва аз итминони хотир бархурдоред, ҳар миқдор аз оёти Қуръон, ки мехонед монанди сураи Бақара, ё Оли Имрон, ё Нисо, ё яке аз ин қабил сураҳои тӯлониро бихонед ,вале вақте, ки кор доред тӯл додани намоз ҷоиз нест.

Ва ҳамчунин ин, ки ҳар вақт инсон довталабона ва ба хоҳиши худ ба нияти “**қурбат**”, яъне ба қасди наздик шудан ба Худои мутаъол баъд аз намозҳои воҷиб, намозҳои нофиларо бихонад, боъиси хурсандии Худост, вале ҳеҷ вақт розӣ нест, ки шумо хоби шабу роҳати рӯзро бар худ ҳаром кунед, ё ин ки вақти касбу коратонро ба хондани навофил бигузаронед, ё ин, ки он қадар машғули намоз хондан бишавед, ки аз тамоми шуъуни зиндагӣ, боз бимонед ва аз масъулияте, ки бар бандагони Худои мутаъол бар ӯҳда доред, беэътино шавед.

Дар масалаи рӯза низ Худои мутаъол барои шумо тасҳилоти зиёде қоил шуда аст, ба далели ин, ки дар тамоми давраи сол фақат як моҳ рӯзаро воҷиб қарор дода ва ҳатто дар мавқеъе, ки мариз ё мусофир бошед, метавонед рӯзаро ба таъхир андозед. Рӯзадор агар бемори шадид шавад ва тарси аз даст додани ҷон дорад, барои ӯ иҷозатт аст, ки рӯза бишиканад ва ба вақти муайяни рӯза ҷоиз нест, ки як дақиқа изофа шавад.

Шахси рӯзадорро иҷозатт аст, ки хӯрдану нӯшиданашро, то вақте ҷорӣ дорад, ки “**хати сафедро аз хати сиёҳ**” яъне сафедии субҳ аз торикии шаб ҷудо ва мушахас шавад ва ба иборати дигар, вақти саҳар аз субҳидам ташхис дода шавад ва сипас ҳамин, ки офтоб ғуруб кард ва мағриб фаро расид, бояд фавран ифтор кунад.

Ва боз ҳарчанд Худои мутаъол аз бандае, ки пас аз сипарӣ шудани моҳи Рамазон, ки махсуси рӯза аст, агар довталабона ва ба ихтиёр ва розигии худ рӯза бигирад хурсанду шод мешавад, вале ҳеҷ вақт дӯст надорад, ки бандааш ҳамеша рӯзадор бошад, қувваташро аз даст бидиҳад ва аз корҳои дунявӣ оҷиз бимонад.

Ва ҳамчунин Худои мутаъол инфоқи  молро дар ҳадди муайяне, ки ба мизони нисоб бирасад, воҷиб қарор дода ва он низ ба миқдори ночизест, вале агар касе пас аз пардохти закот довталабона ва ба ризои хотир бештар аз он миқдор бихоҳад дар роҳи Худо инфоқ кунад, яқинан Худо аз ӯ розӣ мешавад ва отифаи ӯро меписандад. Вале бо ин ҳол иҷозат намедиҳад, ки

тамоми ҳуқуқи шахс ва ҳуқуқи аҳлу аёлашро фидои дигарон намояд ва ҳамаи дороии худашро дар роҳи Ӯ таъоло инфоқ кунад ва худашро дар миёни мардум дасти холиву ҳасратзада нигоҳ дорад, балки дар ин боб низ бар ӯ воҷиб аст, ки эътидолу миёнаравиро аз даст надиҳад.

Масалаи Ҳаҷ низ ҳамин тавр аст. Зеро ҳама медонанд, ки Худои мутаъол ҳаҷро фақат бар ӯҳдаи касоне муқаррар дошта, ки тӯшаи кофӣ дошта бошанд ва қодир бар таҳаммули заҳмату машақати сафар бошанд ва илова бар ин тасҳили дигаре риъоят шуда ва он ин аст, ки ин фариза низ дар тӯли умр фақат як бор бар ӯҳдаи шахсе, ки  дорои шароит бошад, фарз шуда аст ва муқаррар гардида, ки агар амният набошад, ё тарс дар кор бошад, аз сафари ҳаҷ сарфи назар кунад, то ин, ки амният ҳукмфармо шавад.

Нуқтаи дигаре, ки дар ин бора риъоят шуда ин аст, ки мутобиқи муқаррароти Исломӣ ҳар фарде мувазафф аст, ки бо доштани падару модари пир ва аз кор афтода қабл аз сафари ҳаҷ ризояти онҳоро таҳсил кунад ва мутмаъин шавад, ки ғайбати ӯ боиси заҳмату нороҳатии падару модараш нахоҳад буд.

Аз ин баёнот равшан шуд, ки Худои мутаъол бисёре аз ҳуқуқи дигаронро дар ҳуқуқи худаш чӣ қадар муроъот кардааст Бузургтарин фидокории ҳуқуқи инсоният бар ҳаққи Худои мутаъол он аст, ки шахси мусалмон дар мавқеъи ҷиҳод бар ӯҳда мегирад, зеро инсон дар мавқеъи ҷиҳод ҷону моли шахсӣ ва ҷону моли дигаронро маҳзи ризои Худо аз даст медиҳад, вале ба тавре, ки қаблан ишора шуд, қавоъиду мабодии Ислом ҳукм мекунад, ки шахси мусалмон барои дурӣ аз зиёни бисёр, зиёни камро таҳаммул кунад.

Вақте, ки дар бораи ин мабдаъ ва ин асл фикр кунед, тасдиқ хоҳед кард, ки куштани чанд сад ё чанд ҳазор нафар дар баробари мафсадаи ҳукумати ботил бар ҳақ ва ғалабаи дини Худо бар нерӯҳои аҳриманиии куфру ширк ва илҳод ва аз байн бурдани гумроҳӣ ва ҳараҷу мараҷ ва ибоҳият, яъне набудани ҳалолу ҳаром, дар ҳукми таҳаммули зиёни кӯчак аст, дар баробари чунон зиёнҳои сангин.

Ва ба хотири ин зиёнҳои сангин аст, ки Худои мутаъол барои пархез аз он ба бандагони мӯминаш амр фармудааст, ки ба номи ӯ ва дар роҳи ӯ ин зиёнҳои сабукро таҳаммул карда ва ҷону молашонро фидо созанд. Бо инҳол ба онҳо амр кардааст, ки фақат он касеро бикушад, ки аз куштани ӯ гурезре набошад ва бар ашхоси оҷиз ва занону кӯдакон ва маҷрӯҳону беморон, таҷовуз накунанд ва ҷуз он касонеро, ки барои ҳимоят аз ботилашон даст ба кори ҷанг мешаванд, касеро накушанд.

Ва вақте, ки сарзамини душманро ба даст меоранд, бидуни сабабу ҷиҳат ва бидуни эҳтиёҷ, фасоде ба роҳ наандозанд ва пас аз он, ки душман мағлуб ва кишвараш тасхир шуд, дар миёни душманони мағлубу шикастхӯрда ба адолат рафтор кунанд ва ҳар навъ аҳду паймонеро, ки бар ӯҳда мегиранд анҷом диҳанд ва мутобиқи паймоне, ки бо душмани мағлуб мебанданд, рафтор кунанд ва ҳамин, ки душман аз хилофкорӣ ва душманӣ бо ҳақ даст бардошт ва аз ҳимояти ботил мунсариф шуд, ба ӯ коре надошта бошанд.

Ин маъонӣ далел бар он аст, ки Худои мутаъол барои ҳаққи худаш иҷозатти фидокорӣ ба касе надода, магар ин, ки он фидокорӣ дар роҳи таъмини ҳуқуқи инсоният ва хайру салоҳи омаи башар бошад.

### Ҳуқуқи шахсӣ

Инак метавонед дувумин қисмати ҳуқуқро, ки инсон бар зимма дорад ва ҳуқуқи шахсӣ номида мешавад, мавриди мутолиъа қарор диҳед.

Агар бигӯем, ки инсон бештар аз он, ки бар дигарон зулм мекунад, бар худаш зулм мекунад, шояд таъаҷҷуб кунед. Зеро ҳар кас чунин эҳсос мекунад ва тасаввур мекунад, ки худашро бештар аз дигарон дӯст медорад ва тасаввур намекунам, ҳеҷ кас иқрор кунад, ки душмани шахс худаш аст, вале каме дар ин мавзӯъ фикр кунед, ҳақиқати амр бар шумо равшан хоҳад шуд.

Яке аз боризтарин мавориди заъфе, ки фитрӣ ва ҷибиллии инсон аст, ин аст, ки агар яке аз шаҳватҳову

хостаҳои ӯ бар ӯ ғалаба кунад, аз ҳар ҷиҳат мутеъ ва тобеъи он хоҳад шуд ва аз ин раҳгузар ҳар чӣ ба ӯ зарар бирасад, боке нахоҳад дошт, чӣ онро эҳсос кунад ва чӣ накунад.

Шахсеро дар назар бигиред, ки дилбохтаи мастӣ (шароб) шуда аст. Ин дилбохтагӣ чашми ӯро кӯр мекунад ва дар роҳи таҳсили мастӣ зиёнҳои сангине ба саломатии ҷисму ҷон ва молу обрӯяш мерасонад.

Шахси дигареро дар назар бигиред, ки ба ғизоҳои бомаза алоқаманд аст ва ин алоқа сабаби он мешавад, ки ҳар навъ ғизои муфид ё ғайри муфидро бихурад ва худашро дар ин роҳ ҳалок кунад.

Шахси саввумеро мулоҳиза мекунед, ки бандаи шаҳватҳои нафсонии худаш гардида ва корҳое мекунад, ки ӯро ба ҳалокату нобудӣ мерасонад.

Шахси чаҳорумеро дар назар бигиред, ки барои наҷоти ҷону нафси худаш мекӯшад ва ба иборати дигар, мехоҳад тазкия ва парвариши нафс кунад, дар ин маврид ба номи тазкияи рӯҳ ва барои тараққӣ додани он, гушанишинӣ ихтиёр мекунад, то ҷое, ки бо худаш душманӣ мекунад ва мехоҳад ҳамаи лазатҳо ва шаҳватҳову хостаҳоро зери по бигузорад ва аз таҳаққуқи додани эҳтиёҷоти нафс имтиноъ мекунад. Масалан аз издивоҷ худдорӣ мекунад ва хӯрдану нӯшиданашро беандоза кам мекунад. Либоси хуб намепӯшад, балки аз пӯшидани он бадаш меояд ва ҳатто аз нафас кашидан дар ин дунё, ки пур аз гуноҳ аст, хушаш намеояд, бадин ҷиҳат ба ғорҳои кӯҳ ва даруни ҷангалҳо паноҳ мебарад ва хаёл мекунад, ин дунё аслан барои ӯ сохта нашуда аст.

Инҳо намунаҳо ва шавоҳиди кӯчакест барои ифроту тафрити инсон дар ин ҷаҳон. Ва агар бихоҳем дар ин замина баҳс кунем, намунаҳои бисёр зиёдеро дар гӯшаву канори худ мебинем.

Вале аз он ҷое, ки шариъти Ислом хостори растагориву саъодати инсон аст, ӯро ба як ҳақиқати собите таваҷҷӯҳ медиҳаду мегӯяд: "**нафси ту бар ту ҳаққе дорад**".

Ин тазаккур инсонро аз ҳар коре, ки муҷиби зарару зиёни вай бошад аз қабили нӯшидани шароб ва кашидани ҳашишу

афюн ва соири чизҳои масткунанда ва аз хӯрдани гӯшти ҳайвони худмурда ва хуну гӯшти хук ва хурдани соири дарандагони зараровар ва заҳролуд ва ҳайвоноти наҷис, боз медорад ва ҳар кас медонад, ки ин чизҳо дар тандурустиву ахлоқ ва нерӯҳои ақливу руҳии инсон осори зиште доранд, вале ба ҷои ин чизҳои нораво, чизҳои муфиду поку покизаро ҳалол мешуморад ва ба инсон мегӯяд: "**Худатро аз чизҳои ҳалол маҳрум макун, зеро бадани ту бар ту ҳақе дорад**".

Ва боз шариъати Ислом инсонро аз луч зистан манъ мекунад ва ба ӯ амр мекунад, ки зинатҳое, ки Худои мутаъол дар ин дунё барои ӯ офарида, бархурдор шавад ва он қисмат аз аъзои баданро, ки лухт будани он боиси расвоӣ ва далели бешармист, бипӯшонад.

Дар мавриди ба даст овардани ризқ ва касби рӯзӣ, ба инсон амр мекунад, ки он чӣ метавонад бикӯшад ва мегӯяд: "**Дар хона бекор манишин ва дасти ҳоҷат ба тарафи мардум дароз макун ва аз онҳо чизе махоҳ ва дар айни ҳол худатро гурусна магузор ва аз нерӯҳое, ки Худо ба ту арзонӣ кардааст, истифода кун ва аз роҳҳои машрӯъ барои расидан ба он чӣ Худои мутаъол дар замину осмон барои осоишу тарбияти ту офарида, бикӯш ва васоилро, ҳатто худатро фароҳам кун**".

Дар бораи шаҳавоти нафсонӣ низ ба шумо иҷозат намедиҳад, ки онро яксара саркӯб намоед, балки барои ҷавобгӯйи ба шаҳвати ҷинси ба шумо амр мекунад, ки занеро ба никоҳ бигиред.

Ва боз барои ҳифзи иззати нафс ба инсон иҷозат намедиҳад, ки "**нафс**"ро хор кунаду худро аз лаззатҳои зиндагӣ ва неъматҳои ҳаёт маҳрум созад ва ба инсон мегӯяд: "**Агар ту толиби тарақиёти рӯҳонӣ ҳастӣ ва мехоҳӣ ба Худо наздик шавӣ ва дар охират наҷот ёфта бошӣ, эҳтиёҷ надорӣ ва маҷбур нестӣ, ки дунёро тарк кунӣ, зеро дар ёди Худо будан ва аз лаззатҳои зиндагӣ бархурдор шудан ва аз маъсиятҳои Худо иҷтиноб кардан ва пайравӣ аз қонун ва шариъат Худо, инҳо ҳама бузургтарин васила ва**

**нофизтарин асбобу муҷиботи растагорӣ ва некбахтӣ дар дунёву охират аст**".

Ва билохира шариъати Ислом худкуширо бар инсон ҳаром карда ва ба инсон мегӯяд: «**Ин "нафсе"ро, ки ба ту додаанд, моли ту нест, балки моли Худо аст. Ин амонатеаст, ки ба ту супурда шуда аст, то онро барои муддати муайяне истифода барӣ ва ин амонат бозичаи ту нест ва наметавонӣ онро нобуд кунӣ**".

## Ҳуқуқи мардум (ҳуқуқул-ибод)

Шариъати Ислом аз тарафе ба инсон амр карда, ки ҳуқуқи (нафс) ва баданашро риъоят кунад ва аз тарафи дигар ба ӯ амр мекунад, ки ин ҳуқуқро ба тавре адо кунад, ки бо ҳуқуқи соири бандагони Худо дар ин дунё тамос надошта бошад, зеро агар шаҳавоту рағбатҳои худашро бадин гуна масраф кунад, мисли ин аст, ки рӯҳашро наҷис карда ва ба дигаре зиён ворид сохта аст, бадин хотир ғорату сирқат ва ришвахорию хиёнат ва тазвиру макр ва аҳдшиканиву хӯрдани рибоһро ҳаром карда аст, зеро нафъеро, ки инсон ба ин васоил ба даст меоварад дар ҳақиқат ба василаи зарар расондан ба дигарон таҳсил мекунад.

Ва ҳамчунин шариъати Ислом дурӯғ ва ғайбату тӯҳмат заданро ҳаром қарор додааст зеро, ин корҳо ба бандагони Худо зарар мерасонад. Ва низ қимору бахтозмоӣ ва шартбандиҳои номашрӯъро аз он ҷиҳат ҳаром қарор дода, ки таҳсили манфиъат аз ин роҳҳо сабаби зарару зиёни ҳазорон нафари дигар аст. Ва низ фиребу найранг дар ҳар ҷинсе ва дар хасорат сохтани дигарон дар корҳои молӣ аз сабаби ин, ки ба дигарон зиён мерасонад, таҳрим карда аст.

Ва ҳамчунин куштану фасод дар рӯи замин ва фитнаангезиро ҳаром карда, зеро барои ҳеҷ фарде аз афроди башар ҳалол нест, ки дигареро бикушад, ба умеди ин, ки молеро ба даст оварад ё дилашро хунук кунад, ё монанди инҳо ба дигаре садама бирасонад. Ва низ зино ва амали қавми Лутро ҳаром дониста аст, зеро ин гуна корҳо, аз тарафе тандурустӣ ва ахлоқашро фосид мекунад ва аз тарафи дигар ибоҳа, яъне бебандуборӣ ва бешармию пардадариро дар

муҷтамаъ ривоҷ медиҳад ва дар поёни кор, бемориҳои палид рӯй медиҳад ва насли инсонро фосид мекунад ва боиси фитнаангезӣ мешавад ва равобити инсониятро халалдор месозад ва пояҳои фарҳанги ва тамаддунро мутазалзил менамояд.

Инҳо қайдҳое ҳастанд, ки шариъати Ислом бар ҳаёти инсоният задааст то ин, ки инсон дар баробари таъмини ҳуқуқи шахси, ҳуқуқи дигаронро салб накунад ва аз ҳуқуқи дигарон чизе накоҳад.

Вале бояд донист, ки барои пешрафти тамаддуни башарӣ ва таъмини саъодати инсон ин андоза кофӣ нест, ки зарари инсон ба дигаре нарасад, балки дар айни ҳол барои таъмини ин манзур бояд алоқа ва иртиботи мардум бо як дигар бар асосе устувор бошад, ки ҳама дар роҳи хайр бо якдигар ҳамкорӣ кунанд ва дар масолеҳи иҷтимоъи ёру мададгори якдигар бошанд. Дар сутури оянда хулосаи қавонинеро, ки шариъати Ислом барои таъмини ин манзур гузоштааст, ёдоварӣ мекунем.

Равобити башарӣ аз зиндагонии хонавода шурӯъ мешавад, бинобарин лозим аст қабл аз ҳар иқдоме ба зиндагии хонавода назаре биафканем.

Ҳақиқати амр ин аст, ки хонавода ҷуз маҷмӯъае аз зану шавҳар ва фарзандонашон чизи дигаре нест ва шолудаеро, ки Ислом барои хонавода поягузорӣ карда, ин аст, ки шавҳар мувazzаф аст барои таҳсили рӯзии афроди хонавода ба касбу кор бипардозад ва он чиро хонавода ба он ниёзманд аст, омода созад ва аз афроди хонавода дифо кунад, вале вазифаи зан ин аст, ки корҳои дохилии хонаводаро ба василаи даромади шавҳар идора кунад ва ҳадди аксар имкони роҳате барои шавҳару фарзандонаш омода созад ва ба тарбияти фарзандонаш бипардозад.

Вазифаи фарзандон ин аст, ки мутеъи падару модарашон бошанд ва онҳоро эҳтиром кунанд. Вақте, ки бузург шуданд ба хидмати падару модар бипардозанд. Зимнан барои ин, ки низоми хонавода бар асоси хайр ва пешрафти масолеҳ сайр кунад, Ислом ду навъ тадбирро дар назар гирифта аст.

Аввалин тадбир ин аст, ки шавҳар ва падарро ҳокими хонавода қарор дода ва муқаррар дошта, ки корҳои хонаводаро шавҳар ва падар идора кунанд ва ҳамон тавре, ки назми ҳеҷ шаҳру ҳеҷ кишваре имкон надорад бидуни вуҷуди ҳокиме, ки мусаллат бар умур бошад, пешрафт кунад ва назми ҳеҷ мадрасае бидуни мудиру раис имконпазир нест. Ба ҳамон далел маҳол аст низоми хонавода бидуни вуҷуди ҳокиме, ки нозиру муроқиби умури хонавода бошад сурат гирад. Ва агар ҳар фарде аз афроди хонавода дорои фикру назари мустақиле бошад ва масъули корҳояш набошад, ҳараҷу марҷ ва ошуфтагӣ дар хонавода ҳукумат хоҳад кард ва осоишу оромиш ва сукуну итминони хотир рахт бархоҳад баст. Шавҳар ба ҷонибе хоҳад рафт ва занаш ба ҷониби дигаре ва фарзандонашон хароб хоҳанд гашт, пас барои аз байн бурдани ин мафосид, ҳар хонавода ногузир аст, ҳокиме дошта бошад, ки нозир бар умури хонавода бошад ва бадеҳист фақат мард метавонад масъули тарбияту ҳимояти афроди хонавода бошад.

Дуввумин тадбир ин аст, ки чун корҳои хориҷ аз манзил ва муъомалот бар ӯҳдаи мард аст ,вазифаи зан ин аст, ки бидуни сабаб ва бидуни доштани эҳтиёҷи шадид аз хона хориҷ нашавад ва аз ин ҷост, ки зан аз масъулияти корҳои хориҷ аз хона озод шудааст то ин, ки битавонад бо камоли оромиши хотир дар дохили манзил ба таври боиставу шоиста, ба вазоифи худаш қиём кунад ва назми хонавода ва тарбияти авлод ба воситаи хориҷ шудани зан аз манзил халалдор нагардад.

Маънои ин амал ин нест, ки зан ҳеҷ вақт ҳаққи хориҷ шудан аз хонаро надошта бошад, балки баръакс ҳар вақт эҳтиёҷе бошад метавонад аз хона берун биравад ва он чӣ дар ин бора мавриди назари шариъат аст ин аст, ки манзил барои зан марказ ва доираи ҳақиқии вазоифаи ӯст ва он чӣ тавон ва ҳушу истеъдод дорад, бояд дар ислоҳи корҳои дохилияш ба кор барад.

Доираи хонавода ба таносуби робитаи хун ва равобите, ки издивоҷ эҷод мекунад, тавсиъа меёбад ва шариъати Ислом

барои ислоҳи равобити байни афроди хонавода ва бастагони ҳар хонаводае, қавоъиди гуногуне бар асоси ҳикмату маслиҳат вазъ карда, то ҳамаи афрод бо якдигар ҳамкорӣ кунанд ва ҳама ёр ва ёвари якдигар бошанд.

Аз ҷумлаи қавоъиду муқаррароти марбут ба низоми хонавода маводи зер аст:

1. Шариъати Ислом издивоҷи занон ва мардоне, аз қабили модар бо фарзандонаш, падар бо духтаронаш, ҳамсари модар бо рабиба (духтари зане, ки аз дигар падар аст), зани падар ва писари ҳамсар, хоҳару бародари раҳмӣ ва хоҳару бародари ризоъӣ, амак ва духтари бародараш, ама ва писари бародараш, тағо ва духтари хоҳараш, хола ва писари бародараш, модари зан ва шавҳари духтараш, падари зан ва зани писараш, падари шавҳар ва зани писарашро ҳаром карда аст. Яке аз фавоиди бисёре, ки дар ин таҳрим маҳсус ва машҳуд аст ин аст, ки равобиту алоиқи байни ин мардон ва ин занон ҳамеша поку покиза боқӣ мемонад ва ин гуна занону мардон бидуни таклиф ва бидуни шоиба бо якдигар дар робита мебошанд.

2. Ислом баъд аз ҳифзи ин равобит, алоқаи издивоҷ байни соири афроди хонаводаро ҳалол шумурда аст, то ин, ки қаробат бар қаробат афзуда шавад ва муҳаббат дар миёни афрод афзоиш ёбад.

Ин маъно равшану возеҳ аст, ки алоқаи издивоҷ дар миёни касоне, ки ба одоту табоиъу ахлоқи якдигар ошнои доранд, дар муваффақият наздиктар аст, аз алоқаи байни афроде, ки бо якдигар собиқаи ошнои надоранд ва ба хусусияти якдигар маърифате надоранд ва дар бисёре аз маворид мебинем издивоҷе, ки байни бегонагон сурат мегирад ба хусумату адами тавофуқ меанҷомад. Ба ин муносибат Ислом издивоҷ бо “куфи карим”, яъне ҳамсари мутаносиб ва қарибул уфуқро бар дигарон тарҷеҳ медиҳад.

3. Хонаводаи инсонон муштамил мешавад бар ҳама қисм аз афроди башар, чӣ ғаниву чӣ фақир ва чӣ хушҳолу чӣ бадҳол. Ислом мутобиқи наси сареҳ дастӯр медиҳад, ки бузургтарин ҳуқуқеро, ки инсон нисбат ба бандагони Худо бар

ӯҳда дорад, риъояти хешовандони наздики ӯст ва ин маъно дар забони шаръ ба “**силаи арҳом**” таъбир шуда аст ва аз ин ҷост, ки дар Қуръони Карим ва Суннати набавӣ, мукарраран тавсия ва таъкид шуда ва қатъи ин робитаро “**қатъи раҳм**” меноманд ва он аз гуноҳони кабира шинохта шуда аст.

Риъояти ҳоли хешовандону наздикон мафҳуми васеъе дорад, ба ин маъно, ки агар касе дучори тангдастӣ шавад, бар хешовандони наздики ӯ, ки қудрати молии кофӣ доранд, воҷиб аст, ки ба кӯмаки ӯ бишитобанд ва дасти кӯмак ба сӯи ӯ дароз кунанд, чуноне, ки дар мавриди садақа ҳаққи хешовандон бар дигарон муқаддам аст.

4. Барои ирс ҳам Ислом ба чунин тавр қонун вазъ карда ва дастур дода аст, ки агар марде бимирад ва мол аз ӯ бимонад, чӣ каму чӣ зиёд, набояд ин мол дар як маҳал ҷамъ шавад, балки ҳар як аз наздиктарин афроди майит бояд аз моли ӯ саҳме бибаранд ва чун писару духтар ва зану шавҳар ва падару модар ва бародару хоҳар наздиктарин касоне ҳастанд, ки соҳиби ҳаққи ҳар шахсе шинохта мешаванд, лиҳозо шариъати Ислом қабл аз ин, ки саҳми дигаронро таъйин кунад, саҳми ин наздиктарин афродро аз моли майит муайян карда аст ва зимнан дастур дода аст, ки агар наздикони табақаи аввал вуҷуд надошта бошанд, ба хешовандони табақаи дуввум дода шавад. Бадин тариқ сарвати як шахси муайяне байни бисёре аз наздикони ӯ тақсим мешавад ва ҳама баъд аз фавти ӯ аз ирсае, ки гузошта, баҳраманд мешаванд.

Бо таваҷҷӯҳ ба ин маъонӣ бояд гуфт: дар миёни қавонини олами қадиму ҷадид қонуни Ислом назир надорад, гӯё ин, ки баъзе миллатҳо тоза доранд, гомҳое дар ин роҳ бармедоранд, то аз қонуни Ислом баҳраманд шаванд.

Локин таъассуф дар ин аст, ки баъзе аз мусалмонон ба воситае ҷаҳолату сафоҳате, ки домангирашон шуда, ба мухолифати ин қонун шурӯъ кардаанд, то ҷое, ки марази маҳрум кардани духтарон аз мерос дар бисёре аз навоҳии кишварҳои Покистону Ҳиндӯстон, махсусан дар деҳот шоеъ гардида, ҳоло он, ки ин зулми шанеъ ва мухолифати сареҳу возеҳ бо аҳкоми Қуръони Карим аст.

Баъд аз масъалаи равобити хонавода, мавзӯъи равобит бо дӯстону ҳамсоягон ва аҳли маҳала ва ҳамшаҳриёну ҳамватанон ва ҳамчунин ашхоси дигаре, ки дар шуъуни мухталиф бо онҳо сару кор пайдо мекунем, пеш меояд.

Ислом ба мо амр мекунад, ки бо ҳамаи ин ашхос бо садоқату ростӣ ва дурустӣ ва адлу ҳусни хулуқ рафтор кунем ва ҳеҷ фардеро азият накунем ва аз бадзабонӣ ва бадрафторӣ бо онҳо иҷтиноб кунем ва ёру ёвари якдигар бошем ва аз беморон иёдат кунем ва дар ташеъи ҷанозаи мурдагон ширкат кунем. Ва агар фарде аз ин афрод дучори мусибате шавад, ба ҳамдардӣ ва дилдории ӯ бишитобем ва бо бенавоёну ниёзмандон ва дармондагон мӯҳтарамона ва ошкоро кӯмак кунем ва аз кӯдакони ятим ва пиразанон дилҷӯйи кунем ва гуруснагонро таъом диҳем ва бараҳнагонро бипӯшонем ва ба бекорон ҳамкорӣ кунем то ин, ки барои худашон касбу коре пайдо кунанд ва агар Худо ба мо фазле кард, неъмати Худоро дар роҳи исроф ва аёшиву хушгузаронӣ масраф накунем ва низ шариъати Ислом хӯрдану нӯшидан дар зарфи тиллову нуқра ва пӯшидани ҷомаҳои абрешимиро ҳаром карда ва иҷозат намедиҳад, ки пулеро дар роҳи аёши ва тараб, беҳуда харҷ кунем, зеро сарватеро, ки мумкин аст, садҳову ҳазорҳо нафар аз бандагони Худо мавриди истифода қарор диҳанд сазовор нест, ки як фарди муайяне ҳар тавр бихоҳад ва ҳар тавр шаҳвати ӯ ҳукм кунад, онро масраф намояд!

Молеро, ки ҳазорон нафар аз бандагони Худо метавонанд, рамқи ҳаёташон қарор диҳанд, агар мубаддал ба як ришта ҷавоҳирот кунед ва ба гарданатон биовезед ё ба сурати зинати олот дароваред ва рӯи мизҳои худатон бигузоред, ё ба шакли зарфҳои тилло ва нуқра дароваред, ё ба сурати фаршҳои гаронқимат дароваред ва зинати утоқатон қарор диҳед, ё дар роҳи оташбозиҳои маснуъӣ, ки дар ҳаво дуд мешавад, харҷ кунед, албатта зулм аст.

Мақсуд аз ин дастур ин нест, ки Ислом бихоҳад он чӣ сарват доред аз шумо бигирад, балки ҳамаи сарватеро, ки аз тарафи падару модар ба шумо расидааст, моли шумо ва ҳаққи ҳалоли шумост ва ҳаққи онро доред, ки аз сарвататон

баҳраманд шавед ва ҷоиз аст, ки дар либосу хӯрок ва манзилу маркабатон осори неъматеро, ки Худо ба шумо дода нишон бидиҳед, локин ғарази аслӣ аз таълимоти Ислом ин аст, ки зиндагонии покизае омехта бо эътидол ва сарфаҷӯйи дошта бошед ва дар камолиёт, яъне ташрифоти зиндагӣ ифрот накунед, балки дар он чӣ Худо ба шумо насиб карда, ҳуқуқи хешовандону дӯстон ва ҳамсоягону ҳамватанон ва ҳамкешон ва ҳама фарзандони одамро риъоят кунед.

Ҳоло метавонед аз ин доираи танг хориҷ шуда ва ба доираи васеътаре, ки шомили ҳамаи муслимини ҷаҳон бошад, назар афканед.

Ислом дар ин доираи васеъ, қавонин ва завобитеро гузоштааст ва ба ин васила ҳамаи мусалмононро тавре қарор дода, ки ҳама дар корҳои хайр ва некукорию парҳезкорӣ бо якдигар ҳамкорӣ кунанд ва ёру мададгори якдигар бошанд ва то ҳудуди имкон иҷозатт надиҳанд палиди ва зишткорӣ дар рӯй замин сар баланд кунад.

Дар сутури оянда ба порае аз ин қавонин ишора мекунем:

1. Ислом барои ҳифзи ахлоқи иҷтимоъӣ амр карда аст, ки занону мардоне, ки дар муҷтамаъ дорои равобити машрӯъе нестанд, ба сурати озод бо якдигар омезиш надошта бошанд ва амр карда аст, ки занҳо муҳити ҷудогонае дошта бошанд, ғайр аз муҳити мардҳо ва дастур додааст, ки занҳо ҳиммат ва саъяшонро сарфи анҷоми вазоифи марбут ба зиндагонии хонавода намоянд. Зимнан иҷозатт дода аст, ки агар занон мӯҳтоҷ ба хориҷ шудан аз манзил шуданд, зинат ва зеваре надошта бошанд, балки бо либоси сода берун раванд ва баданашонро низ бипӯшонанд ва ҳиҷобро бо камоли хавф аз Худованди мутаъол риъоят намоянд ва модоме, ки дар ҳақиқат эҳтиёҷи сахте даркор набошад, сурат ап ду дасташонро низ бипӯшонанд, вале фақат дар мавқеъи лузум метавонанд сурат ва ду дасташонро боз нигоҳ доранд. Ин амал дар истилоҳи шаръ "**ҳичоб**" номида мешавад.

Аз тарафи дигар Ислом ба мард амр карда, ки аз нигоҳ кардан ба сурати занони дигар (ғайр аз зани худаш) иҷтиноб кунад ва агар чашми мард бидуни қасд ап амд бар рӯи зани

дигаре афтод, чашмашро баргардонад ап дигар бор ба сурати он зан нигоҳ накунад. Нигоҳ кардан бори дигар айю аст ва кушиш барои омезиш ба занони ғайр айбтараст.

Вазифаи ҳар зане ва ҳар марде ҳукм мекунад, ки ахлоқашро ҳифз кунад ва нагузорад дар қалбаш майле ва рағбате, агар чӣ бисёр кам, барои шаҳавоти нафсонии вай хориҷ аз доираи издивоҷи машруъ бедор шавад, чӣ расад ба он ки дорои чунин қасде бошад ё дар роҳи чунон қасди кӯшиш кунад!.

2. Ислом ба манзури ҳифзи ахлоқи иҷтимоъӣ боз гузоштани байни ноф ва сари ду зонуро барои мард манъ карда аст ва ҳамчунин кашфи тамоми аъзои бадани зан (ҷуз сурату панҷаи даст)ро ҳатто барои низдиктарин хешовандон ҳаром намудааст.

Ин амал дар истилоҳи шаръ "**сатр**", яъне пӯшиш номида мешавад ва барои ҳар зану марде воҷиб аст, ки бар ин амр мувозабат кунад.

Назари Ислом дар ин бора ин аст, ки асл ва модаи ҳаё дар ниҳоди мардум рушд кунад ва фавоҳишу мункарот, ки муртакибашро ба ибоҳият –яъне бебандуборӣ- ва паст рафтани ахлоқ мекашонад, дар миёни мардум шоеъ нашавад.

3. Ислом корҳои тарабангез ва беҳударо, ки боиси фасоди ахлоқи инсонӣ ва сабаби таҳрики шаҳавоти паст ва боиси зоеъ шудани авқот ва табоҳии тандурустӣ ва аз байн рафтани амволи шахс мешавад, намеписандад.

Бидуни тардид лаҳв ё тафриҳ ба зоти худ чизест зарурӣ ва барои тақвияти рӯҳ нашот ва нерӯй амал дар инсон ва парвариши рӯҳи ҳаёт барои амал ва иқдом, амре аст лозим. Локин тафреҳ бояд эҷоди нашот кунад ва рӯҳро тару тоза нигоҳ дорад ва лаҳв ё тафреҳ набояд сурате дошта бошад, ки рӯҳро торику касиф намояд. Локин корҳои тарабангезу тафриҳоти зишту паст ва палиде, ки ҳазорон нафар дастаҷамъона даври ҳам нишаста ва ҳаводиси хаёлӣ ва вақеаҳои хаёлӣ аз иртикоби ҷароим ва манзараҳои сохтагӣ пур аз бебандуборӣ ва пастахлоқиро рӯи пардаи синамо мушоҳида мекунанд, натиҷае ҷуз фасоди ахлоқ ва тақлидҳои

зишту қабеҳ ва одати накуҳидаи душман аз он ҳосил намешавад!

4. Ислом барои ҳифзи ягонагӣ ва саъодати иҷтимоъии мусалмонон, амри бо таъкид содир карда, ки аз мухолифат бо якдигар бипарҳезанд ва аз авомили тахрибу тафриқа иҷтиноб кунанд ва дастур дода аст, ки агар дар коре бо якдигар ихтилоф пайдо карданд, бо ихлосу ҳусни ният, ба китоби Худо ва Сунати Акрам (салаллоҳу алайҳи ва салам) мурочиъат кунанд ва ҳар гоҳ порае дар он амр итифоқи назаре ҳосил накарданд, амрашонро ба Худо вогузоранд ва даст аз низоъ ва душманӣ бардоранд ва дар корҳое, ки мутазамини салоҳу растагории ҳамагонӣ ва саъодати умумӣ аст, бо якдигар ҳамкорӣ кунанд ва мутеъи улуламр бошанд[17] ва аз мардони бад ва фитнаангез дурӣ кунанд ва нерӯи худашонро зоеъ насозанд ва милаташонро ба василаи ҷангҳои дохилӣ, беобру ва расво нанамоянд.

5- Ислом ба мусулмонон иҷозатт дода аст, ки улум ва фунунро аз ғайри мусалмонон фаро гиранд ва туруқи нофеъи онро биомӯзанд, локин иҷозатт надоранд, ки дар зиндагӣ худашонро ташбеҳи дигарон бисозанд, зеро ҳеҷ миллате ба миллати дигаре шабоҳат пайдо намекунад, магар вақте, ки ба зиллату хорӣ ва зердастии худ ва ба бартарӣ ва тарақии дигарон, эътироф карда бошад.

Ва инчунин эътирофе аз палидтарин ва касифтарин анвоъи убудият ва бандагист. Ва низ бадеҳист чунин эътирофе ҳокӣ аз мағлубият ва инҳитот аст ва натиҷаи қатъии он аз байн рафтани маданияти миллати тақлидкунанда аст ва ба ҳамин муносибат Расули акрам (салаллоҳу алайҳи ва салам) ҳамаи мусалмононро аз пайравии миллатҳои бегона ва ихтиёри тамаддуни онон барҳазар дошта аст ва ҳар кас андак ақле дошта бошад, мефаҳмад, ки қудрати ҳар миллате вобаста ба либос ё тарзи зиндагии он миллат нест, балки манут ба алуму ҳусни танзим ва инзибот ва нерӯи амали он аст. Дар ин сурат касе, ки хостори қудрат ва камоли тараққӣ бошад, бояд он

[17]: Бадеҳист, улуламр касест, ки мақомаш баъд аз мақоми набуват ё улуламре, ки дар худ ниёбат аз чунон мақоми муқаддаме бошад. (Мутарҷим)

чиро, ки муҷиби нерӯ ва тараққию камол шуда, фаро гирад ва ба он чӣ боиси зиллату хорӣ ва сарафкандагии миллатҳост, рағбат нишон надиҳад ва билохира замимаи миллатҳои дигар нашавад ва ҳаёти миллӣ ва арзишҳои онро аз даст надиҳад.

Мусалмонон иҷозатт надоранд, ки бо ғайри мусалмонон бо таъассуб ва кӯтоҳназарӣ, муъомила кунанд ва ба худоёнашон фаҳш бигӯянд ва ё ба бузургонашон таън бизананд ва ё ба динҳояшон иҳонат кунанд. Ва ҳамчунин иҷозатт надоранд, ки бо дигарон оғози хусумат кунанд ва модоме, ки ғайри мусалмонон нисбат ба мусалмонон хостори мусолиҳату мусолимат бошанд ва ба ҳуқуқи мусалмонон таҷовуз накунанд, вазифаи мусалмонон ин аст, ки нисбат ба онон бо мусолиҳату мусолимат, яъне бо роҳи сулҳу ва созиш рафтор кунанд.

Вазифаи муҳиме, ки шарафу ифтихори Исломияти мо бар ӯҳдаи мо гузошта ин аст, ки бикӯшем то ҳадди аксар авотифи муҳаббату мувосот ва ахлоқи олии инсониятро нисбат ба касоне, ки мусалмон нестанд аз худ нишон диҳем ва ҳамчунон таваҷҷӯҳ дошта бошем, ки рафтори мо бо ғайри мусалмонон агар омехта бо таъассубу бадахлоқӣ ва ситамкориву кӯтоҳназарӣ бошад, ин амал мухолифи аҳкоми **Ислом** ва фитрати мусалмонӣ аст, зеро омили аслӣ ва ангезаи асосии қиёми мусалмонон ҷуз ин набуда ва нест, ки мусалмонон аз лиҳози ҳусни ахлоқ ва шарафу синаи боз ва баландии назар ва салоҳандешӣ сармашқ бошанд, то ҳамаи мардуми ҷаҳон ба онон иқтидо кунанд ва пайрави эшон бишаванд ва дар айни ҳол ба василаи рафтори накӯ, қулуби дигаронро ба мабодии поку покизаи Ислом, ки мабни бар ҳақу адолат аст, ҷалб кунанд.

## Ҳуқуқи соири махлуқот

Ин чаҳорумин навъи ҳуқуқро барои шумо бо ихтисор шарҳ медиҳем ва мегӯем: Худои мутаъол инсонро бар бисёре аз махлуқоташ бартарӣ дода ва ба ӯ иҷозат дода аст, ки мутасарриф ва ҳоким бар бисёре аз махлуқоташ бошад ва онҳоро ба василаи қудрат ва нерӯе, ки дорад, мутеъи иродаи

худаш қарор диҳад ва онро ба нафъи худаш истихдом кунад ва аз он ҷое, ки инсон дар рӯй замин беҳтарин ва баргузидатарин махлуқоти Худост, ҳақе дорад, ки чунин тарзу равиш дар баробари соири махлуқот бакор барад. Вале дигар махлуқот ҳам ҳуқуқе чанд дар баробари инсон дошта аст.

Аз чумлаи ин ҳуқуқ, яке ин аст, ки инсон бидуни доштани эҳтиёҷи шадид, набояд ҳеҷ як аз ин махлуқотро аз байн бибарад ё ба онҳо зараре ё азияте бирасонад ва фақат дар мавқеъе, ки ногузир ва ноилоҷ бошад, метавонад ба онҳо зарару садамаи зарурӣ ворид созад ва барои истихдом ва баҳрабардорӣ аз ин махлуқот беҳтарин ва одилтарин роҳро интихоб кунад.

Шариъати Ислом дар роҳи иҷрои ин манзур аҳкоми мутавотиреро изофа кардааст. Масалан ба инсон иҷозатт надода аст, ки ҳайвонеро ҷуз барои ғизо, ё барои парҳез аз зарару зиён ба қатл бирасонад ва бо таъкиди тамом амр кардааст, ки ҳеҷ ҳайвонеро, ҷуз дар мавриди эҳтиёҷи шадид ва бо роҳи осон аз байн набарад. Ва боз дар мавриди куштани ҳайвоноти ҳалол, тариқи хосеро ба унвони "**забҳ**" муқаррар доштааст, ки барои ба даст овардани гӯшти нофеъ беҳтарин тариқ шинохта мешавад.

Бояд донист, ки ҳар тариқе ғайр аз тариқи "забҳи исломӣ", агар барои ҳайвони ҳалол гӯшт камзаҳматтар аст, дар иваз бисёре аз фавоиди гӯштро аз байн мебарад ва боз ҳар тариқе ғайр аз ҳамин тариқ, ки шариъати Ислом таъйин кардааст, агар барои ҳифзи фавоиди гӯшт фоидаовартар аст, заҳмату азияти бештар барои ҳайвон дорад.

Куштани ҳайвони ҳалолгуштро бо қасоват ва азият дар Ислом шадидан наҳй карда аст.

Куштани ҳайвоноти даранда ва ҳашароти заҳрдорро ба он хотир иҷозатт додааст, ки қадру арзиши ҳаёти башар аз ҳаёти дарандагон бештар аст, бо вуҷуди ин иҷозатт надода аст, ки ҳатто дарандагонро бо азоб ва азияту шиканҷа бикушанд.

Ва низ Ислом гурусна нигоҳ доштани ҳайвонотеро, ки барои саворӣ ё боркашӣ мавриди истифода қарор медиҳем, шадидан наҳй карда аст ва ба ҳеҷ ваҷҳ иҷозатт намедиҳад, ки

зиёда бар тоқату истиъдоде, ки доранд, боре бар онҳо таҳмил шавад ё ба сахтӣ зарбае бар онҳо ворид оварем.

Ва боз Ислом ҳабс кардани парандагонро бидуни зарурат макрӯҳ донистааст. На фақат парандагон, балки Ислом ризоят намедиҳад, ки ба дарахтон ҳам садамав ва зиёне ворид оварем ва дар ин маврид низ ба мо иҷозат дода аст, ки гулҳо ва меваҳои дарахтонро бичинем, локин ҳақ надорем, бидуни эҳтиёҷ шохеро қатъ кунем ё дарахтеро аз реша дароварем. Аз ин болотар сарфи назар аз набототе, ки дорои ҳаётанд, Ислом иҷозат намедиҳад, ки ҳатто чизеро, ки бидуни ҳаёт аст, зоеъ созем, ба далели ин ки ҳатто аз рехтани об ва зоеъ сохтани он бидуни эҳтиёҷ, манъ карда аст.

## Шариъати ҷаҳонии доим

Он чӣ ба забони қалам гуфта шуд, хулосаи мухтасар ва кӯтоҳе аст аз аҳком ва қавонини он "**шариъати байзо**", яъне низомҳо ва муқарраротӣ дурахшоне, ки ба воситаи Паёмбари мо, Муҳаммад (салаллоҳу алайҳи ва салам) аз тарафи Худои мутаъол барои тамоми инсонияи ва барои ҳар замон марҳамат шудааст ва бояд донист, ки дар ин шариъат ҳеҷ чиз башареро аз башари дигар ҷудо намекунад, магар ақида ва амал.

Ва боз бояд ба ин нукта таваҷҷӯҳ дошт, ки дар ҳақиқат ҳамаи шариъатҳо ва диёнатҳое, ки байни афроди башар бар асоси масъалаи нажод, ё ватан, ё ранг тафовут қоил шудаанд, наметавонанд шариъати ҷаҳонӣ бошанд, зеро ба ҳукми табиъат маҳол аст фарде аз як нажоди муайян ба сурати фардӣ аз нажоди дигар шинохта шавад ҳамчунон, ки барои ҳамаи мардуми замин имкон надорад, ки ҳама дар ҳам фишурда шаванд ва худашонро маҳдуд ба як сарзамини муайяне бидонанд ва он сарзаминро ватани хосашон бишиносанд. Ҳамон тавре, ки имкон надорад сиёҳии ранги ҳабашӣ ё зардии чинӣ, ё сафедии фарангиро аз фитрат ва табиъати ӯ зоил кунем. Пас зоҳири амр ҳукм мекунад, ки чунин диёнатҳое, ҷуз дар миёни миллати муайяне наметавонад ба вуҷуд ояд ва боқӣ бимонад. Вале дар баробари

ҳамаи ин диёнатҳо Ислом шариъати ҷаҳонӣ оварда аст, ки барои ҳар фарде, ки ақидаи Исломро қабул кунад ва бигӯяд: "لا إله إلا الله محمد رسول الله", метавонад дохил дар умати мусалмон шавад ва аз ҳамон ҳуқуқе, ки соири мусалмонон бархурдоранд, баҳраманд гардад, зеро дар ин шариъат нажод, ё забон, ё ватан, ҳеҷ кадом эътиборе надорад.

Аз ҳама муҳимтар ин ки: ин шариъат шариъатест доим ва қавонини он мабни бар эътироф ва тасдиқи уммат ё миллати хос ё бар асоси одоту русуми замони маҳдуд ва муъаяне нест, балки мабни бар мабдаъ ва асли фитрат аст, ки зотӣ ва ҷибиллии инсон аст ва аз он ҷое, ки ки фитрат дар ҳар замон ё ҳоле собиту пойдор аст ва ҳеҷ гуна тағйире дар он рӯй намедиҳад, пас ин сунану низомоте, ки бар асоси фитрат поягузорӣ шуда, дар ҳар замоне ва ҳар ҳоле ба ҳамин сурат собиту пойдор ва ҷовид хоҳад монд.

**Ва охиру даъвоно анилҳамду лиллоҳи рабилоламин.**
**Яъне охирин дуъои мо ин аст ки бигӯем: Ҳамду сипос махсуси он Худое аст, ки парвардигори ҷаҳониён аст.**

# Феҳрасти мавзуот

**1. Тақдим......................................................................2**
**2. Фасли аввал: Ислом......................................................4**
• Чаро дини Ислом бо ин исм номгузорӣ шудааст?.............4
• Маънои калимаи Ислом............................................................5
• Ҳақиқати Ислом......................................................................5
• Ҳақиқати Куфр........................................................................8
• Зарарҳои куфр ва оқибатҳои зишти он...............................9
• Фавоиди Ислом......................................................................14
**3. Фасли дуввум: Имон ва Тоат...................................23**
• Эҳтиёҷи инсон ба илм ва яқин барои тоат........................23
• Маънои имон..........................................................................25
• Василаи таҳсили улм ва яқин..............................................27
• Имон ба ғайб..........................................................................30
**4. Фасли саввум: Нубуват..............................................32**
• Ҳақиқати Нубуват..................................................................33
• Шинохти Пайғамбар..............................................................36
• Тоати Пайғамбар....................................................................37
• Эҳтиёҷ ба имон ба Паёмбарон..............................................40
• Хулосаи таърихи нубуват......................................................42
• Нубувати Муҳаммад (с).........................................................49
• Субути нубувати Муҳаммад (с).............................................51
• Хатми Нубуват........................................................................62
• Далоили Нубуват....................................................................63
**5. Фасли чаҳорум: Имони ба тафсил:.........................66**
• Маънои «لا إله إلا الله»..................................................................70
• Ҳақиқати «لا إله إلا الله»..............................................................70
• Таъсири ақидаи тавҳид дар зиндагии инсон.....................77
• Имон ба фариштагони Худо.................................................83

- Имон ба китобҳои Худо........................................................85
- Имон ба Паёмбарони Худо..................................................90
- Имон ба Рӯзи охират.............................................................97
- Эҳтиёҷ ба ақидаи тавҳид.......................................................94
- Ростӣ ва дурустии ақида ба охират....................................98
- Калимаи Тайбаҳ..................................................................102

**6. Фасли панҷум: Ибодот............................................104**

- Маъонии ибодот..................................................................105
- Намоз ....................................................................................107
- Рӯза.......................................................................................111
- Закот.....................................................................................113
- Ҳаҷ.........................................................................................116
- Ҳимоят аз Ислом..................................................................119

**7. Фасли шашум: Дин ва Шариат.............................123**

- Фарқ байни Дин ва Шариат.................................................123
- Васоили маърифати аҳкоми Шариат...............................124
- Фиқҳ.......................................................................................125
- Тасаввуф...............................................................................127

**8. Фасли ҳафтум: Аҳкоми Шариат..........................131**

- Мабодии шариат..................................................................131
- Ҳуқуқ ва ақсоми чаҳоргонаи он.........................................135
- Ҳуқуқи Худо.........................................................................135
- Ҳуқуқи шахсӣ.......................................................................140
- Ҳуқуқи бандагон (Ҳуқуқул-ибод).....................................143
- Ҳуқуқи соири махлуқот......................................................152
- Шариати доимии ҷаҳонӣ.....................................................154
- Феҳрасти мавзуот.................................................................157

****